ISSN 2075 – 9584

Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ТОҶИКИСТОН
# ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

Центр стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан

# ТАДЖИКИСТАН
# И СОВРЕМЕННЫЙ МИР

Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan

# TAJIKISTAN
# AND CONTEMPORARY WORLD

№ 1(69) 2020

Душанбе – 2020

**ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ** ___________________________

**Муассис:** Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Учредитель:** Центр стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан

**Founder:** Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan

**Главный редактор: ЗИЁЙ Х.М.**

**Редколлегия**: *Мухаммадзода П.А., доктор политических наук, М. Диноршоев, доктор философских наук, академик АН Республики Таджикистан, К. Олимов, доктор философских наук, академик АН Республики Таджикистан, Ш. Рахимзода, доктор экономических наук, Курбонов А., доктор философских наук, Р. Нуриддинов, доктор политических наук, Дж.С. Пирзода, доктор экономических наук, профессор, Л.Саидмурадов, доктор экономических наук, профессор, чл.корр. АН Республики Таджикистан, Р.Р. Кудратов, доктор экономических наук, профессор, К.К.Давлатзода, доктор экономических наук, профессор, Хаким А., кандидат политических наук, К. Камолов (ответственный секретарь),*

*Перевод и редактура таджикских текстов: З. Давлатов*

*Перевод и редактура русских и английских текстов: Т. Мирзоева*

*Технический редактор: Ш. Холиков*

*Маҷаллаи “Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз” ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2020 таҳти №96 ворид карда шуд. Инчунин маҷалла дар индекси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) пайваста ворид карда мешавад.*

Журнал «Таджикистан и современный мир» включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) Министерства образования и науки Российской Федерации. А также журнал входит в индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации (№ 135/МҶ - 97 от 24 июля 2019 года).

Подписной индекс журнала: 77968
Адрес редакции: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 40. Тел: (992 37) 221-11-00, 221-16-36; e-mail: info@mts.tj

## МУНДАРИҶА

### СИЁСАТШИНОСӢ

**МУҲАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАҲМОН**
ФАЗОИ МАҶОЗӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТӢ – ИМКОНИ НАВИ ТАБЛИҒОТИ ИНТИХОБОТӢ..........................................12

**НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,**
НАМУНАИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ..............19

**МУҲАММАД САЪДӢ АБДУРАҲМОН**
НАҚШИ РАМЗҲОИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ НИЗОЪҲОИ СИЁСӢ.........34

**САИДОВ СУЛТОН МАҲМАДОВИЧ,**
ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ХОНИГАРИИ ХИВА БО КИШВАРҲОИ ҲАМҶАВОР ДАР АСРҲОИ XVIII-XIX (БАР МАБНОИ САРЧАШМАҲО)..........................................................................................42

**ҒАФУРОВ СОРБОН ХУШДИЛОВИЧ**
**ХОЛИҚОВ ФИРДАВС АМИРШОЕВИЧ**
АРЗЁБИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИ КАСБИИ КАЛОНСОЛОН: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО..........................................................................53

### ИҚТИСОДИЁТ

**ҚАЮМОВА ШАҲЗОДА ТАҒОЕВНА**
ИМТИЁЗҲОИ ДАВЛАТӢ БАРОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.................................68

**ОДИЛОВА РУХШОНА КОМИЛОВНА**
ДАР БОРАИ РУШДИ СОҲАИ ТУРИСТИЮ РЕКРЕАТСИОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН..........................................................................................78

**БАРОТОВ ТОҲИРХОН ҶӮРАЕВИЧ**
ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ СОҲАИ МОҲИПАРВАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....................................................................87

**ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ** ___________________________

**ҚУРБОНОВ ШАЙДУЛЛО ЯТИМОВИЧ,**
**ҚОДИРЗОДА ДИЛОВАР БАҲРИДДИН,**
**ЁРОВ ҶАМШЕД НУРУЛЛОЕВИЧ**
БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР....................100

**ХОЛМАТОВ МУАЗАМ МУҲАМАДАМИНОВИЧ**
ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМИИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР......................111

**БОБОШОҲЗОДА ШОҲИН МУҲАММАДШАРИФ**
ХУСУСИЯТҲОИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ВОРИДОТИВАЗКУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР.........................124

**ВАСИЕВ ФАРИДУН МАХМАДОВИЧ**
РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ ШАКЛ ВА МЕТОДҲОИ ИНСТИТУТИ ШУҒЛИ ИНФИРОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН………………..136

**ҶӮРАЕВА САНАВБАР САНГИНОВНА,**
**АБДУҚОДИРОВ ХАЙРУЛЛО АБДУСАЛОМОВИЧ**
ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ИНКИШОФИ ИНФРАСОХТОРИ ХИЗМАТРАСОНИИ ХОҶАГИИ МАНЗИЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН…………………………………………………….............144

**МАҲМАДНАЗАР ҶАМШЕДОВИЧ ҶАМШЕДОВ**
ОМИЛҲОИ БА ВАЗЪ, ҲОЛАТ ВА ДИНАМИКАИ БОЗОРИ МОЛҲОИ ИСТЕЪМОЛИИ ТАЪСИРКУНАНАНДА..................................................156

**САФАРОВА МУБОРАК БОБОХОНОВНА**
БАҲОДИҲИИ САМАРАНОКИИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ БЕРУНА......................................................166

**ЗОКИРӢ ТОҶИДДИН БАҲРИДДИН**
ФАРМОИШИ ДАВЛАТӢ ВА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ОН.........................................................................179

**МИРСАИДОВА НАФИСАБОНУ САЙФУЛЛОҶОНОВНА**
КОРПОРАТСИЯҲОИ ФАРОСМИЛЛӢ ҲАМЧУН АСОСИ ИҚТИСОДИЮ МОЛИЯВИИ ТАМОЮЛҲОИ ҶАҲОНИШАВӢ........................................191

**ШАРИПОВ БАҲРОМ МАҲМУДОВИЧ,**
**ХОЛИҚЗОДА АБДУХОЛИҚ САНАВБАР**
МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ САВДОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ РУШДИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТӢ.............202

**НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,**
БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ИСЛОҲОТИ МУЗДИ МЕҲНАТИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИИ КАСБӢ ВА ПАЖӮҲИШГОҲҲОИ СОҲАВӢ ........................................................213

**ҚУДРАТОВА ФАРЗОНА РУСТАМОВНА,**
БАЛАНД БАРДОШТАНИ САРМОЯГУЗОРИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ..................................................................................................226

## ҶОМЕАШИНОСӢ

**НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА**
МАОРИФ ҲАМЧУН АРЗИШ: МАФҲУМ, ВАЗИФАҲО ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ОН………………………………….........237

**БАҲРОМБЕКОВ ВАФОБЕК АМАДБЕКОВИЧ**
**МИРОВ ФИРӮЗ САФАРАЛИЕВИЧ**
ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ГУСТАРИШИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶОМЕА.........................................................................................................247

**ЗИЁИ ХУРШЕД МАХШУЛЗОДА**
ҶАӮОНБИНИИ ФАРОГИР.....................................................................259

## СОДЕРЖАНИЕ

### ПОЛИТОЛОГИЯ

**МУХАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАХМОН**
ВИРТУАЛЬНОЕ ПРОСТРАНСТВО И ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ–НОВЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ ПРЕДВЫБОРНОЙ АГИТАЦИИ……………………………………………..12

**НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН**
МОДЕЛИ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ГОСУДАРСТВА И ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ..19

**МУХАММАД САЪДИ АБДУРАХМОН**
РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ СИМВОЛОВ В ПРОЦЕССЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ КОНФЛИКТОВ ……………………………………………………….34

**САИДОВ СУЛТОН МАХМАДОВИЧ**
ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОБСТАНОВКА И ДИПЛОМАТИЧЕСКИЕ ВЗАИМООТНОШЕНИЯ ХИВИНСКОГО ХАНСТВА СО СВОИМИ СОСЕДНИМИ СТРАНАМИ (НА ОСНОВЕ ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКОВ)..............................................................................................42

**ГАФУРОВ СОРБОН ХУШДИЛОВИЧ**
**ХОЛИКОВ ФИРДАВС АМИРШОЕВИЧ**
ОЦЕНКА ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ ОБУЧЕНИЯ ВЗРОСЛЫХ: ПОЛОЖЕНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ……………………………………..53

### ЭКОНОМИКА

**КАЮМОВА ШАХЗОДА ТАГОЕВНА**
ГОСУДАРСТВЕННЫЕ ЛЬГОТЫ ДЛЯ УЛУЧШЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОГО КЛИМАТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН..........................................................................................68

**ОДИЛОВА РУХШОНА КОМИЛОВНА**
К ВОПРОСУ О РАЗВИТИИ ТУРИСТСКО-РЕКРЕАЦИОННОЙ СФЕРЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ………………………………………………………78

**БАРОТОВ ТОХИРХОН ДЖУРАЕВИЧ**
СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВА ОТРАСЛИ РЫБОВОДСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН……………………………………………87

**ҚУРБОНОВ ШАЙДУЛЛО ЯТИМОВИЧ,**
**КОДИРЗОДА ДИЛОВАР БАХРИДДИН**,
**ЁРОВ ҶАМШЕД НУРУЛЛОЕВИЧ**
НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА И ЕГО ТЕНДЕНЦИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ……………………………………………………………..…100

**ХОЛМАТОВ МУАЗАМ МУХАМАДАМИНОВИЧ**
ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА….111

**БОБОШОХЗОДА ШОХИН МУХАММАДШАРИФ**
ОСОБЕННОСТИ РЕАЛИЗАЦИИ ПОЛИТИКИ ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ...124

**ВАСИЕВ ФАРИДУН МАХМАДОВИЧ**
ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ФОРМ И МЕТОДОВ ИНСТИТУТА САМОЗАНЯТОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН……………….136

**ДЖУРАЕВА САНАВБАР САНГИНОВНА,**
**АБДУКОДИРОВ ХАЙРУЛЛО АБДУСАЛОМОВИЧ**
СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И РАЗВИТИЕ ИНФРАСТРУКТУРЫ ЖИЛИЩНО-КОММУНАЛЬНОГО ХОЗЯЙСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН……………………………………………………….…144

**МАХМАДНАЗАР ДЖАМШЕДОВИЧ ДЖАМШЕДОВ**
ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА СОСТОЯНИЕ И ДИНАМИКУ РЫНКА ПОТРЕБИТЕЛЬСКИХ ТОВАРОВ……………………………………….156

**САФАРОВА МУБОРАК БОБОХОНОВНА**
МЕХАНИЗМЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ВНЕШНЕЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ……………………………………………...166
**ЗОКИРИ ТОДЖИДДИН БАХРИДДИН**
ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ЗАКАЗ И НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОЦЕНКИ ЕГО ЭФФЕКТИВНОСТИ……………………………………………...179

**МИРСАИДОВА НАФИСАБОНУ САЙФУЛЛОЖОНОВНА**
ТРАНСНАЦИОНАЛЬНЫЕ КОРПОРАЦИИИ КАК ОСНОВА ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ГЛОБАЛИЗАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ........................................................................................191

**ШАРИПОВ БАХРОМ МАХМУДОВИЧ,**
**ХОЛИКЗОДА АБДУХОЛИК САНАВБАР**
ПРОБЛЕМЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В КОНТЕКСТЕ РАЗВИТИЯ ЕЕ ЭКСПОРТНОГО ПОТЕНЦИАЛА ………………………202

**НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ**
НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РЕФОРМИРОВАНИЯ ЗАРАБОТНОЙ ПЛАТЫ РАБОТНИКОВ УЧРЕЖДЕНИЙ НАЧАЛЬНОГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ОТРАСЛЕВЫХ ИНСТИТУТОВ ..................................................................................213

**КУДРАТОВА ФАРЗОНА РУСТАМОВНА**
УВЕЛИЧЕНИЕ ИНВЕСТИЦИЙ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЕ ПРОИЗВОДСТВО……………………………………………………226

## СОЦИОЛОГИЯ

**НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА**
ОБРАЗОВАНИЕ КАК ЦЕННОСТЬ: ПОНЯТИЕ,ФУНКЦИИ И ЕГО ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ……………………………………………........237

**БАҲРОМБЕКОВ ВАФОБЕК АМАДБЕКОВИЧ**
**МИРОВ ФИРӮЗ САФАРАЛИЕВИЧ**
СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ КОРРУПЦИИ В ОБЩЕСТВЕ……………………………………………………………..247

**ЗИЁИ ХУРШЕД МАХШУЛЗОДА**
ИНКЛЮЗИВНОЕ МИРОПОНИМАНИЕ .................................................259

## CONTENT

### POLITICAL SCIENCE

**MUHAMMADZODA PARVIZ ABDURAHMON**
VIRTUAL SPACE AND INFORMATION-COMMUNICATION TECHNOLOGIES –NEW OPPORTUNITY FOR PRE-ELECTION AGITATION…………12

**NURIDDIN PARVIN RAIMALIKHON**
MODELS OF THE STATE AND CIVIL SOCIETY INTERACTION IN ENSURING NATIONAL SECURITY…………19

**MUHAMMAD SADI ABDURAHMON**
THE ROLE OF POLITICAL SYMBOLS IN THE PROCESS OF POLITICAL CONFLICTS…………34

**SAIDOV SULTON MAKHMADOVICH**
POLITICAL SITUATION AND DIPLOMATIC RELATIONS OF THE KHIVA KHANATE WITH ITS NEIGHBORING COUNTRIES (BASED ON HISTORICAL SOURCES)…………42

**GAFUROV SORBON HUSHDILOVICH**
**KHOLIQOV FIRDAVS AMIRSHOEVICH**
EVALUATION OF THE STATE POLICY ON EDUCATION OF ADULTS: SITUATION AND PERSPECTIVES…………53

### ECONOMY

**KAYUMOVA SHAKHZODA TAGOEVNA**
GOVERNMENT INCENTIVES FOR INVESTMENT CLIMATE IMPROVEMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN…………68

**ODILOVA RUKHSHONA KOMILOVNA**
THE ISSUE OF THE RECREATIONAL TOURISM SECTOR DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN…………78

**BAROTOV TAKHIRKHON JURAEVICH**
STATUS AND PROSPECTS OF THE FISH FARMING INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN………………………………………………87

**KURBONOV SHAYDULLO YATIMOVICH,**
**KODIRZODA DILOVAR BAHRIDDIN,**
**YOROV JAMSHED NURULLOEVICH**
SOME ISSUES OF IMPROVING THE MANAGEMENT OF TOURISM DEVELOPMENT AND ITS TRENDS IN MODERN CONDITIONS………100

**KHOLMATOV MUAZAM MUHAMADAMINOVICH**
DIGITAL ECONOMY OF THE MODERN TAJIKISTAN………………….111

**BOBOSHOKHZODA SHOKHIN MUHAMMADSHARIF**
FEATURES OF THE IMPLEMENTATION OF IMPORT SUBSTITUTION POLICY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS…………………………………………………………...124

**VASIEV FARIDUN MAKHMADOVICH**
WAYS TO IMPROVE THE FORMS AND METHODS OF THE INSTITUTE OF SELF-EMPLOYMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN………...136

**DZHURAEVA SANAVBAR SANGINOVNA,**
**ABDUKODIROV KHAIRULLO ABDUSALOMOVICH**
MODERN CONDITION AND DEVELOPMENT OF THE INFRASTRUCTURE OF THE HOUSING AND COMMUNAL ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN…………………………………………..144

**MAHMADNAZAR JAMSHEDOVICH JAMSHEDOV**
FACTORS INFLUENCING THE CONDITION AND DYNAMICS OF THE CONSUMER GOODS MARKET……………………………………………156

**SAFAROVA MUBORAK BOBOKHONOVNA,**
MECHANISMS OF STATE REGULATION OF FOREIGN LABOR MIGRATION……………………………………………………………….166

**ZOKIRI TOJIDDIN BAKHRIDDIN**
STATE ORDER AND SOME QUESTIONS OF ASSESSING ITS EFFICIENCY……………………………………………………………….179

**MIRSAIDOVA NAFISABONU SAYFULLIJONOVNA**
TRANSNATIONAL CORPORATIONS AS THE BASIS FOR FORMATION AND DEVELOPMENT OF GLOBALIZATION PROCESSES……………..191

**SHARIPOV BAHROM MAHMUDOVICH,**
**KHOLIKZODA ABDUKHOLIK SANAVBAR**
PROBLEMS OF FOREIGN ECONOMIC ACTIVITY IMPROVEMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF ITS EXPORT POTENTIAL DEVELOPMENT........................................................................................................202

**NASRIDDINOV FIRDAVS INOYATOVICH**
SOME ISSUES OF WAGE REFORM OF EMPLOYEES OF PRIMARY VOCATIONAL EDUCATION INSTITUTIONS AND INDUSTRY INSTITUTES………………………………………………………….213

**KUDRATOVA FARZONA RUSTAMOVNA**
INCREASE OF INVESTMENTS IN AGRICULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN………………………………………………………….226

## SOCIOLOGY

**NAZIROVA MARKHAMAT NAZAROVNA**
EDUCATION AS A VALUE: CONCEPT, FUNCTIONS AND ITS BASIC PRINCIPLES………………………………………………………….237

**BAKHROMBEKOV VAFOBEK AMADBEKOVITCH**
**MIROV FIRUZ SAFARALIEVICH**
SOCIO-ECONOMIC FACTORS OF CORRUPTION IN SOCIETY………..247

**ZIYOI KHURSHED MAKHSHULZODA**
INCLUSIVE WORLDVIEW.........................................................................259

УДК: 32:303.4

# ФАЗОИ МАҶОЗӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТӢ – ИМКОНИ НАВИ ТАБЛИҒОТИ ИНТИХОБОТӢ

**МУҲАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАҲМОН,**
доктори илмҳои сиёсӣ, муовини директории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел.: 992-372-27-86-96; e-mail: mts-05022019@mail.ru,

*Дар мақолаи мазкур масоили истифодаи фазои маҷозӣ ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ҳамчун имкони нави таблиғоти интихоботӣ, методҳои истифодабарии ТИК, дахолати кишварҳои абарқудрат ва гуруҳҳои манфиатҷӯ дар раванди интихобот, истифодаи шабакаҳои иҷтимоии ҷаҳонӣ ва ба роҳ мондани иртиботи фардӣ бо шаҳрвандон, инчунин вижагии интихоботи парлумонии соли 2020 дар Тоҷикистон дар тафовут ба интихоботи қаблӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, интихобот, интихоботи парлумонӣ, раванди интихобот, таблиғоти интихоботӣ, Комиссияи марказии интихобот, фазои маҷозӣ, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, амнияти иттилоотӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ.*

Ба ҳамагон маълум аст, ки рӯзи 1 марти соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъракаи муҳими сиёсӣ – интихоботи интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ баргузор гарда, рӯзи 2 март Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Тоҷикистон натиҷаҳои онро эълон намуд. Ҳама ҳизбҳои сиёсӣ бо барномаҳои хосу қолиби худ ва бо як масъулияти баланди худшиносӣ ва ватандӯстӣ барои пешрафти минбаъдаи давлатдории миллӣ дар интихоботи парлумонии соли ҷорӣ иштирок намуда, талош варзиданд.

Мардум бо як рӯҳияи баланди сиёсӣ, бо иродаи қавӣ ва инчунин бо як руҳияи идона ҳама аз фазои сулҳу амнияти рӯзмарра, осмони софу ва ҳавои беғубори кишвар нафаси тоза кашида, ба интихоботи порлумонӣ омодагӣ мегирифтанд ва иштироки фаъоли худро дар ин маъракаи муҳими сиёсии кишвар бо як майлу рағбати беандоза эълон медоштанд.

Бечунучаро саҳми арзандаи раиси ҲХДТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фароҳам овардани фазои орому осуда, таъмини амнияти давлат ва шаҳрвандон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои баргузории интихоботи шаффофу озод ва иштироки ҳама ҳизбҳои сиёсии кишвар дар интихоботи парлумонии соли ҷорӣ бузург аст.

Шаҳрвандони кишвар ин рӯзро бесаброна интизор буданд ва аз тақдири рушди минбаъдаи кишвар масъулияти баланд ҳис карда, аз

баргузоршавии ин маъракаи муҳими сиёсӣ дар фазои амниятӣ хушҳолӣ менамуданд. Дар остонаи интихоботи парлумонӣ дар байни ҷомеа ибораҳои зерин ҳамарӯза вирди забони мардум буд ва садои баланди ҷавонони ватандӯст ба гӯш мерасид: “Тоҷикистон ба пеш”, “Ҳама ба интихобот”, “Ман интихоби худро дорам”, “Иштирокам ҳатмист”, “Райъи ман ҳалкунанда аст”, “Ман масъулиятро ҳис мекунам ”, “Иштирок дар интихобот – масъулияти шаҳрвандии ман”, “Ман интихоб накунам, кӣ мекунад? ” ва ғ.

Вижагии интихоботи парлумонии соли 2020 дар Тоҷикистон дар тафовут ба интихоботи қаблӣ дар он зоҳир мегардид, ки ҳизбҳои сиёсии кишвар ба таври бесобиқа ва бемаҳдудият фазои маҷозиро ҳамчун имкони нави таблиғоти интихоботӣ ба манфиати номзадони худ истифода намуданд ва дар ин раванд ҳеҷ кас сари роҳи ин таблиғот шуда наметавонист ва маҳдудият ворид кардан ҳам имкон надошт. Бояд икрор шуд, ки чунин усули таблиғоти интихоботӣ барои Ҷуҳурии Тоҷикистон нав ва беназир буд, ки ин аз рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар кишвар дарак медиҳад.

Усули таблиғоти интитихботӣ бо истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои маҷозӣ барои ҳама ҳизбҳои сиёсӣ имкони ташвиқи барномаҳои пешазинтихоботиро дар дурдасттарин минтақаи кишвар ба таври шабонарӯзӣ ва бемамонияту бемаҳдудият фароҳам овард.

Агар интихоботи парлумонии соли ҷориро бо интихоботи панҷ сол қабл муқоиса намоем, пас ба ҳар як фарди солиму дурандеш маълум мегардад, ки ҳама гуна имконияти воқеӣ, чи дар фазои маҷозии ҷомеаи иттилоотӣ ва чи дар фазои ҷомеаи анъанавии Тоҷикистон фароҳам буд ва раванди таблиғоти интихоботӣ бомаром идома дошту мардуми кишвар хеле фаъол буданд. Дебату баҳсҳо, ташвиқу тарғиби барномаҳои пешаинтихоботӣ ва вохӯриҳои ҳизбҳои сиёсӣ бо мардум ва бо шукуҳу шаҳомати хосса, чи дар фазои маҷозӣ ва чи дар фазои анъанавии Тоҷикистон, бомаром ба назар мерасид.

Бояд қайд намуд, ки технологияҳои иттилоотии замони муосир дар ҷомеаи иттилоотӣ, пеш аз ҳама, ба муносибатҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ таъсири амиқ расонида, шаклҳои зоҳиршавии сиёсиро дигаргун намуда истодаанд. Дар чунин шароит роҳу усулҳои таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ ба амал меоянд. Иттилоот ҳамчун манбаи асосии ҷомеаи иттилоотӣ ва технологияҳои иттилоотӣ омили муҳими пешрафт ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар соҳаҳои гуногун ба амал меояд. Дар чунин шароит истифодаи технологияҳои мазкур дар соҳаи сиёсат низ ногузир мегардад.

Дар шароити муосир бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири "сиёсати нарм", ғасби иттилоотӣ, паҳн гардидани иттилооти экстремистӣ ва таъсири онҳо ба афкори ҷамъиятӣ, махсусан, таъсири кибертерроризм ва киберэкстремизм дар ҷомеа ва

киберҳамлаҳои тарғиботӣ дар раванди маъракаи таблиғотии интихоботӣ, ба мушоҳида мерасанд.

Рушди ТИК ва ҷомеаи иттилоотиро бе шабакаи интернет тасаввур намудан ғайри имкон аст. Дар раванди истифодабарии шабакаи интернет ҳар як кишвар ба ду мушкилоти асосӣ рӯ ба рӯ мегардад:

–якум, ташаккулдиҳии контенти миллӣ ва инфрасохтори иттилоотии мамлакат (бо забони давлатӣ сохта ба истифода додани системаҳои иттилоотии соҳавӣ, ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронӣ, ташаккули ҳукумати электронӣ ва ғ.);

–дуюм, таъмин намудани амнияти иттилоотии мамлакат (таъмини амнияти инфрасохтори иттилоотии кишвар, баланд бардоштани саводнокии компютерии шаҳрвандон, омода кардани мутахассисони соҳаи ТИК, ҳимояи фазои иттилоотии мамлакат аз таҳдидҳои кибертерроризм ва киберэкстремизм, аз ҷумла, аз киберҳамлаҳо дар раванди маъракаи таблиғотии интихоботӣ)[2].

Қайд кардан бамаврид аст, ки тайи ду даҳсолаи охир дар шабакаи интернет шабакаҳои мухталифи иҷтимоие дар фазои маҷозӣ ба вуҷуд омадаанд, ки ҳар яки онҳо хусусиятҳои ба худ хоссеро доро мебошанд. Агар аз як ҷониб шабакаҳои иҷтимоӣ иртиботи одамонро таъмин намоянд, аз ҷониби дигар сарчашмаи тарғибу ташвиқи андешаҳои ифротӣ ва ҳамчун унсури таъсиррасон ва тарғибу ташвиқ дар раванди маъракаи интихоботӣ васеъ истифода мегарданд.

Масалан, айни замон дар шабакаи интернет чунин шабакаҳои иҷтимоӣ, ба монанди «Facebook», «Twitter», «Telegram», «WhatsApp», «Wechat», «IMO» «Instagram» «В Контакте», «Одноклассники», «Viber», «Мой мир» «Мир тесен», «Yandex: Мой круг», «MYSPACE», «BeOn» ва ғайра мавҷуд аст. Дар байни онҳо «Facebook» ҳамчун бузургтарин шабакаи иҷтимоии интернетӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта, мувофиқи оморҳои моҳи июли соли 2019 онро ҳар моҳ беш аз 2,2 миллиард аъзошудагон фаъол истифода мебаранд.

Дар ҷомеаи иттилоотии Тоҷикистон, ки дар раванди босуръати ташаккулёбӣ қарор дорад, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) ҳамчун омили муҳим ба ҳисоб меравад, махсусан дар раванди маъракаи таблиғотии интихоботи соли 2020.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифобарандагони интернет хеле зиёд мебошанд. Тадқиқоти сотсиологӣ дар солҳои охир нишон доданд, ки аз истифодабарандагони сомонаҳои интернетӣ аз ҳисоби ҷавонон зиёд ба назар мерасанд. Агар мо ба вақтҳои истифодабарии интернет диққат диҳем, дар маҷмӯъ, аз онҳо 53,5%-и истифодабарангони интернет дар қаламрави кишвар ҳаррӯза ба сомонаҳои интернетӣ пайвастагӣ доранд, вале 46,5%-и он бошад, ақаллан дар як ҳафта як бор ва ё ду бор ба интернет пайваст мешаванд. Таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки аксари истифодабарандагони он аз ҳисоби ҷавонони шаҳр мебошанд (яъне 68,2 дарсад ҷавонони шаҳр ва 41,8 дарсад ҷавонони деҳот).

Вобаста ба минтақаҳои истифодабарандагони интернет дар ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе – 65%, ВМКБ – 50%, вилояти Суғд – 43%, НТМ–33,5% ва вилояти Хатлон –14,3%ро ташкил медиҳанд [2].

Илова бар ин, дар соли 2019 аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегии "Зеркало" таҳқиқоти сотсиологӣ дар бораи "Дар Тоҷикистон кӣ ба чӣ бартарӣ медиҳад: тадқиқот доир ба афзалияти ВАО миёни аҳолӣ" гузаронида шуд. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки бештари истифодабарандагони интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар "Youtube", «Одноклассники» ва "Facebook" фаъолтар мебошанд. Машҳуртарин ва серистифодатарин шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон «IMO» ва «Viber» ба шумор меравнад. [1].

То моҳи декабри соли 2019 дар Тоҷикистон 645500 истифодабарандаи "Facebook" ба қайд гирифта шудааст, ки 6,8% аҳолии кишварро ташкил дода, аксарияти онҳо мардон буданд - 78,1%. Ё ин ки 302 000 одамони аз 25 то 34 сола ҳамчун калонтарин гурӯҳи истифодабарандагон ба ҳисоб рафтанд. [4].

Ё ин ки мувофиқи маълумоти "Data Reportal" то моҳи январи 2020 шумораи умумии истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон 2.42 млн ба қайд гирифта шуда, рушди солонаи он 15% ташкил дод. Инчунин, мувофиқи он то январи соли 2020 дар Тоҷикистон 490 ҳазор истифодабарандаи фаъоли шабакаҳои иҷтимоии "Instagram" ва 240 ҳазор истифодабарандаи фаъоли "Facebook", 53,3 ҳазор истифодабарандаи фаъоли "Linkedin" ва 11,6 ҳазор истифодабарандаи фаъоли "Twitter" ба қайд гирифта шудааст. [5].

Аз ин ҷо бар меояд, ки маълумот доир ба истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар кишвар якхела набуда, тафовут дида мешавад, вале дар маҷмӯъ, рушди ТИК дар Тоҷикистон бо суръати хеле баланд идома дошта, истифодаи сомонаҳои интернетӣ, хосатан шабакаҳои иҷтимоӣ, назар ба дигар ВАО аз ҷониби ҷавонони кишвар васеъ истифода бурда мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тайи ду даҳсолаи охир шабакаи интернет яке аз воситаҳои хеле муҳимми пешбурди фаъолияти сиёсӣ гардидааст. Таҷрибаи баргузории интихоботҳои кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки номзадҳо чӣ гуна аз саҳифаҳои интернетӣ истифода менамоянд. Ё ин ки кишварҳо ва гурӯҳҳои манфиатҷӯ дар раванди маъракаҳои интихоботӣ бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ ҳамлаҳои хакериро анҷом дода, аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ бо паҳн намудани маълумоти бардуруғ нисбати сиёсати давлатии ин ё он кишвар ба мафкураи шаҳрвандон таъсир расонида, дар райъи шаҳрвандон нисбати номзадҳо таъсир мерасонанд. Илова бар ин, дар раванди маъракаи интихоботии кишварҳо гурӯҳҳои манфиатҷӯ бо ирсоли миллионҳо пайомакҳо аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва умуман паҳн намудани маълумотҳои танқидӣ дар байни аҳолӣ нисбати сиёсати давлатии кишварҳо, проблемаҳои дохилии онҳо, мавқегирии як кишвар вобаста ба

дигар кишварҳо, аз ҷумла мавқегирии нодурусти ҳизбҳо ва ғайра таъсир расониданд.

Яке аз методҳои истифодабарии ТИК ва дахолати кишварҳои абарқудрат ин созмон додани ҳазорҳо истифодабарандаи бардурӯғ бо номҳои маҳаллии кишварҳо дар шабакаҳои иҷтимоии "Twitter" ва "Facebook" ё ин ки истифода намудани ҷавонон дар паҳн намудани маълумоти "фейк" ё худ бардурӯғ мебошад. Таҷрибаи интихоботии баъзе кишварҳо нишон медиҳад, ки бо ин роҳ тавонистанд ба мафкураи мардум таъсир расонанд ва як навъ бадбинии мардумро бедор намуда, райъи мардумро ба фоидаи ҳизбҳои худ ба даст оварданд. Баъзе аз кишварҳо аллакай таъсиси ҳазорон истифодабарандаи бардурӯғ бо номҳои маҳаллиро дар шабакаҳои иҷтимоии "Twitter" ва "Facebook"-ро муайян намуда, фаъолияти онҳоро маҳдуд ва бекор намудаанд, то ин ки аз ҳамлаҳои хакерӣ дар раванди интихоботӣ эмин бошад.

Ҷиҳати амалӣ намудани ин ҳадаф ва барои иртибот доштан бо ҷавонон ва назорати онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва умуман, баҳри таъмини амнияти иттилоотии кишвар пешниҳод мегардад, ки дар оянда кишвари мо низ шабакаҳои иҷтимоии худӣ ё маҳаллиро бо додани имтиёзҳои махсус ташкил намояд, то ки ҷавонон аз он истифода баранд. Масалан, Чин шабакаҳои иҷтимоии худдиро бо номи «QQ» ва «Wechat» дорад, ки истифодаи онҳо аз ҷониби шаҳрвандони Чин нисбат ба истифодаи шабакаҳои иҷтимоии дигари ҷаҳонӣ бештар ба назар мерасад. Чиниҳо тариқи истифодаи шабакаи иҷтимоии «Wechat» на танҳо муошират менамоянд, балки тамоми амалиёти хариду фурӯш тавассути он пардохт мегардад. Тоҷикистон низ бо ин роҳ метавонад бо ҷавонони кишвар дар фазои иттилоотӣ дар иртибот қарор дошта бошад ва онҳоро аз таъсири идеологияи бегона нигоҳ дошта тавонад.

Ҳизбҳои сиёсии кишвар дар раванди баргузории маъракаҳои интихоботӣ оид ба номзадҳо дар баробари дигар ВАО, инчунин, аз шабакаҳои интернетӣ низ ба таври васеъ истифода менамоянд.

Дар саҳифаҳои сомонаҳои интернетӣ саҳифаҳои иттилоотию таблиғотӣ махсус оид ба барнома ва номзадон аз ҳизбҳои сиёсии кишвар, аз ҷумла, аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон кушода, барои интихобкунандагон маълумоти зарурӣ манзур намуданд, ки ба манфиати кор буд. Илова бар ин, бо мақсади паҳни васеи маълумот, саҳифаҳои иттилоотию таблиғотӣ дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии («Facebook», «Twitter», «Telegram», «WhatsApp», «Wechat», «IMO» «Instagram» «В Контакте», «Одноклассники», «Viber»)-и ҳама аъзоёни ҳизбҳои сиёсӣ, ки истифодабарандагони интернет мебошанд, ҷой дода шуданд ва дар паҳн намудани он фаъол буданд. Махсусан, ҳизбҳои сиёсӣ аз тариқи блогерҳои фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн намудани маълумот доир ба барнома ва номзадони худро мавриди истифода қарор доданд, зеро ҳар кадоме аз блогерҳои фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ садҳо хонандаи худро доштанд. Ва ҳангоми гузоштани як хабар аз ҷониби блогер аллакай дар як вақт садҳо

хонандаи саҳифаи шабакаи иҷтимоии ӯ аз маълумоти мазкур бохабар гардиданд. Бо ин роҳ имкон фароҳам омад, то шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ки истифодабарандагони фаъоли интернет дар фазои маҷозии кишвар ба ҳисоб мераванд, дар бораи номзадҳои ҳизбҳои сиёсӣ маълумоти муфассал пайдо намуданд. Аз раванди баҳсу мунозира ва масъалагузории онҳо хабардор гаштанд.

Ҳамарӯза дар раванди таблиғоти интихоботӣ рақобати солими ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ва ҷомеаи анъанавии кишвар ба назар мерасид, ки муҳит ва фазои таблиғотӣ пурра аз баҳсу мунозираи рақибон буд.

Фазои маҷозӣ ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ барои ҳизбҳои сиёсӣ имкон ва вазъияти нави кориро фароҳам овард, ки барои рафтории сиёсии онҳо, махсусан дар раванди таблиғоти интихоботӣ осониҳои зиёдеро ба бор оварда, сармояи зиёдро талаб намекард.

Бинобарин, ба андешаи мо, дар раванди талиғоти интихоботӣ истифодаи фазои маҷозӣ ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва инчунин, ба роҳ мондани иртиботи фардӣ бо шаҳрвандони кишвар, махсусан бо ҷавонон, ки қисми зиёди аҳолии кишвар ва фаъолони фазои маҷозии он ба ҳисоб мераванд, яке аз роҳҳои муҳимми ба муваффақият ноил гардидани номзадон дар интихоботи парлумонии соли 2020 мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Медиапредпочтения населения Республики Таджикистан: ТВ, радио, печатные издания, сайты, социальные сети и мессенджеры. // http://zerkalo.tj/uploads/files/2020/MediaPreff-2019_Final_RUS.pdf . 2019. С.5
2. Молодежь Центральной Азии. Таджикистан (результаты социологического исследования). - Алматы. 2017 -С.124.)
3. Таваров Д.С. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон). Монография . – Душанбе “ЭР-граф”, 2018. – 180 с.
4. https://napoleoncat.com/stats/facebook-users-in-tajikistan/2019/12
5. https://datareportal.com/reports/digital-2020-tajikistan

# ВИРТУАЛЬНОЕ ПРОСТРАНСТВО И ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ – НОВЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ ПРЕДВЫБОРНОЙ АГИТАЦИИ

**МУХАММАДЗОДА ПАРВИЗ АБДУРАХМОН,**
доктор политических наук, заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 40,
тел.: 992 372-27-86-96; e-mail: mts-05022019@mail.ru,

*В данной статье анализируются вопросы использования виртуального пространства и информационно-коммуникационных технологий как новых возможностей для агитации на выборах, методов использования ИКТ, вмешательства сверхдержав и заинтересованных групп в избирательный процесс, использования глобальных социальных сетей и личных (индивидуальных) общений с гражданами, а также особенности прошедших парламентских выборов 2020 года в Таджикистане в отличии от предыдущих выборов.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, выборы, парламентские выборы, избирательный процесс, избирательная кампания, Центральная избирательная комиссия, виртуальное пространство, информационно-коммуникационные технологии, социальные сети, политические партии и информационная безопасность.*

# VIRTUAL SPACE AND INFORMATION-COMMUNICATION TECHNOLOGIES –NEW OPPORTUNITY FOR PRE-ELECTION AGITATION

**MUHAMMADZODA PARVIZ ABDURAHMON**
D. Sc. in Political Science, deputy director of the Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan
734025,Tajikistan, Dushnabe city, Rudaki ave. 40,
tel.: 992-372-27-86-96; e-mail: mts-05022019@mail.ru,

*This article analyzes the issues of using of cyberspace and information-communication technologies as new opportunities for election agitation, methods of using ICT, the interference of superpowers and interested groups in the electoral process, the use of global social networks and personal(individual) communication with citizens, as well as the specifics of the 2020 parliamentary elections in Tajikistan in contrast to previous elections.*

***Keywords:*** *Tajikistan, elections, parliamentary elections, election process, election campaign, Central Election Commission, virtual space, information and communication technologies, social networks, political parties and information security.*

**УДК:323.2+323.21**

# НАМУНАИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ ДАВЛАТ ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, сардори Раёсати таҳлил
ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти
стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел.: (+992 37) 227-70-61, e—mail: panurama@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур намунаи ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини амнияти миллӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Тибқи ақидаҳои муҳаққиқони кишварҳои ғарбӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ сохторе мебошад, ки на танҳо чун воситаи робита бо давлат, балки чун ниҳоди назорат ва муносибсозии равандҳои таъмини амнияти миллӣ ба вуҷуд омадааст. Аз нуқтаи назари онҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятии дорои рӯҳияи ватандӯстӣ, тавонмандии давлатро тақвият мебахшанд, на ин ки заиф месозанд. Ҳамзамон, муаллиф қайд менамояд, ки тақвияти назорати давлатӣ ба фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ҳамчунин, таҳияи феҳристи "агентҳои таъсири хориҷӣ" зарур аст, зеро ин ба "берун кардани" операторони грантии асосии хориҷӣ аз кишвари қабулкунанда мусоидат мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, амнияти миллӣ, ҳамкории мутақобила, либералӣ-демократӣ, этатистӣ, «беэътиноӣ», «муқобила» ва ғ.*

Ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо рушди робитаи муколимавии сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳокимият алоқаманд аст ва метавонад ба таҳкими амнияти шахсият, ҷомеа ва давлат мусоидат расонад. Нишондиҳандаи расмии рушди иттиҳодияҳои иҷтимоӣ афзоиши шумораи онҳо мебошад, аммо тавонмандии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсии давлат, аз ҷумла дар танзими таҳдидҳо ба амнияти он, на танҳо аз шумораи чунин ташкилотҳо, балки аз сифат ва мавҷудияти роҳҳои муассири иртибот байни сохторҳои ҳукуматӣ ва шаҳрвандон вобаста аст.

Меъёрҳои асосии самаранокии татбиқи намунаҳои ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба таҳкими амнияти миллӣ

мусоидат мекунанд, сатҳи муассирияти амали сиёсии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дастгирии онҳо аз тарафи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд. Чунин дастгирӣ дар симои шаҳрвандон бевосита аз тариқи иштироки сиёсии онҳо дар амалисозии стратегияи таъмини амнияти миллӣ, яъне тавассути амали инфиродӣ ва гурӯҳии пешбиникунандаи таъсирасонӣ ба сиёсат дар соҳаи дастгирии амнияти давлатӣ амалӣ мешавад. Амали мазкур дар сурате ки технологӣ бошад, муассир хоҳад буд [9].

Дар доираи таҳқиқи намунаҳои ҳамкории мутақобилаи мақомоти ҳокимият ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳангоми таъмини амнияти шахсият, ҷомеа ва давлат бояд "намунаи шартномавӣ"-и ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандии тарҳрезишуд аз тарафи Д.Локк, Т.Гоббс ва Ш. Монтескёро дар назар гирифт.

Дар намунаи мазкур, мутобиқи назарияи шартномаи ҷамъиятӣ, ба уҳдаи давлат нақши ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ва истиқлолияти давлатӣ, тасдиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҷамъоварии боҷ вогузор карда мешавад. Ва шаҳрвандон вазифадоранд, ки меъёрҳои қабулкардаи ҳокимиятро риоя намоянд, аммо ба онҳо ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо, аз ҷумла моликияти хусусиашон кафолат дода мешавад.

Муҳаққиқ А.Токвил зимни таҳқиқи масъалаи намунаи ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми таъмини амнияти давлатӣ таъкид намудааст, ки онҳо набояд бо якдигар муқобил гузошта шаванд. Ин муҳаққиқи фаронсиявӣ қайд кардааст, ки иттиҳодияҳои шаҳрвандӣ бояд на танҳо асоси ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил диҳанд, балки ба уҳдаи онҳо вазифаҳои муайяни таъмини амният, ки мақомоти ҳокимиятӣ тавони ҳаллу фасли онҳоро надоранд, вогузор гардад [12].

Ҳангоми намунасозии ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ дар чорчӯбаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тарафдорони равиши ниҳодӣ таҳқиқгарон Д. Коммонс, Ҷ. Гэлбрейт ва Я. Тинберген ниҳоди муҳимтаринро иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо мешуморанд [5]. Онҳо чунин ҳисоб мекунанд, ки иттиҳодия метавонад ба кумаки механизмҳои назорати иҷтимоӣ-сиёсӣ бо эҳтиёҷоти ҷомеаи шаҳрвандӣ мутобиқ карда шавад. Дар роҳандозии назорати иҷтимоӣ-сиёсӣ, бидуни шак, нақши пешбар ба давлат тааллуқ дорад, аммо иттиҳодияҳои шаҳрвандон низ қудрати таҳкими тавонмандии давлатро доранд [5].

Муҳаққиқи америкоӣ Э. Арато зимни таҳқиқи ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба алоқаманд бо амнияти миллӣ таваҷҷуҳро ба яке аз рукнҳои амнияти иқтисодӣ ҷалб мекунад. Таъкид менамояд, ки ба сабаби рушди сохти сармоядорӣ, давлат имконияти озодии муносибатҳои бозориро ба даст

овардааст. Маҳз барои ҳамин, пажӯҳишгари мазкур намунаи ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандиро пешниҳод кардааст, ки аз се қисми асосии зерин иборат аст: давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иқтисодиёт [1]. Аммо муҳаққиқ Г.Н. Вайнштейн се намунаи ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҳангоми ҳимояи манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат ҷудо мекунад. Хусусияти намунаи аввал – муқобила, аз он иборат аст, ки тақвияти яке аз акторҳои пешбари сиёсӣ маънои заиф шудани акто-ри дигарро дорад. Барои намунаи дувум ҷустуҷӯи созиш байни тамоми субъектҳои низоми таъмини амнияти миллӣ хос аст. Намунаи сеюм барқарорсозии робитаҳои устувори шарикӣ байни ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ оид ба ҳимояи манфиатҳои миллиро пешбинӣ менамояд[3].

Пажӯҳишгар О.В. Паслер намунаи ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро таснифбандӣ кардааст, ки бавосита ба масъалаи таъмини амнияти миллӣ бо дарназардошти ду меъёри зерин дахл мекунад [8].

1. Аз мавқеи неру ва заифии акторҳои сиёсӣ:

– намунаи идеалӣ, ки "давлати неруманд ва ҷомеаи шаҳрвандии қудратманд"-ро дар назар дорад;

– намунаи муътадили деэтатистӣ, ки "давлати муътадили заиф ва ҷомеаи шаҳрвандии муътадили пурқувват"-ро пешбинӣ менамояд (ИМА, Британия, Австралия);

– намунаи муътадили этатистӣ, ки бо "давлати муътадили қудратманд ва ҷомеаи шаҳрвандии муътадили заиф" тавсиф карда мешавад (Олмон, Фаронса ва як қатор кишварҳои Аврупои Ғарбӣ);

– намунаи этатистӣ, ки "давлати неруманд ва ҷомеаи шаҳрвандии заиф"-ро дарназар дорад (Венесуэла, Чин, Эрон, Арабистони Саудӣ);

– намунаи ифротии этатистӣ, ки "давлати хеле қавӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии хеле заиф"-ро дар назар дорад (Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҷумҳурии Мардумии Демократии Корея, Куба).

2. Аз мавқеи фаъолияти намунаи шакли "тӯфонӣ".

Дар доираи назарияи "таъсири беруна" муҳаққиқ А.А.Аузан се на-мунаи ҳамкории мутақобилаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ҳокимияти давлатиро, аз ҷумла дар масоили алоқаманд ба таъмини амнияти миллӣ, вобаста аз ин ки он ба кадом таъсири беруна ба мақсади байналмилалисозӣ асар мегузо-рад, ҷудо мекунад. Дар ҳар як аз ин се маврид ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ ба тарзи гуногун сурат мегирад [2].

Дар ҳолати аввал ҷомеаи шаҳрвандӣ дар нақши ёвари ниҳодҳои давлатӣ баромад мекунад. Дар ин вариант ҳокимият наметавонад таъсироти

берунаро ошкор созад, он гоҳ иттиҳодияи шаҳрвандон вазифаи ҳимоятгари манфиатҳо дар соҳаи таъмини амнияти миллиро ба уҳдаи худ мегирад.

Дар ҳолати дувум сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ на танҳо масъалаи таъсири берунаро ошкор месозанд, балки нақши байналмилалисозиро низ амалӣ менамоянд ва масъалаи таъсироти берунаро бе муроҷиат ба давлат ҳаллу фасл менамоянд. Яъне ҷомеаи шаҳрвандӣ чун актори сиёсии баробарҳуқуқ бо давлат баромад мекунад.

Дар мавриди сеюм муқобилаи мустақим байни ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат ба амал меояд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таъсири берунии алоқаманд бо вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар натиҷаи кӯшиши сохторҳои ҳокимият дар бобати байналмилалисозии таъсироти беруна асар мегузорад.

Сиёсатшинос А.А. Вилков аз мавқеи менеҷменти сиёсӣ намунаи муносибатҳои субъектӣ–объектӣ, робитаҳои мутақобилаи мутавозуни субъектӣ–объектӣ ва ҳамчунин, намунаи бартарии муносибатҳои объектӣ–субъектиро ҷудо мекунад.

Табақабандии намунаи амали якҷояи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва афзалиятҳоро метавон аз рӯйи сатҳи ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои шаҳрвандон анҷом дод. Масалан, пажӯҳишгар В.В. Рябев зимни таҳлили амали мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи ҳимояи манфиатҳои миллӣ, чунин намунаҳо, монанди этатистӣ, либералӣ ва партисипаториро ҷудо кардааст[10].

Хусусияти хоси намунаи этатистӣ дар доираи масъалаи таҳқиқшаванда фаҳмиши шаҳрванд дар механизми давлат, назорати сартосарии мақомоти ҳокимият ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва афзалияти беқайду шарти сохторҳои давлатӣ дар масоили вобаста ба таъмини амнияти миллӣ мебошад. Як силсила муҳаққиқон ҳастанд, ки аз намунаи мазкур тарафдорӣ мекунанд ва ба масъалаи афзоиши нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар низоми амнияти миллӣ боэҳтиёт муносибат менамоянд. Онҳо огоҳ мекунанд, ки таъсири ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба амнияти давлат метавонад на танҳо мусбат, балки манфӣ ҳам бошад.

Муҳаққиқон Д.Фернандо ва А.Хестон чунин мешуморанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ на танҳо субъекти истисноии амнияти миллӣ мебошад, чунки сохторҳои он метавонанд ба амнияти давлат аз тариқи ташкилотҳои тахрибгари сиёсӣ, ки кӯшиш мекунанд манфиатҳо ва талаботи худро ба мақсадҳои ғаразнок бо ҳар гуна усули дастрас амалӣ созанд, таъсир расонад [10].

Дар ҳамин доираи сиёсатшиносӣ муҳаққиқ Т. Крозерс аз ин тезис, ки "… ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври доимӣ тағйир меёбад ва ихтилофи алоқаманд бо гуногунандешии шаҳрвандӣ ва соҳибихтиёрии ҳокимияти давлатиро ба вуҷуд меоварад", ҳимоя мекунад [10].

Чунин зиддият метавонад дар шакли гуногун ифода ёбад: аз ҳамкорӣ ва музокира то зиддияти ошкоро ва "беитоатии шаҳрвандӣ". Ин ихтилоф, махсусан, дар шароити бухронҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ афзоиш меёбад, ки метавонад боиси муқобилаи манфиатҳои гурӯҳии бесуботсози сохтори иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа гардад.

Намунаи либералии ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ хоси кишварҳои Аврупои Ғарб ва ИМА мебошад. Моҳияти он аз имконияти иштироки шаҳрвандон дар тарҳрезӣ ва қабули қарорҳои сиёсии вобаста ба амнияти давлат, ҳамчунин, назорати иҷрои онҳо иборат аст. Бисёр сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз тарафи давлат маблағгузорӣ мешаванд. Маҳз шаҳрванд ба воситаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд имконияти таъсиррасонӣ ба рушди низоми амнияти миллӣ ва паҳн кардани меъёрҳои демократӣ ва тарзи рафтори сиёсӣ дар ҷомеаро дошта бошад. Механизми амалисозии намунаи демократии амали мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ ба чунин нуктаҳо, монанди эътимод, ҳамкорӣ, ҳамёрӣ, таҳаммул, кумаки мутақобилаи ҷамъиятӣ ва фаъолмандии сиёсӣ асос ёфтааст, ки дар маҷмӯъ, "сармояи иҷтимоӣ"-и мусоидатрасон ба таҳкими амнияти шахсият, ҷомеа ва давлатро ташкил медиҳанд [7].

Мутобиқи ақидаи таҳқиқгарони ғарбӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ сохторе мебошад, ки на танҳо чун воситаи робита бо давлат, балки чун ниҳоди назорат ва муносибсозии равандҳои таъмини амнияти миллӣ ба вуҷуд омадааст.

Тарафдори намунаи либералии ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пажӯҳишгар Т. Крозерс мебошад. Аз нуқтаи назари ӯ "… иттиҳодияҳои ҷамъиятии дорои рӯҳияи ватандӯстӣ, тавонмандии давлатро тақвият мебахшанд, на ин ки заиф месозанд" [7].

Мисоли ин сиёсати экологии ИМА шуда метавонад, ки ба он фаъолмандии шаҳрвандии бахши ғайридавлатӣ доир ба ҳимояи муҳити атроф таъсири ҷиддӣ расонида, дар натиҷа муассисаҳои давлатии муҳофизати табиат, қонунҳо ва механизмҳои истифодаи онҳо таъсис ва таҳия гардиданд. Ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ якҷо метавонанд дар амалисозии самтҳои муайяни сиёсати таъмини амнияти миллӣ муассиртар бошанд, ба шарте, ки агар сохторҳои ҳокимиятӣ сиёсати ҳамоҳангшударо роҳандозӣ намуда, онҳоро дастгирӣ намоянд ва дар

ихтилофи ошкоро бо онҳо қарор нагиранд. Акторҳои хусусӣ дар навбати худ, ба таври ҳадафманд масъалаҳои мавҷударо ошкор месозанд, ҳаллу фасли муносиби онҳоро пешниҳод менамоянд, аҳолиро ҷалб мекунанд ва низоми иштироки фаъоли шаҳрвандонро дар соҳаҳои гуногун шаклбандӣ менамоянд.

Аксари шаҳрвандони аврупоӣ ва амрикоӣ нисбат ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ бепарвоёна муносибат мекунанд, агар онҳо бевосита ба манфиати онҳо алоқаманд набошанд. Ба ақидаи муҳаққиқони ғарбӣ фаъолияти давлат дар соҳаи пешгирии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ бояд барои аҳли ҷомеа, ки метавонанд ва бояд ҳисоботро аз ҳукумат доир ба самарабахшии амали он дар ин соҳа, талаб намоянд, шарҳ дода шавад [7].

Барои намунаи партисипаторие ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ вогузор кардани низоми пешрафтаи неъматҳои иҷтимоӣ ва амалисозии усули ҳамёрӣ ва ҳамбастагӣ хос аст. Дар ин ҷо сохторҳои давлатӣ ба ҳайси воситаи фароҳамоварӣ ва таъмини шароити зарурӣ барои пешрафти ҷомеа баромад карда, ҳамчунин, фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятиро доир ба амалисозии вазифаи таъмини амнияти миллӣ ҳавасманд месозанд [10]. Усули низомофарини намунаи партисипаторӣ нукта дар бораи ин мебошад, ки "… ба мақсади рушди боамну мутамаддини низоми сиёсӣ давлат бояд робитаи ошкоро бо ҷомеаи шаҳрвандиро фароҳам оварад, чунки бе ин таъмини комили он имконнопазир хоҳад буд" [13].

Намунаи ҳамкории мутақобилаи ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандиро метавон мутобиқи меъёри иштироки фаъоли шаҳрвандон дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ (аз ҷумла дар соҳаи амнияти миллӣ) табақабандӣ намуд. Масалан, баъзе муҳаққиқон намунаҳои меъёрӣ, қонунӣ ва инструменталиро ҷудо мекунанд. Дар доираи намунаи меъёрӣ ҳангоми таъмини амнияти миллӣ иттиҳодияҳои шаҳрвандон акторҳои воқеии сиёсӣ мебошанд, ки робита байни соҳаи хусусӣ ва оммавиро амалӣ месозанд. Барои намунаи қонунӣ ба уҳдаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вогузор намудани артикулятсия ва агрегатсияи манфиатҳои шаҳрвандон дар "воридшавӣ" ба низоми сиёсӣ ва барои намунаи инструменталӣ ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимми ҷамъиятӣ аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хос аст [14]. Бояд таъкид намуд, ки сарҳади дақиқи байни ин табақаҳоро муаллифон натавонистаанд, ҷудо кунанд.

Тамоми гуногуннавъии ҳамкории мутақобилаи сохторҳои давлатӣ ва шаҳрвандиро бо дарназардошти хусусиятҳои робитаи мутақобилаи онҳо метавон ба чор намунаи асосии зерин тақсим кард:

– либералӣ-демократӣ (ҳамкории мутақобилаи шарикӣ бар пояи усулҳои либералӣ);

– этатистӣ (афзалияти комили мақомоти ҳокимияти давлатӣ бар сохторҳои ҷамъиятӣ);

– «беэътиноӣ» (набудани ҳамкории системӣ, яъне ҳамкории мутақобила ҷанбаи тасодуфӣ дорад);

– «муқобила» (вақте байни дастгоҳи давлатии идоракунӣ ва шаҳрвандон зиддияти сиёсӣ ба вуҷуд меояд).

Намунаи либералӣ-демократии ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандӣ робитаи шарикӣ байни акторҳои асосии сиёсӣ, аз ҷумла оид ба бартараф намудани таҳдид ба амнияти миллиро дар назар дорад. Амалисозии он дастгирии воқеии давлатии рушди "бахши севум" ва ба сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вогузор намудани имконият барои амалисозии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниро пешбинӣ менамояд. Ин ба вуҷуд овардани механизми худамалисозии ҷамъиятӣ ва татбиқи ҳамкории наздики шарикӣ доир ба таъмини амнияти шахсият, ҷомеа ва давлатро талаб менамояд. Меъёри муҳимми мавҷудияти ин намуна–ризояти ҳокимият бо зарурати таъсиси низоми назорати ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллӣ мебошад.

Сиёсатшиноси рус А.Г. Иванова тарафдори намунаи либералӣ-демократии ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми таъмини амнияти миллӣ мебошад. Вай менависад: "… режимҳои ҳокимияти демократӣ фарогирии шаҳрвандон ба равандҳои расмӣ ва ғайрирасмии сиёсӣ бо роҳи иштироки сиёсии ифодаёфта дар чунин падидаҳои сиёсӣ, монанди фаъолмандии сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ, рафтори сиёсӣ ва ғайраро дар назар доранд" [6]. Иттиҳодияҳои шаҳрвандии дорои рӯҳияи сиёсии созанда бояд субъектҳои баробарҳуқуқи низоми таъмини амнияти миллӣ шаванд [7].

Андешаи роҳандозии ҳамкории наздики мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ бо сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки тавонмандии зуруриро барои дастрасӣ ба сатҳи баланди муҳофизатии манфиатҳои миллӣ ва аз байн бурдани таҳдид ба амнияти миллиро доранд, ҳатто дар шароити таназзули иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ комилан имконпазир ба назар мерасад.

Дар давлатҳои демократӣ сатҳи масъулияти иҷтимоӣ-сиёсӣ батадриҷ аз ниҳодҳои давлатӣ ба шаҳрвандӣ мегузарад. Дар чунин кишварҳо таъсирот ба ташаккули ақида ва рӯҳияи сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вуҷуд дорад.

Анъанаи америкоии ҷалби сохторҳои шаҳрвандӣ ба раванди таъмини амнияти шахсият, ҷомеа ва давлат ҳанӯз аз замони таъсиси

давлатдории америкой ба вуҷуд омада, доиман рушд меёбад. Масалан, ҳаракати "виҷилантизм" (аз калимаи лотинии "vigilo" – "посбонӣ кардан") дар ИМА дар соли 1851, вақте ки шаҳрвандон ба сабаби сатҳи баланди ҷинояткорӣ дар Калифорния дастаҳои мусаллаҳро ба мақсади худмуҳофизаткунӣ ва барқарорсозии тартибот ташкил доданд, пайдо шуд [7].

Барои ИМА ва давлатҳои пешрафтаи демократии Аврупо шаклҳои гуногуни ниҳодсозии ташаббусҳои ҳаваскор хос аст, ки вазифаи ҳимояи манфиатҳои миллиро дар назди худ мегузоранд. Аз асри гузашта сар карда, дар ин кишварҳо консепсияи амнияти умумӣ («common security») қабул шуд, ки зарурати низоми ғайридавлатии таъмини амнияти миллиро асоснок кард. Ин консепсия дар санадҳои гуногуни расмӣ зикр шудааст. Масалан, дар Стратегияи амнияти миллии ИМА аз соли 2015 зикр шудааст, ки "… нақши пешсафии америкой, ки ба қоидаҳои тартиботи байналмилалӣ асос ёфтааст, вақте ба таври муносиб кор мекунад, ки ба шаҳрвандон ваколат ва ҳокимият дода шавад, давлат масъулиятнок бошад, ҳамчунин, ташкилотҳои самарабахши минтақавӣ ва байналмилалӣ мавҷуд бошанд" [7]. Илова бар ин, дар ин санад таъкид шудааст, ки давлат ҷомеаи шаҳрвандиро дастгирӣ мекунад, ки неруи ҳаракатдиҳандаи таҳаввулот мебошад.

Дар Британия Маншури (Хартияи) шаҳрвандон асоси ҳуқуқиро барои тарҳрезии қарорҳои муштараки давлатӣ ва сохторҳои шаҳрвандӣ оид ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи маҳалӣ ташкил медиҳад. Ин санад чун созишномаи ихтиёрии шарикӣ байни мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шаҳрвандон ва муассисаҳои хизматрасон мебошад. Маншурҳои маҳаллӣ ба шаҳрвандон ҳуқуқи таъсиррасонии бевосита ба сиёсати таъмини амнияти минтақавиро вогузор менамоянд. Шаҳрвандон дар кумитаҳои ноҳиявӣ муттаҳид шуда, тарҳҳои минтақавиро доир ба таъмини авлавиятҳои миллӣ ба нақша мегиранд ва амалӣ месозанд.

Ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандии америкой намунаи либералӣ-демократиро дар амалияи сиёсӣ татбиқ карда, тавони муборизаи муштараку муассир бо бисёр таҳдидҳо ба амнияти миллӣ: ташаннуҷи байналмилалӣ, ҷинояткорӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, ифротгароӣ, терроризм, бадбинии миллию нажодӣ ва масъалаҳои иҷтимоӣ, коҳиши сатҳи саломатии ҷисмонии аҳолӣ ва бад шудани вазъияти экологиро доранд. Чунин созмонҳои бонуфузи ҷамъиятӣ, монанди «Иттиҳодияи башарии америкой», «Шӯрои америкоии қонунгузорӣ», «Легиони америкой», «Иттиҳоди америкоии ҳимояи озодии шаҳрвандон», «Ҳамёрии мутақобилаи байналмилалӣ», «Маркази манфиатҳои миллӣ» ва «Маркази сиёсати

амниятӣ» дар бобати пешгирииии таҳдидҳои мазкур тавонмандии зиёд доранд.

Баъд аз амалҳои террористии 11-уми сентябри соли 2001 ниҳодҳои давлатӣ ва шаҳрвандии ИМА саъю талоши худро барои мубориза бо экстремизм ва терроризм мутамарказ карданд. Масалан, моҳи феврали соли 2002 дар бораи таъсиси "Сипоҳи амрикоии озодӣ" эълон шуд, ки ташаббускори он дастгоҳи Президенти ИМА Ҷ.Буш буд. Президенти онвақтаи ИМА аз тамоми америкоиҳои рағбатдор даъват кард, ки ду соли ҳаёти худ (4000 соат)–ро барои хизмат ба кишвари худ бахшанд ва даъвати ихтиёриён ба ин ташкилоти ҷамъиятии зиддитеррористиро эълон кард.

Ба таври мисол, дар ҳудуди Олмон дар соли 2016-ум 6,26 миллион мусулмон, тахминан 7,5% аҳолии он зиндагӣ мекарданд. 24 ташкилоти бунёдгарои исломии амалкунанда дар ин кишвар ба амнияти давлат таҳдид карда, ба зуҳури экстремизм ва терроризм мусоидат менамоянд. Онҳо бештар аз 31 800 нафар узви фаъол ва пайрав доранд. Илова бар ин, аз рӯйи маълумоти Идораи федералӣ оид ба ҳимояи Конститутсияи Олмон, дар кишвар 168 ташкилоти ифротии ростгаро мавҷуд аст, ки 40 700 шаҳрванд дар онҳо шомиланд [8].

Таҳдидҳои вобаста ба фаъолияти чунин ташкилот ворид шудани иттиҳоди шаҳрвандони рӯҳияи созандадошта ба низоми амнияти миллии Олмон барои муқобилат нишон додан ба ин созмонҳоро муҳим ва мубрам месозад. Барои ин дар якчанд минтақаҳои Олмон барномаҳои "ёрирасони" пулис амалӣ мешаванд, ки вазифаи асосии онҳо огоҳсозӣ ва пешгирии экстремизм, терроризм ва ҷинояткорӣ мебошад. Масалан, дар Бавария низоми шаҳрвандии посбонони амният амал мекунад ва дар Баден-Вюмтерберг бештар аз 1200 шаҳрванд фаъолони ташкилоти ҷамъиятии "пулиси довталаб" мебошанд. Довталабон таълиму омӯзиши махсус мебинанд, либоси худро доранд ва аз анҷому таҷҳизоти амниятӣ истифода мебаранд. Созмонҳои мушобеҳ дар Гессен ва Саксония низ фаъолона амал мекунанд ва мақомоти минтақавӣ барномаҳои пулиси довталабро фаъолона рушд медиҳанд. Омӯзиши чунин таҷрибаҳо барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвари мо низ хеле муҳим аст.

Дар ҷаҳони муосир яке аз намунаҳои ривоҷёфтаи ҳамкории мутақобилаи акторҳои асосии сиёсӣ доир ба таъмини амнияти миллӣ намунае мебошад, ки дар он ҳокимияти давлатӣ фақат он иттиҳодияҳои шаҳрвандонро дастгирӣ мекунад, ки идеологияи расмии сиёсии давлатро мепазиранд ва эътироф мекунанд. Чунин намуна дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ривоҷ ёфтааст.

Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин нақши асосӣ дар таъмини амнияти миллӣ ба Ҳизби Коммунисти Чин тааллуқ дорад. Яке аз вазифаҳои асосии он назорат ба фаъолияти тамоми сохторҳои қудратии давлат–пулис ва артиш, ҳамчунин, назорат ба фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ мебошад. Кумитаи амнияти давлатӣ дар навбати худ шуъбаи Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист доир ба баррасӣ ва ҳаллу фасли масоили вобаста ба таъмини амнияти миллиро назорат мекунад, ки фақат ба Бюрои Сиёсии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Чин ҳисоботдиҳанда мебошад.

Дар соли 2015 Қонун "Дар бораи амнияти миллии Ҷумҳурии Мардумии Чин" қабул шуд, ки мутобиқи он амнияти миллӣ бояд таҳти роҳбарии мутлақи Ҳизби Комммунист қарор дошта бошад. Нақши ниҳодҳои шаҳрвандӣ дар низоми амнияти миллӣ таъкид карда нашудааст, аммо шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқи ба миён гузоштани пешниҳодҳо ва эродҳои танқидӣ нисбат ба фаъолияти субъектҳои амнияти миллӣ дар низоми мақомоти давлатиро доранд. Давлат механизмҳои ҳамоҳангсози кор дар соҳаҳои афзалиятноки амнияти миллиро фароҳам меоварад ва онро бо кумаки марказҳои дахлдори функсионалӣ ҳамаҷониба ҳамоҳанг месозад. Масалан, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаноби Си Ҷинпин зимни суханронӣ дар ҷаласаи Бюрои Сиёсӣ зарурати идомаи бозсозии дастгоҳи амнияти миллӣ бо роҳи таъмини назорати умумӣ ба онро таъкид намуд. Ӯ ҳамчунин қайд кард, ки Чин бояд системаи марказонида, воҳид ва бонуфузи идоракунии амнияти миллиро аз даст надиҳад.

Бояд таъкид кард, ки низоми таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Мардумии Чин бо оне, ки дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ мавҷуд буд, шабоҳат дорад. Омӯзиши чунин таҷрибаҳо барои ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвари мо низ зарур мебошад.

Яке аз оқибатҳои манфии амалисозии намунаи "беэътиноӣ" камфаъолиятии сиёсии шаҳрвандон, нотавонии онҳо, таҳдиди шакли тобеияти фарҳанги сиёсӣ, ҳамчунин, шакли ғайриқонунии рафтори сиёсӣ мебошад. Дар натиҷа низоми сиёсии ҷомеа таназзул меёбад, чунки дастгирии ҷамъиятӣ ва қонунияти ҳокимият коҳиш меёбад, робитаи самараноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа вайрон мешавад.

Дар солҳои 90-уми асри XX дар фазои пасошӯравӣ иттиҳодияҳои ғайридавлатиро бештар фондҳои хайрияи хориҷӣ дастгирӣ мекарданд, на ҳокимияти давлатӣ. Дар байни онҳо Фонди Сорос, Фонди Аврупо Осиё фарқ карда меистоданд, ки аз тарафи Агентии Амрикоии Рушди Байналмилалӣ (USAID) маблағгузорӣ мешуданд. Ин фондҳо шуъбаҳои худро дар минтақаи Осиёи Марказӣ доштанд ва барои созмонҳои ғайритиҷоратии нисбатан фаъол грант пешниҳод мекарданд. Барои

ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҷиҳати амалисозии барномаҳо доир ба мавзӯъҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон, экологӣ ва иҷтимоӣ мунтазам маблағ ҷудо карда мешуд. Метавон гуфт, ки он замон низоми дастгирии хориҷии иттиҳодияҳои шаҳрвандӣ шакл гирифт.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва ғайридавлатӣ на танҳо мустақилона амал мекарданд, балки ба рушди ниҳодҳои давлатӣ таъсири мустақим мерасониданд. Онҳо барномаҳоро дар самти инноватсионӣ, дар низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ тарҳрезӣ карда, амалӣ менамуданд.

Манбаъҳои хориҷӣ ташкилотҳои ҷамъиятиро маблағгузорӣ карда, аз ҳадафҳои худ пайравӣ мекунанд, ки бо манфиатҳои миллии давлати қабулкунанда ихтилоф дорад. Агар ташкилоти шаҳрвандӣ дар фаъолияти сиёсӣ иштирок карда, маблағҳои мазкурро истифода баранд, мантиқан метавон пешбинӣ кард, ки онҳо иродаи сарчашмаи маблағгузории худро дар ҳаёт татбиқ мекунанд. Бо вуҷуди ин, ворид кардани иттиҳодияҳои ҷамъиятии дорои рӯҳияи созанда ба низоми амнияти миллӣ – шарти асосии такмили он мебошад.

Намунаи "муқобила" дар ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хоси давраи гузариш аз ҷомеаи пӯшида ба ҷомеаи кушода мебошад. Пӯшида будани ҳокимияти давлатӣ ба вогузории ваколат ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар танзими таҳдид ба амнияти шахсият, ҷомеа ва давлат мусоидат намекунад.

Дар доираи намунаи "муқобила" бояд чунин шаклҳои он, мисли "мубориза оштинопазирона бо мухолифин" ва "муқовимати шаҳрвандӣ"-ро ҷудо кард. Дар шакли аввал манбаи асосии муқобила давлат ва дар дувум шаҳрвандон мебошанд.

Баъзан ҳокимияти давлатӣ дар симои иттиҳодияҳои мустақили ғайридавлатӣ рақибони худро мебинад. Дар чунин маврид баъзе давлатҳо фаъолияти онҳоро мушкил месозад, ё ҳатто онҳоро мебандад. Маблағгузории ин ташкилотҳо аз ҳисоби фондҳои байналмилалӣ аз тарафи мақомоти ҳокимият чун табдили ин иттиҳодияҳо ба "агентҳои таъсири хориҷӣ" баҳогузорӣ мегардад ва барои чунин фаҳмиш асос ҳам вуҷуд дорад. Бисёр ташкилотҳои либералӣ аз фондҳои гуногуни давлатӣ ва хусусӣ дастгирии молиявӣ дарёфт мекунанд.

Ҳамзамон, метавон ин нуктаро ёдоварӣ кард, ки бо кумаки чунин созмонҳо тирамоҳи соли 2003 дар Гурҷистон, ду бор дар Украина ва баҳори соли 2005 дар Қирғизистон "инқилобҳои ранга" анҷом дода шуд. Иттиҳодияҳои ғайридавлатӣ, ки аз хориҷа маблағгузорӣ мешаванд, метавонанд неруи воқеии табдили ҳар як режим шаванд. Тақвияти назорати давлатӣ ба фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, ҳамчунин, таҳияи

феҳристи "агентҳои таъсири хориҷӣ" (таҷрибаи Русия) зарур аст, зеро ин ба "берун кардани" операторони грантии асосии хориҷӣ аз кишвари қабулкунанда мусоидат мекунад.

Як қатор сиёсатшиносон мавқеи истифодаи "мубоabrizаи оштинопазир бо мухолифин"-ро тарафдорӣ мекунанд ва инчунин, нуктаи консептуалиро ба миён мегузоранд, ки "…омили амният шарти зарурии фаъолият ва ягонагии ҳама гуна система мебошад, бинобар ин, давлат бояд фаъолияти созмонҳои ғайритиҷоратӣ ва ғайридавлатиро танзим намояд, мунтазам нисбат ба онҳо дастурҳои лозима ва таҳрим (санксия)-ро истифода барад ва ба мудохилаи фаъолонаи онҳо ба ҳаёти сиёсии давлат роҳ надиҳад" [4].

Ба мақсади танзими муассири фаъолияти ин созмонҳо, дар навбати аввал, такмили пояи ҳуқуқӣ ва бартараф кардани нуқсонҳои мавҷуда пешниҳод карда мешавад, аммо дар ҳар сурат, нақши ҷамъиятии ин иттиҳодияҳо метавонад дуҷониба бошад: аз як тараф, онҳо метавонанд пояи иҷтимоии эътирозии бунёдгароии сиёсиро шакл диҳанд, ки ба амнияти миллӣ таҳдиди ҷиддӣ мерасонанд, вале аз ҷониби дигар, ба шаҳрвандони эҳтиёҷманд кумаки ҷиддии иҷтимоӣ низ мерасонанд.

Ба ин тартиб, дар доираи таъмини амнияти миллӣ метавон чор намунаи асосии ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро бо дарназардошти хусусияти робитаи онҳо ҷудо кард:

– либералӣ-демократӣ;
– этатистӣ;
– "беэътиноӣ";
– "муқобила".

Агар ду намунаи аввал нисбатан маъмулӣ бошанд, ду намунаи дигар хоси давраи гузариши рушди иҷтимоӣ-таърихӣ ва тағйири режимҳои сиёсӣ мебошанд.

Барои намунаи либералӣ-демократӣ, ки воқеияти сиёсии кишварҳои ғарбӣ мебошад, истифодаи шакли шарикии ҳамкории мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хос аст. Он ҳамкории акторҳои асосии сиёсӣ ва ба сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вогузор намудани ваколати васеъро дар назар дорад.

Намунаи этатистӣ афзалияти бечунучарои ниҳодҳои давлатӣ ҳангоми ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва вогузории мухторият ба сохторҳои шаҳрвандиро дар сурати тарафдории онҳо аз ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд.

Дар доираи намунаи "беэтиноӣ" давлат барои сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ монеа ба вуҷуд намеоварад, аммо ба таври мунтазам низ бо

онҳо ҳамкорӣ намекунад. Ин намуна дуру дароз давом карда наметавонад, чунки акторҳои асосии сиёсӣ бо якдигар алоқамандии диалектикӣ доранд ва наметавонанд муддати тӯлонӣ дар «ҷаҳони сиёсии» мувозӣ қарор дошта бошанд.

Дар чорчӯбаи намунаи «муқобила» метавон ду шакли онро ҷудо кард:

– «муборизаи оштинопазир бо мухолифин» (давлат «мухолифини ғайрисистемӣ»-ро аз нигоҳи амнияти миллӣ чун хатар баррасӣ мекунад);

– ва «беитоатии шаҳрвандӣ» (байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муборизаи сиёсӣ ё ҳатто муборизаи қудратӣ ҷараён мегирад, ки дар гирдиҳамоиҳои иҷозатдоданашуда бархӯрдҳо бо неруҳои қудратӣ зоҳир мешавад).

Дар шакли аввал давлат чун манбаи асосии ихтилоф мебошад ва дар шакли дувум сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандии дорои рӯҳияи бунёдгаро сарчашмаи асосӣ мебошанд.

Барои намунаи либералӣ-демократӣ амалисозии технологияи сиёсии шарикии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми таъмини амнияти миллӣ хос аст, чунки сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ субъектҳои баробарҳуқуқи раванди сиёсӣ мебошанд.

Барои намунаи этатистӣ истифодаи чунин технологияи сиёсӣ, ба монанди назорати шаҳрвандӣ, санҷиши ҷамъиятӣ ва мониторинги шаҳрвандӣ хос нест.

Дар намунаи "беэътиноӣ" муколимаи сиёсӣ ба таври мунтазам истифода бурда намешаванд.

## АДАБИЁТ

1. Арато А. Концепция гражданского общества: восхождение, упадок и воссоздание // Полис. – 1995. – №3.

2. Аузан А.А. Гражданское общество как альтернативный способ производства благ // Рабочие материалы: Гражданское общество: экономический и политический подходы. – 2005. – №2. – С. 7-10. / [Манбаи электронӣ] http://www.carnegie.ru/ru/pubs (санаи истифодабарӣ: 01.06.2019).

3. Вайнштейн Г.Н. Гражданское общество и власть. Проблемы концептуализации // Проблемы становления гражданского общества: Материалы научного семинара. – 2003. – № 2. – С. 95-108.

4. Горбашев В.В., Реуф В.М., Удычак Ф.Н. Политическая, правовая система общества и национальная безопасность государства // Юридическая наука: история и современность. – 2012. – № 7. – С. 27.

5. Гэлбрейт Дж. Экономические теории и цели общества. – М.: Прогресс, 1979. – С. 113.

6. Иванова А.Г. Политические партии и общественные организации как элементы гражданского общества: современные реалии и перспективы. – Оренбург: Изд-во ОГПУ, 2012. – С. 64.

7. Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Таъминотчӣ», 2017. – 352 с.

8. Паслер О.В. Гражданское общество и государство: дис. ... канд. полит. наук. – Ставрополь, 2017. – С. 113-114.

9. Петухов В.В., Петухов Р.В. Демократия участия: институциональный кризис и новые перспективы // Политические исследования. – 2015. – № 5. – С. 36.

10. Рябев В.В. К вопросу о взаимодействии государства и гражданского общества в современной России // Журнал социологии и социальной антропологии. – 2005. – № 2. – С. 10-11.

11. Соколова С.Н. Демократизация сферы безопасности: российская власть и гражданское общество // Проблемы безопасности российского общества. – 2012. – № 1. – С. 103.

12. Токвиль А. Демократия в Америке. – М.: Прогресс, 1992. – 242 с.

13. Шиловцев А.В. Социальная безопасность в условиях глобализации: онтология проблемы // Актуальные направления научных исследований XXI века: теория и практика. – 2013. – № 1. – С. 236.

14. Яргомская Н., Белокурова Е., Ноженко М., Торхов Д. Почему НКО и власти нужны друг другу. Модели взаимодействия // Публичная политика : вопросы мягкой безопасности в Балтийском регионе / под ред. М.Б. Горного. – СПб. : Норма, 2004. – С. 65.

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 12.05.2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2015, № 1210).

## МОДЕЛИ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ГОСУДАРСТВА И ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**НУРИДДИН ПАРВИН РАЙМАЛИХОН,**
кандидат политических наук, доцент, начальник Управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 40,
тел.: (+992 37) 227-70-61; e–mail: panurama@mail.ru

*В данной статье анализируются модели взаимодействия государства и гражданского общества при обеспечении национальной безопасности. Согласно мнениям западных исследователей, гражданское общество является структурой, возникшей не только как инструмент обратной связи с государством, но и как институт контроля и оптимизации процессов политики обеспечения национальной безопасности. С их точки зрения, патриотически настроенные общественные объединения граждан укрепляют, а не ослабляют потенциал государства. Одновременно, автор подчеркивает, что необходимо усиление государственного контроля за деятельностью общественно-политических организаций; введение реестра «иностранных агентов влияния» способствует «выдавливанию» основных зарубежных грантооператоров из принимающей страны.*

***Ключевые слова:*** *государство, гражданское общество, национальная безопасность, взаимодействие, либерально-демократическая, этатическая, «игнорирование», «конфронтация»*

## MODELS OF THE STATE AND CIVIL SOCIETY INTERACTION IN ENSURING NATIONAL SECURITY

**NURIDDIN PARVIN RAIMALIKHON,**

PhD of political science, Associate Professor,

Head of the Department of Internal Policy Analysis and Forecasting,

Center for Strategic Research under the President of Tajikistan,

734025, Tajikistan, Dushanbe city, 40 Rudaki ave.,

phone: (+992 37) 227-70-61, e-mail: panurama@mail.ru

*The article analyzes the models of interaction of the state and civil society in ensuring national security. According to western researchers, civil society is a structure that emerged not only as a tool for feedback from the state, but also as an institution for monitoring and optimizing national security policy processes. From their point of view, "...patriotic public associations of citizens strengthen, not weaken, the potential of the state". At the same time, the author emphasizes that it is necessary to strengthen state control over the activities of socio-political organizations, introduce a register of «foreign agents of influence» and help «squeeze out» the main foreign grantees from the host country.*

***Keywords:*** *state, civil society, the national security, the interaction, liberal-democratic, "ignoring", "confrontation"*

УДК: 327.56

# НАҚШИ РАМЗҲОИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ НИЗОЪҲОИ СИЁСӢ

**МУҲАММАД САЪДӢ АБДУРАҲМОН,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии Академияи ВКД ҶТ,
734025, Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3,
e-mail: mahmadov.2014@mail.ru, тел.: 992 904196960.

*Муаллиф дар мақолаи мазкур масъалаи низоъҳои сиёсӣ ва символизмро таҳлил намуда, ибрози ақида дорад, ки муноқишаи иҷтимоӣ метавонад ҳамчун мубориза барои арзишҳо ё ҳамчун даъвои ҳокимият ба мавқеи давлатӣ ва молҳои камёб муайян карда шавад. Дар ин мубориза тарафҳои муноқиша натанҳо талаботи худро қонеъ мекунанд, балки инчунин, бетарафӣ ё нест кардани рақибро анҷом медиҳанд. Равиши дигари ҷолибе мавҷуд аст, ки мавзӯи асосии он муноқишаи ҳокимият аст. Ба андешаи ҷомеашиносон, мафҳуми низоъ бо мафҳуми эътимоднокӣ ва возеҳият алоқаманд аст ва дар асоси таҳлили ҳолати умумӣ, мубрамӣ ва таъсири рамзҳои сиёсӣ дар раванди низоъҳҳо нақши худро доранд.*

***Калидвожаҳо:*** *Низоъҳои сиёсӣ, символизм, рамзҳои сиёсӣ, ғояҳои сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ, овезаҳои сиёсӣ, давлатҳои миллӣ, арзиши идеологӣ, худогоҳии миллӣ.*

Муноқишаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби шахсони алоҳида, одамоне, ки аз вазъи кунунӣ норозӣ ҳастанд, бадиро мебинанд ё воқеияти даркшударо ҳамчун бадӣ баҳо додаанд, сар мезананд. Одамоне, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои худ кӯшиш мекунанд, аксаран ташаббускор ва ташкилкунандаи муноқишаҳо мебошанд. Низоъҳо метавонанд бе ихтиёр ба миён оянд ва метавонанд ташкил карда шаванд. Ғояи ихтилофи барҷаста метавонад аз берун ворид шавад, ки дар натиҷаи ҳисобҳои сиёсӣ ва идеологӣ ба вуҷуд омадааст. Табиист, ки муноқишаҳои ошӯбовар бояд тавре сохта шаванд, ки онҳо ба монанди ба таври худҷӯш пайдошуда намудор гарданд, то одамони дар онҳо иштироккарда то ҳадди имкон фикр кунанд, ки онҳо бо ихтиёри худ дар онҳо иштирок мекунанд ва ҳадафҳои худро амалӣ карда, ниёзҳои худро қонеъ месозанд [5 ].

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки таърихи муноқиша дар таърихи инсоният аст. Онҳо пуршиддат ё нарм мегарданд, аммо ҳамеша шахсро ҳамроҳӣ мекунанд. Ҳар як ҷомеа як навъ низоъро аз сар мегузаронад, ҳар як ташаккули иҷтимоию иқтисодӣ дар натиҷаи муноқишаҳое, ки ба эволюкия бурда мерасонад ба миён меоянд ва нопадид мегардад, дар ҳоле ки на дониши онҳо ва на огоҳӣ аз такрори онҳо имкон намедиҳанд, ки низоъҳо

пешгирӣ карда шаванд ва танҳо барои маҳдудияти оқилонаи андозаи онҳо ва сабук кардани оқибатҳо имконият фароҳам меоянд.

Дар ҷомеашиносии ғайримарксистӣ назарияҳои рушди муноқишаҳои ҷомеа пешниҳод гардидаанд, ки дар он худи муноқиша ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Баъзе олимон муноқишаи иҷтимоиро ҳамчун бархӯрди манфиатҳо мефаҳманд (Е.Вятр). Чунин фаҳмиш боиси эътирофи мавҷудияти низоъ дар ҷомеаи сотсиалистӣ, бар хилофи далелҳои возеҳи таърихӣ гардид. Бояд гуфт, ки муноқишаҳо дар соҳаи иқтисод, идеология ва сиёсат дар ҷомеаи сотсиалистӣ ба назар мерасиданд.

Дар соҳаи иқтисодӣ, ба ғайр аз боқимондаҳои усули капиталистии истеҳсолот ва рушди бахши хурди мол, ҳамчун манбаъ ва заминаи ташаннуҷи муноқишаҳо, таваҷҷуҳ ба муноқишаҳо дар заминаи тақсимоти даромади миллӣ байни гурӯҳҳои алоҳидаи коргарон, низоъҳо бо сабаби робитаи байни истеъмол ва ҷамъоварӣ, инчунин дар самти идоракунии иқтисодӣ сар мезананд. Бинобар ин, муноқиша як унсури доимии бозии сиёсист, ки дар ҳар як давлат ба амал меояд.

Пас саволе матраҳ мешавад, ки дар давраи низоъҳои сиёсӣ символизм чӣ нақшро иҷро мекунад? Аввалан, парчам ҷузъи ҷудонашавандаи истиқлолияти сиёсӣ аст: рангҳои он аз ҷониби миллат муқаррар шудаанд. Аз давраи кӯдакӣ одамон эҳтиром ва муҳаббатро ба рамзҳои миллии худ эҳсос мекунанд; пайвасти эҳсосотӣ чӣ қадаре бузург шавад, истифодаи ин рамз метавонад қавитар гардад. Дар солҳои 80-уми асри гузашта "ҳамфикрӣ" як ангораи рамзии парчами миллиро истифода бурда, ба номи он навишта шудааст.

Таърихи пайдоиши ҳар як парчами миллӣ ба таври васеъ паҳн карда мешавад ва ба эҳсосоти тозаи эмотсионалии шахс равона карда шудааст; дар адабиёти таълими ҳатмӣ шеърҳо барои кӯдакон ва ҷавонон дар қиссаҳои ғалабаҳои қаҳрамон ва шикастҳои вазнини мардум ба таври муфассал тавсиф карда шудаанд. Се калимаро аксар вақт стандарти ҳарбӣ медонанд: Худо, Шараф, Ватан, ки се чизи аз ҳама муҳимро дар ҳаёти шахс (шаҳрванд) таъкид мекунад.

Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба рамзҳои миллӣ таваҷҷуҳи хос доранд; онҳо ба ҷанг барои ваҳдат ё озодии миллӣ алоқаманд нест, балки эътиқодест, ки «ман дар кишвари мардуми хушбахт зиндагӣ мекунам». Дар ҳама гуна ҳуҷраҳои корхонаҳо рамзҳои миллиро овезон мекунанд (парчам ва нишон, ин ба зарурати дохилӣ тааллуқ дорад. Амрикоиҳо бо ватанашон ифтихор мекунанд. Ҷопониҳо ба режими миллии худ хеле эҳтиром доранд, ки ин анъанаи муқарраршудаи миллӣ буда, на танҳо муҳофизати ватани худро таълим медиҳад, балкидар худ чунин сифатҳои беҳтарин, ба монанди эҳтиром ба шаъну шарафи гузаштагон ва пайдоиши онҳо, арзиши зиндагии онҳоро меомӯзонанд.

Ҳамин тавр, гуфта метавонем, ки ҳарчанд тарбияи гуногуни эҳсосоти иртиботи эҳсосӣ ва эҳтиром ба парчам ва нишон вуҷуд дорад, аммо ҳар як давлат ба ин аҳамияти бузург медиҳад. Рамзҳои асосии миллӣ танҳо дар

ҳолатҳои истисноӣ тағйир ё барҳам дода мешаванд. Плакатҳои сиёсӣ дар ҷаҳони муосир ба як шакли санъати мустақил табдил ёфтаанд. Намоишгоҳҳои ватанӣ ва байналмилалӣ ташкил карда мешаванд; баъзе плакатҳо, ҳамчун рамзи вақт, аз ҷониби осорхонаҳо ба даст оварда мешаванд.

Овезаҳоро (плакатҳо) ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: ба гурӯҳи аввал овезаҳое дохил мешаванд, ки ба мавзӯи умумибашарӣ дахл доранд ва таъсири умумӣ доранд, яъне бахшида ба мавзӯъҳои сулҳ, ҷанг, ҳифзи муҳити зист, саломатии инсон ва ғайра. Дар ин ҷо инчунин, овезаҳои мавзӯи нисбатан маҳдудтарро тасниф кардан мумкин аст, ки онро танҳо баъзе шахсон фаҳмида метавонанд, масалан овезаҳои солҳои 50-уми асри гузашта: «Духтарон–ба мошинҳо!», плакатҳои сиёсии 1945–1948, бахшида ба интихобот, раъйпурсӣ, ислоҳоти аграрӣ.

Ба гурӯҳи дуюм расмҳои дорои муҳтавои сиёсӣ дохил мешаванд, ки аксаран дастгирӣ ё рад кардани ғояи муайян мебошанд. Чунин нақшҳо одатан рамзҳои қабулшуда ва амалкунандаи сиёсиро истифода мебаранд, ки унсурҳои алоҳидаи онҳо аз ҷониби рассом огоҳона интихоб шуда, як чизи навро ташкил медиҳанд. Ин шакли фаъолияти сиёсӣ, пеш аз ҳама, дар шароити шиддат ёфтани мубориза, вақте ки ҳар як унсури фаъолияти сиёсӣ имкони ғолиб кардани ҷонибдории ғояро зиёд мекунад ва душманро мағлуб мекунад (пеш аз ҳама, дар шароити маъракаи интихоботӣ ва раъйпурсӣ) истифода мешавад.

Рамзҳои давлатӣ бештар дар мақомоти низомӣ ва қудратӣ нуфузи махсус доранд. Чунин амалҳо воситаи тавонои тарбияи ҳисси ватанпарварӣ ва ифтихори шаҳрвандӣ мебошанд. Яке аз хусусиятҳои рамзҳои сиёсӣ аз он иборат аст, ки то ба охир дар як маврид муҳтавои асосии онҳо фаҳмида намешаванд. Одамонро зарур аст, ки вақти зиёде сарф намоянд, то ки асрори рамзҳои сиёсиро аз бар намоянд. Муносибат ба рамзҳои сиёсӣ фарҳанги махсус ва муносибати фаъолро ба воқеияти рамзии кишвар талаб дорад [1].

Дар байни нишонаҳое, ки фарқи гурӯҳҳои иҷтимоиро фароҳам меорад, инчунин, таъкид кардани нишонаҳои аз ҷониби давлат додашуда (аълочиёни ҳарбӣ, хадамоти полиси давлатӣ), бо вуҷуди ин, пӯшидани онҳо ба мансубияти касб ё хизмат дар қисмҳои муайяни ҳарбӣ марбут аст.

Муҳаққиқи рус Л. Лосев дар асари худ "Масъалаи рамз ва воқеияти санъат" нуҳ навъи рамзро бо фарқи семантикии худ муайян мекунад: илмӣ, фалсафӣ, бадеӣ, мифологӣ, динӣ, инсонӣ-экспрессивӣ, ғоявӣ ва ҳавасмандкунанда, берунӣ-техникӣ ва инчунин тамоми ҷомеа ҳамчун як мамлакати рамзҳо [2]. Ин типологияро инчунин, ба нишонаҳои сиёсӣ низ татбиқ кардан мумкин аст.

Аз рамзҳое, ки онҳоро дар шакли графикӣ ифода карда наметавонанд, муҳимтарини он Суруди Миллӣ аст. Ҳар гуна суруд таърихи пайдоиши худро дорад, ки аксар вақт бо рӯйдодҳои барои кишвар муҳим табдил ёфтааст. Суруди Миллӣ сурудест, ки ба он ҷомеа эҳтиром дорад ва он як

таъсири бузурги эҳсосотӣ дорад, ки ҷомеаро дар тамоми рӯйдодҳои муҳимми ҳаёт ҳамроҳӣ мекунад. Сурудҳои халқӣ низ аҳамияти муҳим доранд, ки дар аксари афроди ҷомеа ҳатман эҳсосоти мусбат ё манфиро ба вуҷуд меоранд. Ҳар як миллат сурудҳо ва асарҳои мусиқӣ дорад, ки рамзи ҳолатҳо ё амалҳои муайяне шудаанд, ки калимаҳо ва мусиқии онҳо мазмуни иловагӣ доранд.

Рамзҳо ҳамеша ҳамсафари инсон буданд, ҳатто замоне ки инсонҳо суханронӣ карда наметавонистанд, тамоми имову ишора ва сафарбар намудани онҳо ба воситаи аломату рамзҳои махсус ифода мешуданд [4].Имову ишора ва тарзи рафтор, тарзи ифодаи фикр, шахсиятҳои маъруф аксар вақт як қисми ҷудонашавандаи «бозии сиёсӣ» ва усули таъсир ба он мегарданд. Маҷмӯи имову ишора бо калимаҳо одатан, ба як навъ муттаҳид карда мешавад. Шиори машҳури "ёрӣ"-и Э.Герек аввал ҳамчун як платформаи фаҳмиш ва ваҳдат фаъолият мекард ва баъдан аз ҷониби мухолифони сиёсӣ истифода шуда, дар тафовутҳои гуногун такрор шуда, намуна доир ба муфлисии сиёсии ҳизб ва дастгоҳи давлатӣ, қодир набудани ҳалли мушкилоти рӯзгор гардид.

Ҳамон як аломати сиёсӣ метавонад имову ишора ва хайрхоҳии баъзе пешвоёни давлатӣ ва сиёсӣ ва тарзи муроҷиати оммаро дарбар гирад. Ин масъала ба таври муфассал дар корҳои роҳбарӣ баррасӣ карда мешавад. Дар ҷомеашиносии сиёсӣ роҳбар шахсест, ки дар назди як ҳизб ё гурӯҳи сиёсӣ қарор дорад. Сарвароне ҳастанд, ки рамзи ғояи мушаххас мешаванд, ба монанди унвони "Пешвои милат".

Умуман, арзиши сиёсии рамзҳо масъалаи навбатии буда, идомаи таъсири рамз ба ҷомеа аст. Бисёре аз рамзҳое, ки барои таъсири кӯтоҳмуддат таҳия шудаанд, дар шуури одамон нақш гузоштаанд ва иртиботи қавии эҳсосиро ба вуҷуд меоранд. Масалан, Дирафши Ковиёнӣ. Дирафши Ковиёнӣ–парчами таърихии давлати Эрон аз аҳди қадим то поёни давлати Сосониён буд, ки ба гуфтаи муаррихони исломӣ "ҳазори ҳазори сиккаи тилло" арзиш доштааст. Ин парчам пас аз ҳамлаи арабҳо ба Эрон ба дасти онҳо афтод ва аз байн рафт. Ишора ба Дирафши Ковиёнӣ дар асотири Эрон, ба шӯриши Коваи Оҳангар алайҳи зулм ва ситами Заҳҳок мутааллиқ аст. Рамзи Дирафши Ковиёнӣ дар Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад. Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2006, №192 мавриди истифода қарор дорад [3].

Аввалин дирафши аҷдодӣ-миллии тоҷикон Дирафши Ковиёнӣ (Ахтари Ковиён)–дирафши бузурги шоҳони асотирии Каёниён, Хаҳоманишиён, Ашкониён ва Сосониён буд, ки мувофиқи ривоёти ақвоми эронӣ аз замони шоҳи бузург Фаридун вуҷуд доштааст, дар ҳуҷуми араб ба дасти онҳо афтода, нобуд шуд. Агарчи ибтидои зуҳури парчами номбурда асотирӣ ба назар мерасад, вале мавҷудиятиаш дар давраи Хаҳоманишиён то ба соли 632-милодӣ комилан собитшуда аст. Яъне тайи 1200 соли воқеии

маълум то зуҳури ислом муқаддастарин парчами давлати эронитаборон будааст.

Шарқшиноси маъруф Лебон қайд мекунад, ки "Ғояҳо барои идораи анбӯҳи мардум бояд дар шакли содатарин баён карда шаванд. Бо шарофати ин содагӣ онҳо дигаргун мешаванд". Агар анбӯҳи мардум ин ғояро истифода баранд, ин маънои онро дорад, ки ғояи ақл аз ҳама гуна субъективизм ва бузургӣ маҳрум аст, аммо ба анбӯҳи мардум дохил мешавад, вай қувваи азимро ба даст меорад. Маҳз ин симоҳои содакардашуда –рамзҳо, ки ифодаи мутамаркази ғояҳо мебошанд.

Омилҳое, ки ба тафаккури мардум бевосита таъсир мерасонанд, инҳоянд:

– тасвирҳо, калимаҳо, шиорҳо;

– тасаввурот;

–таҷриба.

Ба оммаи мардум тасвирҳо, шиорҳо ва рамзҳое, ки маънояшонро мо намефаҳмем ва шарҳ дода наметавонем, бештар таъсир мерасонанд. Чунин шиорҳои «демократия», «озодӣ» таъсири хеле калон доранд, ҳарчанд бо дарназардошти таърифи илмии онҳо маънoҳои пурра мавҷуданд.

Рамзе, ки аз ҷониби оммаи мардум эҷодшудааст ё ба он воридшуда хеле кӯтоҳ аст ва мавҷудияти якҷояро бо парокандагӣ қатъ мекунад, аммо намунаҳои пешбарии хурд аз ҷониби шумораи зиёди рамзҳо вучуд доранд, вақте ки онҳо дар ҷомеа фаъолият мекунанд ва ба рамзҳои миллӣ табдил меёбанд. Аз ин рӯ, "ҳаёт"-и рамз аз содагии графикӣ, таъсири эҳсосотӣ ва мазмуни идеологӣ (сиёсӣ) вобаста аст.

Унсури дигаре, ки арзиши сиёсии рамзро муайян мекунад, қобилияти ҳавасманд кардани амал ё бовар кунондан аст. Фаъолияти сиёсӣ на ҳама вақт ба эътимоди сиёсӣ ва омодагӣ ба фаъолияти сиёсӣ мувофиқат мекунад. Мо дар боло қайд кардем, ки аломати сиёсӣ ду вазифа дорад: ифодаи муттамаркази ғоя, усули ба даст овардани ҳокимият ва ҳамзамон,унсури нигоҳ доштани ғояи мавҷудаи ҳокимият мебошад.

Бо дарназардошти таъсири рамз механизми таъсири символизмро аз ҷониби ҳокимият ва механизми таъсири он ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври дақиқ таҳлил кардан лозим аст. Бесабаб муайян кардан душвор аст, ки як рамз дар ҷомеа то чӣ андоза "пойдор мемонад". Дар хотир бояд дошт, ки арзиши эҳсосии рамзҳо метавонад тағйир ёбад ва рамзҳои онҳое, ки ҳокимиятро истифода мебаранд, метавонанд бар зидди онҳо истифода шаванд ва рамзи мухолифин шаванд.

Ҳамин тавр, тахмин кардан мумкин аст, ки "пойдории як рамз" ба чанд унсур вобаста аст:

а) шароити пайдоиш;

б) арзиши идеологӣ (қувваи пешбаранда);

в) арзёбии ҷамъиятӣ (мусбат ё манфӣ);

г) робитаҳои таърихии рамз;

д) арзиши эмотсионалӣ;

з) шаклҳо (содатар аст, рамз пайванд карда мешавад);

ж) муассисаҳои давлатӣ, ки бо гурӯҳҳо (ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ) ифода ёфтаанд.

Масъалаи навбатии вобаста ба воридшавии рамзҳо ба оммаи васеи ҷомеа масъалаи фаъолияти онҳо мебошад, ки он иборат аст аз: а) таъсир расонидан ба ҷомеа то он ки амалҳои муайяни сиёсиро дастгирӣ ва амалӣ кунад; б) хоҳиши бовар кунонидани ҷомеа ба дурустии ин амалҳои сиёсӣ.

Ҳамин тавр, дар мавриди мавҷудият ва фаъолнокии рамзҳои сиёсӣ метавонем чунин хулосабардорӣ намоем:

– дар самтҳои муҳим, рамзҳои сиёсӣ ифодагари мутамаркази ғояи сиёсӣ мебошанд, ки дар шакл хеле одӣ менамоянд;

– рамзи сиёсӣ маънои дуҷониба дорад: якум барои ҷомеа иттилоотӣ дуюм барои онҳое, ки ҳокимиятро амалӣ мекунанд. Инҳо роҳу равиши гузоштани ғояҳо мебошад;

– аз ҷиҳати вазифавӣ, рамзҳои сиёсӣ нишонаи дастгирӣ ё аз даст додани ғояҳои асосӣ дар ҷомеаро доранд;

–рамзҳои сиёсӣ нишондиҳандаи маъруфияти ғояҳои тарғиботӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки вазъи имрӯзи ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ба муҳимми рамзҳои сиёсӣ ҳамчун омили рушду тағйироти гуногуни ҷомеа таваҷҷуҳи хосса дошта бошем. Ин андеша на танҳо нуқтаи назари муаллиф вобаста ба таҳлилу таҳқиқи рамзҳои сиёсӣ ва нақши онҳо дар раванди давлатдории миллӣ мебошад, балки ин амали далелноки иҷтимоию сиёсиест, ки дар асоси таҳлили ҳолати умумӣ, аҳамият ва таъсири рамзҳои сиёсӣ дар таҳқиқоти мазкур асоснок карда шудааст.

Омӯзишу таҳқиқи рамзҳои сиёсӣ ва тарзи дурусти истифодабарии онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ ба ҳисоб меравад, ки ба барои ҳудшиносию худогоҳии миллӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ бояд ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи давлатмардон, пажӯҳишгарон ва кормандони соҳаи идеологӣ қарор дошта бошанд. Инчунин, вобаста ба зарурати амалии рамзҳои сиёсӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои ҷаҳон низ санадҳои зиёде қабул карда шудааст, ки муҳтавои онҳо дар стратегияи рушди давлатҳои миллӣ арзёбӣ мегарданд.

## АДАБИЁТ


1. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. – Душанбе, 2009.-С. 234.
2. Лосев Л.Б.Проблема символа и реалистическое искусство.М.1995.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2006.
4. Муҳаммад С.А. Рамзҳо ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ: мафҳум ва хусусиятҳои илмию назарявӣ. //Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз.№ 4(67). - Душанбе, 2019, С. 324-333

5. Dziecielewska – Machnikowska St. Postawy I wartosci w okresikonfliktusprofecznego. Fodz, 1985. - s. 3- 20.

## РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ СИМВОЛОВ В ПРОЦЕССЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ КОНФЛИКТОВ

**МУХАММАД САЪДИ АБДУРАХМОН,**
кандидат политических наук, доцент кафедры общественных дисциплин Академии МВД РТ,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мастонгулова 3,
тел.: 992-904-19-69-60; e-mail: mahmadov.2014@mail.ru,

*В данной статье автор рассматривает вопросы политического конфликта и символики и утверждает, что социальный конфликт может быть определен как борьба за ценности или как требование власти к роли государства. В данной борьбе стороны конфликта не только удовлетворяют свои потребности, но и нейтрализуют или устраняют своего противника. Есть еще один интересный способ, когда конфликт находится в центре внимания власти. По мнению обществоведов, концепция конфликта связана с концепцией достоверности и ясности и играет важную роль в процессе конфликта, основанного на анализе общей ситуации, важности и влияния политических символов.*

***Ключевые слова:*** *политические конфликты, символизм, политические символы, политические идеи, политические плакаты, национальные государства, идеологические ценности, национальное самосознание*

# THE ROLE OF POLITICAL SYMBOLS IN THE PROCESS OF POLITICAL CONFLICTS

**MUHAMMAD SADI ABDURAHMON,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the Department of Social Sciences of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 3 Mastongulova Str.,
tel .: 992-904-19-69-60; e-mail: mahmadov.2014@mail.ru

*In this article, author considers issues of political conflict and symbolism and argues that social conflict can be defined as a struggle for values or as a requirement of the authorities for the role of the state. In this struggle, the parties of the conflict not only satisfy their needs, but also neutralize or eliminate the enemy. There is another interesting way when the conflict is in the center of attention of the authorities. According to social scientists, the concept of conflict is associated with the concept of reliability and clarity and plays an important role in the conflict process, based on the analysis of the general situation, the importance and influence of political symbols.*

***Keywords:*** *political conflicts, symbolism, political symbols, political ideas, political posters, national states, ideological values, national identity*

УДК:327.930,22

# ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА РАВОБИТИ ДИПЛОМАТИИ ХОНИГАРИИ ХИВА БО КИШВАРҲОИ ҲАМҶАВОР ДАР АСРҲОИ XVIII–XIX (БАР МАБНОИ САРЧАШМАҲО)

**САИДОВ СУЛТОН МАҲМАДОВИЧ,**
дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734055, Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2, тел.:935-01-33-12

*Дар мақола доир ба вазъи сиёсӣ ва равобити дипломатии хонигарии Хива бо кишварҳои ҳамҷавор дар асрҳои ХУ111– Х1Х ибтидои асри ХХ (бар мабнои сарчашмаҳо) баррасӣ гардидааст. То имрӯз дар ин хусус маводеро истифода мекунем, ки бозгӯи таърих, фарҳанг ва умуман, ҷойгоҳи давлати Хоразми ба маънои том "Бузург" нест. Таърих ба сари мардуми тоҷик душманони ғаддореро яке пайи дигар рехтааст, ки мутаасифона, яке аз охирин аз чунин таҷрибаҳои таърих барои аҷдодии мо, хоразмиён, ин сарбасар шудан бо аҷнабиёни араб будааст. Пас аз ин воқеаи мудҳиш, хоразмиён тадриҷан на танҳо аз ҷиҳати ҷисмонӣ нобуд гардиданд, балки забон, осори таърихӣ ва фарҳангии дорои таърихи қадимии худро куллан аз даст доданд. Зимни рӯ ба завол ниҳодани сулолаи Аштархониён феодалони якрави ӯзбек ба хонҳо сар нафаровwarданд, ва дар натиҷа, ин аъмоли онҳо ба пайдоиши якчанд хонигариҳо дар Осиёи Миёна сабаб гардид. Хонигарии Хива яке аз он давлатҳои навташкил дар ин ҳаводиси таърихӣ мебошад. Гарчанде Хива то охири асри ХУ11 дар итоати аморати Бухоро қарор дошт, аммо аз оғози ХУ111 кӯшишҳои ба роҳ мондани робитаҳои мустақили байнидавлатӣ миёни кишварҳои минтақа, бо хонигарии Хива ба мушоҳида мерасад.*

***Калидвожаҳо:*** *Хоразм, аморат, сарчашмаҳо, тоҷирон, хонҳо ва амирон, дипломатҳо, сафирон, эъзомияҳои тиҷоратӣ.*

Дар бораи яке аз аввалин давлатҳои қадими ориёии Осиёи Миёна– Хоразм, ки дар радифи давлатҳои Суғд, Бохтар ва Фарғона, аз асрҳои Х11– Х т.м, то асри Х111 милодӣ виқори султаронии худро аз даст надодааст, маълумоти каму ноқисеро доро ҳастем. Албатта, хоразмиён то истилои муғулҳо ҳанӯз забони худро, ки яке аз шохаҳои забони эронии шарқӣ буд, ҳифз намуда буданд ва дуруст аст, ки эшонро месазад, ки тоҷик номем. [с.56.]. Абӯрайҳони Берунӣ чунин нигоштааст: "Бо ҳар роҳ Қутайба ҳамаи он ашхосеро, ки хатти хоразмиро балад буданд, нобуд сохт, ки миёни эшон донишмандоне буданд, ки аз таърихи тоисломии хеш огоҳ буданд..."). (Ал-Бируни, 36, перев. 42 [15, с.6].

Пас аз истило гардидани Хоразм аз ҷониби муғулон номи давлат низ тағйир намуд ва имрӯз бо номи хонигарии Хива мо онро мешиносем.

Амирону хонҳои сулолаҳои туркии дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳукмроншуда, аз қабили Темуриён, Шайбониён, Аштархониёну Манғитиён, сарзамини Хоразмро борҳо поймол ва мардуми онро хонахаробу дарбадар намуданд. Хоразм аз замонҳои қадим бо мавқеи ҷуғрофиёии муносиб дар байни давлати Эрон ва давлатҳои Осиёи Миёна нақши пайвандгари тамаддунро ба зимма дошт.

Дар нимаи дуюми асри ХУ11 кӯшишҳои ба роҳ мондани робитаҳои байнимилалӣ байни кишварҳои минтақа бо кишварҳои аврупоӣ ва Русия ба назар мерасад. Ҷониби русҳо нахустин шуда бо мақсади дар сарзамини Хива пайдо кардани макони амну муваққатӣ, мисли корвонсаройҳо барои тоҷиронашон, барои кумак дидан ҳангоми убуру мурури тоҷирон ва ашхоси алоҳида ва зимомдорони маҳаллӣ гуфтушунидро оғоз карданд. Ҳамон тавре ки зикр гардид, аввалин сафири хивагиҳо ҳанӯз дар соли 1689 милодӣ бо сарварии Иброҳим Азиз бо пазируфтани императори Рус фиристода шуда буд. Аз таҳлили сарчашмаҳои хаттии ба мо дастрасбуда маълум мегардад, ки дар ҳақиқат, хивагиҳо нияти тобеъ шудан ба русҳоро надоштаанд. Сарчашмаи хаттие, ки то имрӯз маҳфуз аст, "Фирдавс-ул-иқбол" ном дошта, ба қалами Мунис ва Огаҳӣ мансуб мебошад. Ин манбаъ бо ҳуруфи форсӣ ва бо забони шевои форсии дарӣ (тоҷикӣ) навишта шудааст. Аз сарчашмаи мазкур маълум мешавад, ки муаллиф номаеро, ки тавассути сафири хивагиҳо Иброҳим Азиз дар соли 1689 ба императори Рус ирсол шуда буд, дар китобаш айнан зикр кардааст. Муаллиф бо овардани нусхае аз "Номаи Хонӣ", ки тавассути сафирони Хива ба кишваҳои гуногун фиристода мешуд, нишон медиҳад, ки истилоҳи туркии "шерт–союз", ки дар нома бисёр зикр гардидааст, маънои тобеъшавӣ ё вассалшавӣ ба русҳоро ифода намекунад.

Хивагиҳо давлати Русияро ҳамчун давлати ҳамсояи боэътимод ва дар мавриди зарурӣ ёрӣ расонандаро медиданд [1,с.4]. Калимаи "шарт" (шартнома аз ҳамин ҷост.–С.С.) ки он варианти туркии чағатоии "шерт" аст, якҷо бо варианти русии "союз", яъне "шерт–союз" омада, маънои пайванд гардидани дӯстиву рафоқатро мефаҳмонад. Чуноне зикр гардид, истилоҳи "шерт союз" дар матни номаҳои аз ҷониби хони Хива ба русҳо ирсолшуда вомехӯранд, аммо ин истилоҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ маънои хоҳиши тобеъи русҳо шудани хивагиҳоро нишон намедиҳад. Бархе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки истилоҳи мазкури "шерт– союз" дар бисёре аз мукотибаҳо ва номаҳои давлати Туркияи Усмонӣ бо тобеъонашон, бахусус, бо хонигарии тоторҳои Қрим, зикр шудааст. Азбаски дар ҳамон замон нимҷазираи Қрим тобеи империяи Усмониён буд, русҳо мафҳумҳои "шерт", "шертноме" маъноҳои иттиҳод ё дӯстиро, ки миёни туркҳо ва қримиҳо истифода мегардид, ғалат фаҳмида, онро "Прошения хана быть в подданстве", яъне "Дархости хон барои тобеъ шудан" тарҷума кардаанд [1,с.4]. Масалан, аз 3 матлаб, ки аз ҷониби сафир Дӯстак Баҳодур ба шоҳи Рус ироа шудааст, пораеро меорем: "Матлаби аввали хони мо аз ҷиҳати дӯстиву ошноӣ ва омадушуд аз подшоҳи бузург (императори Рус), сафир

хостааст". Ё ин ки "...матлаби дуюм он ки аз тоҷирони Бухоро ва Хива, ки дохили Ҳаштархон (Астрахан) мешаванд, боҷи молро зиёд қимат карда... ки дуои хайр ҳосил шавад,... амр аз Шумост.". Дар охир "...матлаби сеюм, ки аз матоъи ҳаштархонӣ аз ҳар ҷинс ба Бухоро ва Хива мебаранд ва абрешими хому лаъл, санги лоҷуварди гуногуни Бадахшон аст, иншоаллоҳу таъоло, дӯстӣ то абад боқӣ бошад, то охир бошад, амр аз Шумост" [1, с.4]. Аммо дар номаҳои хони Хива ба ҳамтои Руси худ мо ҷумлаҳоеро, ки ба вассалияти русҳо гаравидани хивагиҳоро далолат намояд, пайдо накардем.

Соли 1703 милодӣ боз ҳам сафорат аз ҷониби хони Хива ба қабули император Пётри 1 фиристода мешавад. Ин маротиба низ аз ҷониби хони нави Хива Муҳаммадниёз ба назди Пётри 1 барои аз русҳо кумак ва дастгирӣ ёфтан сафири вай ирсол мегардад. Ҳарчанд Пётри Кабир хоҳишро қабул намуда буд, аммо он барои бисёриҳо дар ҳукумати Рус бетафовут меанҷомад ва муроҷиати хивагиҳо хушку холӣ қабул шудааст. Мағрурии русҳо дер намепояд. Пас аз нокомиҳои давлати императории Рус дар ҷанги зидди туркҳо ва шведҳо дар баҳри Азов ва баҳри Сиёҳ, император Пётри 1 маҷбур мешавад, ки рӯй ба баҳри Хазар (Каспий) ва хонигариҳои Осиёи Миёна орад. Аз ин рӯ, аз оғози асри ХУ111 шурӯъ намуда, дахолати Русия ба корҳои сиёсии давлатҳои Осиёи Миёна батадриҷ зиёд мегардад. Императори Рус Пётри 1 дар яке аз ҷавобҳо ба номаи хони Хива Маншури шоҳаншоҳӣ (Гармота)-ро, ки бо хатти заррин нигошта шуда буд, ба сафири хивагиҳо месупорад, ки дар он аз ҷумла омадааст:

"Милостию от Просветлейшего и державнейшего Великого Государя, Царя и Великого князя Пётр Алексеевича, всем великия и малия и белыя России самодержца,... Юргенские и Хивинские земли начальнику Шир Газы хану наше царского величества поздравление.

Изобрели мы великий Государь наше Царского величества за благо послать к тебе нашего посла Александра Бековича Черкасского для нуждейших дел в обшей пользе, как нашего Российского Государства, так и Хивинской земли... Его, посла нашего, принять по его чину и достоинству и тому же он тебе именем нашим Царского величества предлагать будет польную веруяти и на предлагаемые по нашему великого Государя указу дела желаемые и к общему благу принадлежашие решения дать...

Писан в нашем Царствуюшем Граде в Санкт Петербурге. Лета от рождества Христа, 1716 марта 17 дня" [10,с.Л].

Ҷолиб он аст, ки Маншури шоҳаншоҳии мазкур пас аз ноком гардидани экспедисияи Бекович Черкасский, ки анҷоми он хеле фоҷиаомез аст, ба тарзи тааҷҷубангез зимни дар Хива ҳузур доштанаш, сафири дигари русҳо Ф. Беневини дар соли 1725 онро аз дасти хивагиҳо гирифта, ба Санкт Петербург оварда, ба Конселярияи Вазорати корҳои хориҷии Русия месупорад. [13,с.23].

Яке аз сабабхои ба шикаст рӯбарӯ шудани экспедитсияи Черкасский, ба ақидаи ин ҷониб, пеш аз ҳама, нодида гирифтани вазъи

сиёсӣ, иҷтимоӣ дар хонигарии Хива аз ҷониби тарроҳони ҳамин эъзомия буд. Черкасский бовар доштааст, ки хони Хива Шерғозӣ бо омадани русҳо ба Хива шод мешавад. Дар амал чунин нашуд. Русҳо он мактуберо, ки хони Хива ба императори Рус ирсол намуда буд ва дар он хоҳиши доштани робитаҳои дӯстӣ бо русҳоро асос ҳисобида, дар фикри сохтани қалъаҳо ва ҳатто даровардани қӯшуни ҳарбӣ ба Хива шуда буданд, ки ин хатои бузурги онҳо буд. [13, с.49].

Муҳаққиқ А.Шепелев дуруст қайд мекунад, ки аз замони даргузашти Пётри I ба русҳо муяссар нашудааст, ки орзуи дар дил парвардаи Пётри Кабирро дар хусуси ба тобеияти худ даровардани Осиё Марказӣ ва Ҳиндустон амалӣ созанд. Абдулносир Субҳонқулов ном сафири Русия аз ҷониби шоҳ Александри 1 бори аввал дар соли 1810 ба Бухоро меояд ва маротибаи дувум дар соли 1818 сафорати русҳоро ба Хива роҳбарӣ мекунад. Абдулносир Субҳонқулов бо супориши махсус барои омӯхтани муносиботи мавҷудаи байни хонигариҳои Осиёи Миёна ва Эрон ба Хива омада, дар амал ба гуфтушунид доир ба беҳтар кардани вазъи бехатарии роҳи корвонгузар ва таъсир бахшидан ба умури тиҷоратиро баррасӣ менамояд. Ӯ мебоист ҳаракати англисҳоро дар хушкӣ ва обҳои Амударё муайян мекард. Аз маълумоти ба марказ ирсол намудааш, "фаъол гардидани англисҳо дар шахси тоҷироне, ки молҳоро ба нархи гарон харида, арзон ба аҳолӣ мефурӯшанд, ба онҳо тааллуқ дорад" [12.с171].

Ҳамчунин, фаъол гардидани англисҳоро дар солҳои охир мушоҳида кардааст. Ба ақидаи ӯ, то ин вақт англисҳо ба ишғоли аморати Бухоро банд будаанд. Аз соли 1819 сарфармондеҳи нави русҳо дар Қафқоз Ермолов сафорати навро ба назди туркманҳо ирсол медорад, ки дар ҳайати он Муравёв ва Пономарёв мебоист вазифаи муайян кардани макони истеҳкоми зист, будубоши тоҷирон, нигоҳдошти амволи онҳоро дар оянда ба нақша мегирифтанд. Пас аз омӯзиши ҷуғрофияи минтақа ва мавзеъҳои Гургон ҳар ду фиристодаи русҳо наздикиҳои Красноводскии ҳозираро интихоб мекунанд ва аз туркманҳо иҷозати сохтани истеҳкомотро мегиранд, аммо воқеаҳои баъдина баёнгари он ҳастанд, ки туркманҳо аз ваъдаҳои худ барои иҷозати сохтмони истеҳком дар соҳили баҳри Хазар рӯ метобанд. Онҳо баҳона пеш меоранд, ки русҳо бо сохтани истеҳкомот мақсади забти Хива ва Бухороро доранд. Ҳақиқатан ҳам, чунин буд. Чӣ тавре ки сарфармондеҳи самти Қафқоз Ермолов баъдан изҳор мекунад, "забти Хива ва Бухоро барои роҳ ёфтан ба сӯйи Ҳиндустон кумак хоҳад расонд" [9(Б), с. 171].

Яке аз мақсадҳои асосии эъзомияи мазкур бо ҳукумати Хива ва Бухоро мувофиқа кунонидани нақшаҳои ояндаи дипломатияи рус ва иҷозати истифода аз оби баҳри Арал ва Амударё то сарҳади Афғонистон буд, аммо хони Хива ба ин пешниҳоди русҳо ризоят намедиҳад ва эъзомия бе натиҷа ба самти Бухоро роҳ мепаймояд.

Дар Бухоро амир Насруллоҳ ба пешниҳоди русҳо доир ба киштиронии озод ва аз он истифода кардани киштиҳои Русия иҷозат

медиҳад ва ҳатто дар сурати зарурӣ бо ҳамроҳии русҳо бар зидди хивагиҳо мубориза бурданро пешниҳод мекунад. Ин як тактикаи амири Бухоро буд ва ӯ медонист, ки то солҳои наздик хивагиҳо иҷозати киштирониро ба русҳо нахоҳанд дод. Аз ин рӯ, баҳси дар обҳои Амударё киштиронӣ кардани русҳоро ҳалшуда меҳисобиданд. Азбаски дар хонигариҳои Хӯқанд ва Хива дар симои амири Бухоро душмани марзу буми худро медиданд, чунин омил дар оянда барои тасарруфи ҳамин сарзамин аз ҷониби русҳо сабаби асосӣ гардид.

Русҳо дар эъзомияи ҳарбии моҳи декабри соли 1825 анҷом додаашон, тавонистанд, ки бо сарварии полковник Берг аз мавзеи Сарайчик ба ҷониби Гурев ҳаракат намуда, сипас дар роҳи баргашт тавонистанд, ки қирғизҳо ва хивагиҳои ғоратгару роҳзанро дар макони зимистонгузарониашон бо рамаи аспҳояшон асир бигиранд. Мақсади ин эъзомия интихоб намудани роҳи наздиктарин барои тасарруф намудани хонигарии Хива буд. Якчанд мутахассиси таҳқиқотгари илмӣ, 2310 нафар сарбоз, 6 дастгоҳи силоҳи бо асп таҳмилшаванда, 872 аробаи дуаспа ва ғайра дар ин эъзомия шомил буданд. Аз ҳарбиён полковник Берг изҳор намуда буд, ки барои ба Хива лашкар кашидан, самти Оренбург ва баҳри Арал тавассути Уст-Юрт ва сарзамини Қунғурот мувофиқ аст. Эъзомияи мазкур тарсу ваҳмро ба дили хивагиҳо, махсусан, ҳокимон андохт. Хони Хива Аллоҳқулихон ҳатто нақшаи гуфтушунид барои оштӣ шудан бо амири Бухоро ва дар мавриди зарурӣ (дар сурати ҳамлаи русҳо) кумак хостан аз аморати Бухоро шуд. Ӯ ҳатто сафири худро соли 1826 ба Русия мефиристад, аммо русҳо барои қабул намудани сафир шартҳоеро мегузоранд, ки яке аз он ҳатман озод кардани ҳамаи асирони рус будааст. Дар навбати худ, сафир баҳона пеш меорад, ки қудрати имзои чунин санадро надорад ва ба уҳдадорияш дохил намешавад гӯён, пас мегардад.

Доираҳои сиёсии Русия дар ҳамон вақт ба хулосае омаданд, ки хонигарии Хиваро танҳо бо роҳи зурӣ, яъне бо ҷанг метавон тасарруф намуд. Аммо, вазъи сиёсии дар оғози солҳои 30 асри XIX ба амал омада (махсусан вазъияти Аврупои Ғарбӣ ва воқеаҳои Лаҳистон) подшоҳи Русро барои ҳуҷум кардан ба хонигарии Хива боздошт. Император Николай дар ин бора дар зерварақаи пешниҳодие, ки дар мавриди ҳуҷум ба шимоли Осиёи Миёна ба ӯ ирсол шуда буд, бо дасти худ чунин менависад: "Ҳоло вақти ин амалиёт нест". Аз чунин ранг гирифтани кор танҳо хивагиҳо ва хӯқандиҳо манфиат мебардоштанд, чунки маҳз онҳо дар чаҳоряки аввали қарни XIX нуфузи худро ба қирғизҳои бодиянишин гузаронида буданд. Муносибати хони Хива бо русҳо чунон бад шуда буд, ки ӯ ҳар сол то 200 аҳолии русзабонро аз ҷумлаи тоҷир, сарбоз, моҳигир, сайёҳ ва ғайра ба асирӣ мегирифт. Ҳукмронони рус рӯйрост эътироф карданд, ки косаи сабрашон лабрез гаштааст. Генерал Перовский соли 1835 ба Аллоҳқулихон нома ирсол намуда, ӯро аз аъмоли бадаш нисбати русҳо огоҳонид ва тамоми тоҷирони хивагиро аз Астрахан шурӯъ намуда то Сибир боздошт ва молашонро ба ҳабс гирифтанд. Аллоҳқулихон вазъиятро муташанниҷ

пиндошта, амири Бухоро Насруллоҳхонро барои рӯзи мабодо пушту паноҳи худ медонист. Амир Насруллоҳ бошад, бо русҳо муносибати хуб дошт ва тоҷиронашро бардавом ба атрофу акнофи Русия ирсол менамуд. Барои русҳо хонигарии Хива ҳанӯз макони ҳамватанони асиршудаашон ва хони он Аллоҳқулӣ бошад, шахси нафратангез ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар ду сол (солҳои 1837–1839 милодӣ) 105 асири русро озод намуда, аз ҷониби дигар дар ҳамин солҳо 200 нафар русҳои Мангқишлоқро тавассути гурӯҳи одамрабоёнаш боз ба асорат гирифт.

Барои русҳо чорае ҷуз ҳуҷум намудан ба хонигарии Хива вуҷуд надошт. Дар моҳи феврали соли 1839 милодӣ генерал Перовский ба императори Рус нақшаи ҳуҷумро пешниҳод намуд: дар он 12 гурӯҳ аз 4000 сарбоз бо силоҳи оташбори вазнин мебоист иштирок намоянд. Русҳо самти ҳуҷумро аз Оренбург, болооби Эмба, Уст-Юрт, соҳили ғарбии баҳри Арал ва вақти ҳуҷумро дар охири моҳи март ё аввали моҳи апрел ва анҷоми юришро моҳи октябр муайян карданд. Ин ҳамон нақшаи тарҳрезикардашудаи полковник Берг мебошад, ки тариқи эъзомияе дар зимистони солҳои 1825–1826 милодӣ ба самти баҳри Арал анҷом дода буд ва дар ин бора қаблан ишора намудем. Ҳуҷуми артиши Рус ба Хива дар тирамоҳи солҳои 1839–1840 милодӣ сурат мегирад ва дар натиҷаи ба амал омадани хунукии сахт ва паҳн шудани беморҳои сироятшаванда, русҳо ба хонигарии Хива мерасанд, вале пас мегарданд. Генерал Перовский нақшаи нави ҳуҷумро дар моҳи майи соли 1840 милодӣ ба императори Рус пешниҳод мекунад ва ӯ онро қабул мекунад. Тибқи нақшаи нав, ҳуҷуми артиши русҳо бояд аз 9 ҳазор сарбоз, 17 ҳазор шутур ва ғайра муҷаҳҳаз шавад. Пас аз омӯхтани вазъи сиёсӣ хони Хива нақшаҳои ояндаи русҳоро ба таври худ пешбинӣ намуда, аз оқибати кор андеша карда, хоҳиши қабул кардани дархости русҳо шуд. Хивагиҳоро ба ин кор намояндагони корпуси дипломатии англисҳо дар Ҳиндустон розӣ кунонданд: яъне барои он ки русҳо ба сарҳадоти Афғону Ҳинд наздик наоянд, "бо русҳо муомилаи бад кардан аз рӯйи манфиат нест", мегуфтанд англисҳо. Аллоҳқулихон аз тарси ҳуҷуми навбатии русҳо дар моҳи майи соли 1840 милодӣ манифестеро қабул мекунад, ки тибқи он ҳеҷ кас ҳаққи боздошти намояндаҳои Русияро надошт ва ба макони онҳо шабохун намезад.

Дар охири соли 1840 милодӣ хони Хива 418 нафар асир ва дигар воситаҳои аз русҳо ба ҳабс гирифтаашро бо ҳамроҳии намояндаи англис Шекспир ба истеҳкоми Ново-Александров мефиристад. Ҳамон тавре ки дар боло ишора шуда буд, Шекспирро ҳамроҳ кардан ба ин ҳайат, маънии роҳи дӯстиро пеш гирифтани хивагиҳо бо Русияро дошт, на роҳи худпарастию якравӣ, ки қаблан Аллоҳқулӣ дошт. Сипас сафири Хива бо номи Отаниёз ба Петербург фиристода шуд, ки номаи хонро дар бораи хоҳиши муносибати дӯстона доштан бо Русияро иброз кард. Сафири хони Хива Отаниёз дар шаҳри Санкт-Петербург пазируфта шуд. Аз ҷониби дигар, сафири амири Бухоро Насруллоҳ бо исми Муқимбек дар моҳи октябри соли 1840 милодӣ ба шаҳри Санкт-Петербург сафар карда, дар роҳ

бо номае генерал губернатори Оренбургро хабардор карда буд, ки вазъи сиёсии миёни Хива ва Бухоро бад шуда истодааст, инчунин, ба Хива омадурафти англисҳо зиёд шудааст. Ӯ дар давоми номааш зикр карда буд, ки агар чунин амал идома пайдо кунад, ин ба зарари ҳам Бухоро ва ҳам Русия хоҳад буд.

Эъзомияи ҳарбии зимистони солҳои 1839–1840 милодӣ ба хонигарии Хива агарчанде бебарор анҷомида бошад ҳам, ба ақидаи ин ҷониб ҷиҳатҳои мусбати зиёдеро дар пай дошт. Ин, пеш аз ҳама, дар он зоҳир шуд, ки хивагиҳо пас аз ин воқеа дигар ба умури дохилии қирғизҳои Сибири Шарқӣ дахолат карданро кам карданд. Дар пешниҳоде, ки ба ҷониби Хива ироа гардида буд, се масъалаи муҳим: аз байн бурдани ғуломӣ ва одамрабоӣ, махсусан аз Русия; кам кардани таъсиррасонӣ ба русҳо ва кӯчманчиёни минтақа; ҳаққи озодона савдо кардани тоҷирони рус дар қаламрави Хива ва ҳамсоягони он, бо гирифтани боҷи на бештар аз 3 ё 5 дарсад аз маблағи мол ба имзо расида буд. Маъхазҳои таърихӣ бар онанд, ки нақшаи тарҳрезишудаи ҳуҷум ба Хива ҳамеша метавонист дар ҳолати зарурӣ мавриди амал қарор бигирад. [10, с.223]. Тирамоҳи соли 1841 милодӣ сафирони хони Хива Эваз Ниёз ва Эш Ниёз ба Петербург омада, изҳори барқарории дӯстӣ бо Русияро такроран иброз мекунанд. Онҳо ҷонибдории худро ба пешниҳодҳои Никифоров, ки болотар зикр гардид, бо баъзе ислоҳот аз ҷониби хон ироа карданд.

Аз ҷониби худ Русия барои ҳалли масъалаҳои дуҷониба ба Хива сафорат мефиристад ва дар моҳи августи соли 1842 милодӣ шартнома ба имзо мерасад. Дар давоми понздаҳ сол, яъне то соли 1858, дигар ҳеҷ як санаде миёни ин ду давлат имзо нашудааст. Натиҷаи чунин сиёсат будааст, ки дар давоми понздаҳ сол, яъне то соли 1858 милодӣ, воқеаҳои одамрабоӣ, дуздӣ, роҳзанӣ ва ғайра аз ҷониби хивагиҳо қадре кам шуда будааст. Ин натиҷаи юриши русҳо дар солҳои 1839–1840 буд, ки хивагиҳоро сахт тарсонда буд. Танҳо пас аз шонздаҳ сол, дар соли 1858 ҳайати 70 нафара бо сарварии лигел-адъютанти Ситоди генералӣ полковник Игнатев ва аз отряди Оренбург генерал Катанев бо даҳҳо сарбоз ва силоҳу муҳиммоти ҳарбӣ ба самти Хива роҳ пеш мегиранд. Эъзомияи соли 1858 милодӣ бо имзо кардани шартномаи нав анҷом ёфт, ки айнан чунин шартномаро бо ҷониби хивагиҳо дар баҳори соли 1841 намояндаи штаби генералии Русия капитан Никифоров имзо карда буд. Мутаассифона, зимни имзо кардани шартнома дар соли 1858 хивагиҳо дар бораи имзо шудани шартномаи соли 1841 умуман беиттилоӣ нишон доданд. Русҳо бори дигар беаҳамият будани гуфтушунид бо хивагиҳоро дарк намуданд ва дар пайи ҳуҷуми мусаллаҳона ба Хива шуданд.Чунин бетафовутии хивагиҳо ба забти Хива аз ҷониби русҳо оварда расонд. Пас аз ишғоли Хива аз ҷониби русҳо дар соли 1873 милодӣ англисҳо дар тааҷҷуб монданд, ки аз чӣ сабаб русҳо ба ваъдаашон намеистанд. Русҳо иброз медоштанд, ки ҳамаи ин кишғолгариҳо муваққатӣ аст, аммо бо вассалияти Русияро қабул кардани Хива, англисҳо аз пешомади баде барои

Ҳинди гавҳаррезашон ҳадс мезананд. Аммо коршиноси ҳарбии рус Терентев англисҳоро муқассири ин кори русҳо донист: "Фаъолияти англисҳо дар сарҳадоти Осиёи Миёна русҳоро маҷбур ба сохтмони истеҳкоми ҳарбӣ кардааст. Мо барои сулҳу оромӣ дар кишварамон мубориза мекунем. Ин оромӣ бо нишастан ба даст намеояд. Ҳуқуқи байналмилалӣ, ки бо роҳи зӯрӣ, бо роҳи ҷанг ва ниҳоят бо роҳи пирӯзӣ зуҳур кардааст, танҳо бо додани ҷазо ва тарсонидани душманон пойдор хоҳад буд. Агар чунин тарс мавҷуд набошад, дар он сурат ҳамаи қонуниятҳои ин "бозӣ" бемаънӣ мебуданд. [7, с.16]. Ниҳоят, баъд аз забти Бухоро, Хива низ дар таърихи 28 майи соли 1873 милодӣ аз ҷониби русҳо бо роҳбарии Кауфман ишғол карда шуд. Хивагиҳо ба шартномае имзо карданд, ки муҳтавои мухтасари он чунин буд:

–Риояи оромӣ ва мудохила накардан дар умури қирғиз-кайсакҳо; пардохти ҷанг ба миқдори 2 млн рубли русӣ; аз байн бурдани ғуломдорӣ ва ғуломфурӯшӣ; эътирофи вассалият ба императори Рус; ба ихтиёри русҳо гузаштани заминҳои нав, ки минбаъд вилояти Назди Каспий дар ҳайати Генерал-губернатории Туркистон ном мегирад.

Дар мавриде, ки англисҳо баҳс мекарданд, ки русҳо ҳақ ҳастанд ё не, аз ҷониби дигар хабар мерасид, ки русҳо Хӯқандро ишғол намудаанд... Дар ҳамин солҳо (1877–1888) воқеаҳои сиёсӣ дар Туркистони Шарқӣ, махсусан дар Кошғар, ки маркази воҳиди маъмурии аз ҷониби Чин напазируфта шуда буд, авҷ мегиранд. Сарварони давлатҳои ҳамсоя, мисли Афғонистон, Эрон, бо дастгирии ҷосусон ва агентҳои хадамоти иктишофии Туркия ва Англия, бо роҳҳои гуногун барои ба даст овардани ҳар як ваҷаб хоки Осиёи Миёна кӯшиш мекарданд. Минбаъд дар соли 1877 аз ҷониби русҳо Қизил-Арват ишғол шуд, соли 1878 Чиқишлар ва Чат низ забт ва дар он ҷо истеҳкомот сохта шуд, соли 1879 Ахалтекин, ки дар самти шимолии кӯҳи Копетдоғ аст, аз ҷониби русҳо забт шуд; пас аз он ки русҳо аз мақсадҳои туркманҳо ва текинҳо барои ба вассалияти Эрон ворид шудан хабардор шуданд, тез дар фикри вайрон кардани ин нақша гардиданд. Русҳо 21 январи с.1879 ба самти Гуюктеппа ҳуҷумро оғоз намуданд, аммо дар аввал бо шикаст рӯ ба рӯ шуданд: онҳо 188 кушта, 276 ярадор, ва 600 силоҳи тирандозро аз даст доданд. Вазири ҳарбии империяи Русия Милютин иброз медорад: "Без занятия этой позиции (между Аралской и Каспийской морем.–С.С.). Кавказ и Туркестан будут всегда разъиденена… или может дать доступ английскому влиянию к берегом Каспийского моря [26, Введ]. Императори Рус Александр II дар таърихи 1-уми марти соли 1880 экспедитсияи ҳарбии навбатӣ бо сарварии генерал-адъютант М.Скобелевро бар зидди туркманҳо–текинҳо бо фармони худ ба имзо мерасонад. Шаби 7 ба 8 уми январи соли 1881 ниҳоят хуҷуми русҳо қатъӣ буд ва бо ғалабаи онҳо анҷом ёфт. Дар ин бора яке аз ширкаткунандагони фатҳи қалъаи Гуюктеппа генерал А.Л.Гуляев чунин менависад: "В 11-часов нам было приказано очистить траншеи и идти назад…. Инженерное офицер Маслов сказал, вот через 40 секунд взорвёт стену…. Раздался особенный какой то под-

земный глухой удар, земля под ногами заколебалас и громадный глуби стены поднялись к небу. Некоторые видели в этой земляной массе взлетевших людей..." [10, с.605].

Доир ба кӣ тааллуқ доштани музофоти Марв баҳсҳо ва иқдомоти ҳарбӣ дар ҷараён буд. Масалан, М.Греггори англис чунин нигошта буд: "…ҳамин тавр, Марвро музофоти Форс (Эрон) ҳисобидан мумкин аст, вале он аз сабаби ҷойгиршавии мавқеи ҷуғрофияш ба Форс ягон иртиботе надорад, аз ин рӯ, беҳтар мебуд, ки мо онро мулки Афғонистон ҳисобем…"[10, с.563].

Роҳбарони Марв, ки асосан аз туркманҳо-текинҳо иборат буданд, даме бо Эрон ва гоҳе бо Англия гуфтушунидҳо анҷом медоданд, то ризояти худро барои пайвастан ба Эрон ё Афғонистон иброз намоянд. Хадамоти иктишофии англисҳо мехостанд, ки вазъияти ба амаломадаро ба фоидаи афғонҳо ҳал намоянд. Дар таърихи 23 марти соли 1885 дар қисмати ҷануб дар натиҷаи боз як набард, ки ин навбат бо сарбозони афғон ба амал омад, мавзеи Марв низ ба ихтиёри русҳо гузашт.

Ҳамин тавр, русҳо ба мавзеъҳои баҳсноки миёни Марву Ҳирот низ соҳиб гардида, англисҳоро дар ҳолати ногувор боқӣ гузоштанд, чунки онҳо ин сарзаминро барои пайвастан ба Афғонистон ваъда дода буданд. Пас аз қабули вассалият ба Русия, инчунин, шиносоӣ бо фарҳанги рус ва аврупоӣ, мардуми сарзамини Осиёи Миёна кӯшиш ба харҷ медоданд, ки барои худ навовариҳоеро бигиранд ва ба он сазовор ҳам шуданд.

## АДАБИЁТ

1. А.А.Андреев«Российско-хивинские отношения в конце XVII - начале XVIII В.// Петербурский исторический журнал №2, 2015

2. Асноди равобити Ирон бо манотиқи Осиёи Марказӣ //Дар зери таҳрири Муҳаммад Ҳасан Ковуси Ироқӣ.Теҳрон,1372х.. №3,саҳ.74,75

3. А.Алихонов – Аварский. Поход в Хиву.Степ и оазис. СПб., 1899

4.М.А.Бабаходжаев. Очерки социально – экономической и политической истории Афганистна (конец XIX в.)/ Бабаходжаев М.А.,Ташкент, 1975.201с.

5.Терентьев М.А. История завоевания Средней Азии./ М.А Терентьев История завоевания Средней Азии. М.,1960

6 .Григорьев В. Русская политика въ отношении к Средней Азий //Сборн.госуд.знаний,Т.1. 1874 г.стр.183

7. Терентьев М.А.История завоевания Средней Азии. /ТерентьевМ.А. История завоевания Средней Азии.М.,1960

8. Пирумшоев Х. Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. /Х.Пирумшоев. Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. Душанбе,2014

9.(А). Муравьёв Н.Н.Записки. //Русский архив.,кн.5. 1886 г.

9.(Б) Путешествие в Туркмению и Хиву в 1819-1820гг.гвардейского Генерального Штаба капитана Николая Муравьёва посланного в сии страны для пернговоров. М.,1822.

10. Медведев А М Война империи/А.М.Медведев.Тайная история борьбы Англии против России).,2017

11. Мунши Мухаммед Юсуф. Муким-ханская история / Пер. А. А. Семенова. Ташкент: АН -ц УзССР, 1956. С. 152-153. ^

12.Ниязматов М. Россия на Востоке Противостояние великих держав. 19век Ниязматов. Петербургское Востоковедение, 2014г. С. 171

13. Попов А.М.. Сношения России с Хивой и Бухарою при Пётре 1. СПб.,1853

14. Савельев П. Бухара в 1835г. СПб.1836г. /П.Савельев. Бухара в 1835г. СПб.1836г.287 (с.15)

15.Толстов С.П.По следам древнезорезмийской цивилизации. /С.П.Толстов М.,1949. Ч.VI. М.-Л., 1953.

## ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОБСТАНОВКА И ДИПЛОМАТИЧЕСКИЕ ВЗАИМООТНОШЕНИЯ ХИВИНСКОГО ХАНСТВА СО СВОИМИ СОСЕДНИМИ СТРАНАМИ (НА ОСНОВЕ ИСТОРИЧЕСКИХ ИСТОЧНИКОВ)

**САИДОВ СУЛТОН МАХМАДОВИЧ,**

кандидат филологических наук, доцент кафедры общественных наук Таджикского государственного университета коммерции,

734055, Таджикистан, г.Душанбе, улица Дехоти 1/2 ,

тел. (+992)935-01-33-12

*На основе исторических источников мы постарались привести достаточно материалов, чтобы отразить политические и дипломатические взаимоотношения Хивинского ханства со своими соседними странами. Хорезмийцы являлись представителями одной из ветвей индоиранской цивилизации и, к сожалению, с приходом на эту территорию тюркских захватчиков в лице кочевых племён, хорезмийцы были разбросаны и переселены в разные государства, в основном на пространствах соседствующих стран.*

*После захвата Средней Азии арабами, хорезмийский народ и его культурная ценность полностью были истреблены, а в XII веке тюркоязычные правители в лице Хорезмшахов сумели объединить почти все потерянные земли и создать мощное государство со столицей Ургендж. С приходом монголов страна была охвачена силами чингизидов, а государство Хорезмшахов было ликвидировано.*

*Хорезмийцы сумели в XVII веке создать своё государственное объединение под названием Хивинское ханство. До захвата со стороны русских войск, хивинцы настойчиво доказывали, что могут бороться с любыми внешними силами. В результате противоборствующих внешних сил, осо-*

*бенно России и Англии, хивинцы стали жертвами геополитических игр XIX – XX вв. Хивинское ханство на должном уровне наладило межгосударственные отношения с соседними странами, особенно с Россией и Ираном, Афганистаном и Бухарским Эмиратом.*

***Ключевые слова:*** *Хорезм, индоиранская цивилизация, тюркские захватчики, кочевые племена, культурная ценность, тюркоязычные правители.*

**POLITICAL SITUATION AND DIPLOMATIC RELATIONS OF THE KHIVA KHANATE WITH ITS NEIGHBORING COUNTRIES (BASED ON HISTORICAL SOURCES)**

**SAIDOV SULTON MAKHMADOVICH,**
Candidate of Philological Sciences, Dosent of Tajik State University of Commerce,
734055, Tajikistan, Dushanbe City, ½ Dekhoti Str.,
tel: (+992) 935-01-33-12.

*On the basis of historical sources, we have tried to provide enough material to reflect the political and diplomatic relations of the Hivin Khanate with its neighbouring countries. Khorezm people were representatives of one of the branches of the Indo-Iranian civilization and unfortunately, with the arrival of the Turkic invaders in this area in the face of nomadic tribes, the Khorezmians were scattered and moved us in different states, mainly in the spaces of neighboring countries.*

*After the Arabs captured Central Asia, the Khorezmian people and their cultural value were completely destroyed, and in the 12th century, the Turkic rulers represented by Khorezmshahs managed to unite almost all the lost lands and create a powerful state, with the capital Urgendzh. With the arrival of the Mongols, the country was swept by the forces of the Chingizids and the state of Khorezmshahs was liquidated.*

*The Khiva Khanate, at the proper level, established interstate relations with neighboring countries, especially with Russia and Iran, Afghanistan and the Emirate of Bukhara.*

***Key words:*** *Khorezm, Indo-Iranian civilization, Turkic invaders, Turkic rulers, cultural value, nomadic tribe*

**УДК: 330.34+330.5(575.3)**

## АРЗЁБИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИ КАСБИИ КАЛОНСОЛОН: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО

**ҒАФУРОВ СОРБОН ХУШДИЛОВИЧ,**
ассистенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат
734055, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Борбад, 48/5,
тел.: 93-793-70-93; email: sorbon9314@mail.ru.

**ХОЛИҚОВ ФИРДАВС АМИРШОЕВИЧ,**
магистри кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат
734055, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Борбад, 48/5,
тел.: 907-17-17-67; email: Firik.9696@mail.ru.

*Мақолаи таҳлилии мазкур ба омӯзиши сиёсати таълими калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асосии арзёбии вазъи амалишавии Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 хулосаҳо оид ба зарурияти татбиқи чораҳои муҳим дар соҳаи дастрасӣ ва фарогирии бекорон ба курсҳои таълимии калонсолон пешниҳод карда шуданд.*

*Дар қисми чамъбастии мақола як қатор тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии ташкили таълими касбии калонсолон пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *таълими калонсолон, барномаи таълимии калонсолон, сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълими калонсолон, барномаи рушд.*

**"Имрӯз вақти он расидааст, ки**
**мо ба мутахассисони худӣ такя намоем"**

*Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи бинои нави Муассисаи давлатии Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон, ш.Душанбе, 15.03.2018.*

Дар шароити муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таълими касбии калонсолон яке аз тадбирҳои муҳимми рушди ҷомеа ва таъминоти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Пешрафти босуръати илму техника талаботи бозори меҳнатро ба ихтисосмандони замонавию баландихтисос зиёд менамояд, зеро бе кадрҳои соҳибихтисосу бомаърифат

татбиқи ҳадафҳои стратегии миллиамон, ки асоси рушду нумӯи кишвари соҳибистиқлоли мо мебошанд, аз имкон берун хоҳад буд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои ногувор дар бозори меҳнат номувозинати талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ мебошад (графики 1).

**Графики 1.**

**Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат дар солҳои 2011-2017** (ҳазор нафар)




*Сарчашма: [6, с. 90]*

Тибқи нишондиҳандаҳои графики 1 дар байни пешниҳоди қувваи корӣ ва талаботи он тафовути калон ҷой дорад, ки дар солҳои охир боз ҳам зиёд шуда истодааст. Пешниҳоди қувваи корӣ сол ба сол тамоюли афзоиш дорад, талаботи корхонаҳо ба қувваи корӣ бошад, баръакс ба поён рафта истодааст. Агар дар соли 2011 талаботи корхонаҳо ҳамагӣ 18,1% пешниҳоди қувваи кориро ташкил медод, дар соли 2017 бошад, ин нишондиҳанда ба 9,9% расид. Дар соли 2017 ба як ҷойи корӣ 10 нафар талабгор рост меомад, ки хеле ҳолати нигарон аст. Аз як тараф ҳолати мазкур бо мушкилоти ташкили ҷойҳои нави корӣ алоқаманд аст, аз ҷониби дигар бошад, аз самаранокии пасти фаъолияти ташкилоту мақомотҳои дахолдори давлатӣ, аз ҷумла хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ва марказҳои таълимии калонсолон, дар ин самт шаҳодат медиҳад.

Новобаста аз он, ки Хадамоти шуғли аҳолӣ барои таъмини бекорон бо ҷойҳои корӣ саъю кӯшишҳои зиёдро ба харҷ медиҳад, аз шумораи ба хадамоти шуғл муроҷиаткунандагон ҳамасола ҳамагӣ 50%-62% бо кор таъмин мегарданд ва 48%–50% онҳо, аз ҷумла калонсолон, бо сабаби

сифати пасти малакаи касбӣ ва мувофиқат накардани ихтисосмандӣ бе ҷои кор мемонанд [6, с. 91]. Ин нишондиҳанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ба талаботи бозори меҳнат сифати захираҳои меҳнатӣ мутобиқ намебошад. Аз ин рӯ зарур аст, ки ҳарчи зудтар раванд ва натиҷагирии касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандон, аз ҷумла калонсолон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шавад.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ дар самти таълими касбии калонсолон қабул шудаанд, аз ҷумла Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.07.2016, №268 тасдиқ шудааст.

Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 мутобиқи моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Стратегияи давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират таҳия шудааст [11, с. 3].

Ҳадафи асосии Барномаи мазкур мусоидат намудан ба баландшавии рақобатпазирии захираҳои меҳнатӣ тавассути таъмини дастрасӣ ба таълимоти касбии босифат барои калонсолон дар кишвар мебошад. Бо дарназардошти ҳадафи муайяншуда, Барномаи мазкур иҷрои вазифаҳои зеринро дар назар дорад [11, с. 3]:

–рушди заминаҳои сохтории таълими касбии калонсолон;

–васеъ намудани дастрасии калонсолон ба таълими касбии босифат;

–ҷалби ҳарчи бештари калонсолон ба таълими касбҳои гуногун.

Бо мақсади таҳлили иҷрои вазифаҳои Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020, аз ҷумла таҳлили дастрасии калонсолон ва ҷалби онҳо ба таълими касбии босифат дар мисоли мушаххас, мо тасмим гирифтем, ки натиҷагирии фаъолияти КВД Маркази таълимии шаҳри Душанберо аз рӯйи ин самт мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази таълимии шаҳри Душанбе" Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2013, таҳти рақами №391, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Корхонаҳои давлатӣ" таъсис дода шудааст. Вазифаи асосии корхона аз дастгирӣ ва таҳияи стандартҳои миллии касбӣ, такмили омӯзиши

шаҳрвандон, доир ба омӯзиши ташкили тайёрӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрвандон оид ба омӯзиши таълимӣ мувофиқи касби интихобшуда, аз ҷумла, аз рӯйи роҳхатҳои мақомоти Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ фаъолият мекунад.Теъдоди касбомӯзонро ҳамасола дар ин муассиса тибқи нақша Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Тоҷикистон муайян мекунад. Дараҷаи фарогирии таҳсилот асосан аз 1 то 3 моҳро дар бар мегирад. Дар ин муассиса дилхоҳ ашхос метавонад ба таҳсил фаро гирад ба истиснои шаҳрвандони ноболиғе, ки синну солашон аз 16 поён аст. Марказ аз рӯи 21 намуди ихтисос таълим медиҳад.

Азбаски Маркази таълимии шаҳри Душанбе аз соли 2013 фаъолияти хешро оғоз кард, маълумот оид ба фаъолияти марказ танҳо дар чор соли сипаришуда–солҳои 2015–2018 ба мо дастрас шудаанд, ки мавриди таҳлил қарор гаштанд.

Дар давоми солҳои 2015–2018 дар муассиса зиёда аз 5945 нафар шаҳрванд ба таҳсил фаро гирифтаанд, ки аз инҳо 2994 нафар аз ҷониби Агентиҳои шуғли аҳолӣ ба тариқи роҳхатҳо ройгон аз ҳисоби буҷет ба таҳсил фаро гирифтаанд ва 2953 нафар ба воситаи низоми худмаблағгузорӣ таҳсил гирифтаанд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

Таълими касбии калонсолон ба тариқи маблағгузории буҷетӣ ва худмаблағгузорӣ дар КВД-и Маркази таълимии шаҳри Душанбе дар солҳои 2015–2018

| Солҳо/Таълими калонсолон | Буҷавӣ (барномавӣ) | | | Худмаблағгузор | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нақша *(нафар)* | Иҷро *(нафар)* | Фарқият *(%)(+,-)* | Нақша *(нафар)* | Иҷро *(нафар)* | Фарқият*(%) (+, -)* |
| **2015** | 960 | 800 | -16,7% | 1600 | 710 | -55,6% |
| **2016** | 920 | 780 | -15,2% | 1540 | 740 | -51,9% |
| **2017** | 880 | 736 | -16,4% | 1527 | 821 | -46,2% |
| **2018** | 850 | 678 | -20,2% | 1490 | 682 | -54,2% |
| **Ҳамагӣ** | **3610** | **2994** | **-7,12%** | **6157** | **2953** | **-52,0%** |

*Сарчашма: дар асоси маълумоти КВД-и Маркази таълимии шаҳри Душанбе дар солҳои 2015–2018 ҳисоб карда шудааст.*

Аз рӯйи ҷадвали 1 бармеояд, ки дар Маркази таълимии шаҳри Душанбе аз соли 2015 то 2018 дар маҷмӯъ, 2994 нафар аз курсҳои барномавии ройгон ва 2953 нафар аз курсҳои худмаблағгузор таълим

гирифтанд, ки нисбат ба нақшаҳои тасдиқшуда 1316 нафар, ё 17,12% (аз рӯйи курсҳои барномавӣ) ва 3204 нафар, ё 52,0% (аз рӯйи курсҳои худмаблағгузор) камтар мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамасола нақша ва иҷрои курсҳои барномавӣ ва худмаблағгузор коҳиш ёфта истодааст. Масалан, агар дар соли 2015 нақшаи курсҳои барномавӣ 960 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2018 ин рақам ба 850 нафар расид, ки ба 110 нафар кам аст. Иҷрои он ҳамчунин рӯ ба пастшавӣ дорад. Дар соли 2015 иҷро 800 нафарро ташкил дод, дар соли 2018 ба 678 нафар расид, ки ба 122 нафар камтар аст. Чунин вазъият дар курсҳои худмаблағгузорӣ ҳам ба чашм мерасад.

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки курсҳои барномавӣ ва нақшаи худмаблағгузор ҳамасола иҷро намешаванд ва дар ин ҷода тафовут дар иҷроиши курсҳои барномавӣ дар доираи 16–20% ва дар курсҳои худмаблағгузор–дар доираи 46–54% ҷой дорад. Фарқи миёнаи иҷро нагардидани нақшаи курсҳои ройгони барномавӣ дар чор соли охир 17,1% -ро ташкил дод, дар курсҳои худмаблағгузор бошад, 52,0%, ки хеле нигарон аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии иҷро нагардидани нақшаи курсҳои барномавии ройгон аз он иборат аст, ки аз ҷониби агентиҳои шуғли аҳолии ноҳиявӣ роҳхатҳо кам пешниҳод мешаванд, ки дар натиҷа ҷойҳои холӣ дар курсҳои ройгон боқӣ мемонанд. Фаъолияти худи маркази таълимӣ дар ин самт ҳамчунин заиф аст ва ҳамкории бисёрҷонибаро тақозо менамояд.

Сабаби иҷро нашудани нақшаи курсҳои худмаблағгузор, чӣ тавре суҳбатҳо бо коршиносон, хонандагон ва фокус–гурӯҳҳо нишон медиҳанд, дар ҳавасмандии пасти шаҳрвандони бекор барои гузаштани курсҳои таълими касбӣ аз ҳисоби худмаблағгузорӣ, сифати нокифояи курсҳои таълимии марказҳои таълимии калонсолони давлатӣ, норасоии устодони ботаҷриба ва дорои малакаи хуби педагогӣ, интизории пасти шунавандагон аз бо ҷои кор таъмин шудан, эътирофи пасти диплом ва шаҳодатномаи марказҳои таълимии калонсолон байни корфармоён ва дигар омилҳо дида мешавад. Дар ин замина тавсия дода мешавад, ки ҳарчи бештар мониторинги сифати курсҳои таълими касбӣ ва бозомӯзӣ ба роҳ монда шавад, ҳамчунин корҳои машваратию иттилоотӣ ва ташвиқотию тарғиботӣ бо иштироки чор тараф – маркази таълимӣ, агентиҳои шуғли аҳолӣ, корфармоён ва бекорон хубтар ба роҳ монда шавад.

Бо мақсади таҳлили вазъи дастгирии давлатии курсҳои барномавӣ (ройгон) дар Маркази таълимии шаҳри Душанбе бояд ба маблағгузории буҷетии он диққат диҳем (диаграммаи 1).

Аз диаграммаи 1 бармеояд, ки дар давоми чаҳор соли охир, яъне аз соли 2015 то соли 2018 аз ҳисоби буҷети давлатӣ баҳри таҳсили ройгони шаҳрвандони тибқи роҳхатҳои намояндагиҳои Агентии шуғли аҳолӣ дар ноҳияҳо омада 1037,5 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст. Ҳамасола маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ вобаста ба нақшаи додашудаи шумораи касбомӯзон аз тарафи Агентии меҳнат ва шуғли аҳоли тавассути роҳхат фиристодашаванда муқаррар карда мешавад. Тамоюли маблағгузорӣ нишон медиҳад, ки ҳамасола аз 2,5% дар соли 2016 то 11,3% дар соли 2018 ҳаҷми маблағгузорӣ паст шуда истодааст, ки аз рӯйи нишондиҳандаи миёнаи поёнравии солона 6,6%-ро ташкил медиҳад.

Чӣ тавре қайд карда шуд, коҳиши ҳаҷми маблағгузорӣ аз кам гаштани шумораи шаҳрвандоне, ки дар курсҳои барномавӣ фаро гирифта мешаванд вобастагии калон дорад.

**Диаграммаи 1.**

**Маблағгузории буҷетии курсҳои таълими касбии барномавӣ дар Маркази таълимии шаҳри Душанбе дар солҳои 2015–2018** (ҳазор сомонӣ)




*Сарчашма: маълумоти КВД-и Маркази таълимии шаҳри Душанбе, солҳои 2015–2018.*

Аз ин лиҳоз хулоса баровардан мумкин аст, ки вазифаи асосии Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020, ки дастрасӣ ва ҷалби ҳарчи бештари калонсолон ба таълими касбҳои гуногунро дар бар мегирад дар мисоли Маркази таълимии шаҳри Душанбе иҷро нагардида истодааст.

Маблағгузории буҷавии курсҳои барномавӣ дар назар дорад, ки ба сари ҳар як шунаванда аз буҷет 350 сомонӣ ҷудо карда мешавад. Аз ин лиҳоз ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ аз шумораи шаҳрвандони ба курсҳои барномавӣ фарогир вобастагии калон дорад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт мушоҳида мегардад, ин ҳамкории сусти маркази таълимӣ бо агентиҳои шуғли аҳолии ноҳиявӣ бо мақсади ҷалби бештари шаҳрвандон ба курсҳои ройгон ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади таҳлили мушаххаси сифати ташкили курсҳои барномавии Маркази таълимӣ, мо тасмим гирифтем, ки фарогирии шаҳрвандонро ба курсҳои алоҳидаи барномавӣ дар соли 2018, тақсимбандии маблағгузорӣ ба сари як шунавандаи курс ва вазъи бо ҷойи кор таъмин гаштани шаҳрвандоне, ки курсҳои барномавиро бо муваффақият ҷамъбаст кардан мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор диҳем.

**Фарогирии шаҳрвандон ба курсҳои алоҳидаи барномавӣ** дар соли 2018 дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

Тибқи маълумоти Маркази таълимии шаҳри Душанбе дар соли 2018 ҳамагӣ 678 нафар аз рӯйи 14 ихтисос дар 41 гурӯҳ ба курсҳои барномавии ройгон фаро гирифта шудаанд.

**Диаграммаи 2.**

Фарогирии шаҳрвандон ба курсҳои таълими касбии барномавӣ дар Маркази таълимии ш.Душанбе дар соли 2018 (нафар)




*Сарчашма: маълумоти КВД-и Маркази таълимии шаҳри Душанбе, соли 2018.*

Бештари шаҳрвандон дар ихтисосҳои дӯзандагӣ (192 нафар), қаннодӣ (107 нафар), баҳисобгирӣ (60 нафар) ва асосҳои омӯзиши компютер (52 нафар) таълими касбӣ гирифтанд, ки дар ҷамъ аз рӯйи ин 4 ихтисос 61% фарогирии шаҳрвандон ба курсҳои таълими касбии ройгони марказ ташкил мекунад ва аз тақозои бозори меҳнат ба ингуна ихтисосҳо далел медиҳад. Миқдори ками шаҳрвандон ба ихтисосҳои нонпаз (15 нафар), бахиядузӣ (қуроқдузӣ) (15 нафар), кафшергар (15 нафар), кафшергари газию барқӣ (16 нафар) ва челонгарӣ (20 нафар) ҷалб шуданд, ки дар ҷамъ аз рӯйи ин 5 ихтисос ҳамагӣ 11% фарогирии шаҳрвандонро ба курсҳои таълими касбӣ нишон медиҳад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ба ин гуна ихтисосҳо аз ҷониби агентиҳои шуғли меҳнати аҳолӣ кам роҳхатҳо дода мешаванд, ки бо тақозои пасти бозори меҳнат алоқаманд аст.

Дар асоси диаграммаи 2 хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки новобаста аз он, ки дар Маркази таълимии шаҳри Душанбе курсҳои таълими касбии ройгон аз рӯйи 14 ихтисос ба роҳ монда шуда бошад ҳам, танҳо 4-5 ихтисосҳои он (28–35% курсҳо) ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯянд. Маблағҳои буҷетӣ ба баъзе ихтисосҳо бесамар ҷудо карда мешаванд, азбаски талаботи бозори меҳнат ба онҳо хеле ҳам паст аст. Аз ин ҷо бар меояд, ки Маркази таълимии шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо агентиҳои шуғли аҳолӣ ва бахши хусусӣ бояд доир ба масъалаи самаранокии ташкили курсҳои барномавӣ ва ба талаботи бозор ҷавобгӯй будани онҳо таҳқиқот гузаронида, сифати курсҳои таълимиро баланд бардошта ихтисосҳои замонавӣ ба талаботи бозор ҷавобгӯйро пешниҳод кунад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки фарогирии каме шаҳрвандон ҳамчун нишондиҳандаи асосии ба талабот ҷавобгӯй набудани курсҳои омӯзишӣ буда наметавонад, дар ин ҷо ҳатман омилҳои дигар ҳам бояд ба инобат гирифт, аз ҷумла маблағгузории буҷетӣ ба сари як шунаванда (диаграммаи 3).

**Маблағгузории буҷавӣ ба сари як шунаванда** дар асоси харҷномаи курси кӯтоҳмуддати аз рӯйи ихтисоси "Забони русӣ" барои як моҳ дар соли 2018 оварда шудааст. Аз диаграммаи 3 бармеояд, ки дар маҷмӯъ, тибқи харҷномаи тасдиқшудаи Маркази таълимӣ дар як моҳ ҳамагӣ 146 сомонӣ харҷ карда мешавад, аз ҷумла фоизи нисбатан зиёди хароҷотро пардохти хизматрасонии мутахассисон, ки музди меҳнати омӯзгоронро дар бар мегирад, 55,63 сомонӣ ё 38%-и харҷнома ва стипендияи шунаванда – 50 сомонӣ, ё 34%-и харҷнома дар бар мегирад.

**Диаграммаи 3.**
**Харҷномаи барои курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯйи ихтисоси "Забони русӣ" барои 1 нафар шунаванда дар 1 моҳ** (сомонӣ)




Пардохти хизматрасонии мутахассисон, омӯзгорон бе дарназардошти андози иҷтимоии 25%-а, тибқи маълумоти Маркази таълимӣ ҳамагӣ 44,10 сомониро ташкил мекунад, ки ба сари ҳар як шунаванда ҳамагӣ 7 сомонӣ дар як соат рост меояд. Сарбории моҳонаи мутахассис 126 соатро барои 20 нафар шунаванда ба нақша гирифта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки мутахассис дар давоми моҳ ҳамарӯза 4–5 соат дар марказ бо дарсдиҳӣ банд мешавад ва дар натиҷа 882 сомонӣ моҳона мегирад. Бо дарназардошти сатҳи таваррум музди воқеии меҳнати мутахассисон ҳамагӣ 6,4 сомониро ташкил медиҳад [11, с. 57], ки аз сатҳи пасти рақобатпазирии он шаҳодат медиҳад ва ҷалби мутахассисони таҷрибадори дорои унвони илмиро ғайриимкон мегардонад.

Дигар мушкилоте, ки дар ин самт мушоҳида мешавад, сатҳи пасти хароҷот барои хариди лавозимоти зарурӣ барои хониш ва дигар хароҷоте, ки бо раванди таълим алоқамананданд, ҳисобида мешавад. Тибқи маълумоти Диаграммаи 3, ҳиссаи нисбатан ками хароҷот ба хариди лавозимот (4,57 сомонӣ) ва хизматрасонии коммуналӣ ва алоқа (4,3 сомонӣ) рост меоянд, ки дар ҷамъ ҳамагӣ 6 дарсади харҷномаро ташкил мекунад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар раванди таълим шунаванда бояд бо маводи таълимии

ёрирасон, фишурдаи лексия, адабиёти зарурӣ ва дигар дастуру васоити таълимӣ таъмин бошад, вале бо дарназардошти ҳиссаи беҳад ками хароҷоти банақшагирифташуда ба шунаванда тамоми маводи зарурии таълимӣ дастнорас мебошанд. Аз ҷониби дигар ҳиссаи пасти хизматрасонии коммуналӣ, алоқа ва таъмири ҷорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки шунаванда на ба шабакаи таълимии маҷозӣ ба тариқи интернет, на ба синфхонаи таъмиршудаи шинам дастрасӣ надорад, ки ҳамчунин, эътимоди хизматрасонии маркази таълимии касбии калонсолонро дар байни аҳолӣ паст мекунад. Пурсиши шифоҳӣ ва мусоҳиба бо шунавандагон ҳолати мазкурро тасдиқ мекунад.

Дар охир бо мақсади арзёбии натиҷагирии курсҳои барномавии ройгони Маркази таълимии шаҳри Душанбе аз ҷониби мо пурсиши телефонии миқдори муайяни хатмкунандагони курсҳои таълими касбӣ гузаронида шуд.

Тибқи рӯйхати хатмкунандагони курсҳои таълими касбӣ дар солҳои 2015–2018, ки аз ҷониби Маркази таълимӣ пешниҳод шуд, мо кӯшиш намудем, ки дар асоси интихоби маҳдуд аз рӯи 14 ихтисос 5 нафари хатмкунандагони солҳои 2015–2018 пурсиш намоем, то ки ба ҷои кор таъмин гаштани онҳоро муайян намоем. (Диаграммаи 4).

Албатта, дар пурсиши худ мо натавонистем тамоми хатмкунандагони курсҳои мазкурро дар бар гирем, ки метавонад ба дурустии натиҷаҳои пурсиш таъсири манфӣ расонад, вале аз сабаби он, ки ба дархости худ аз агентиҳои шуғл мо маълумоти заруриро пайдо карда натавонистем, мо умед дорем, ки ингуна натиҷаҳои пурсиш метавонад каме бошад ҳам, аз натиҷагирии курсҳои таълими касбии ройгон нишон диҳад.

**Диаграммаи 4.**

**Натиҷаи пурсиши шаҳрвандоне, ки дар солҳои 2015–2018 курсҳои таълими касбии ройгони Маркази таълимии шаҳри Душанберо хатм карданд** (нафар)



Чӣ тавре аз диаграммаи 3 бармеояд, вазъият бо ҷойи кор таъмин гаштани хатмкунандагони курсҳои таълими касбии барномавӣ сол ба сол беҳтар шуда истодааст. Агар дар соли 2015 аз 90 нафаре, ки дар пурсиш иштирок карданд ҳамагӣ 48 нафар бо кор таъмин шуданд, дар соли 2018 бошад ин рақам ба 54 нафар расид, ки афзоиши 7,0%-ро дар ин давра ташкил медиҳад. Тибқи пурсиши мо, тамоюли бо ҷои кор таъмин гаштани хатмкунандагон устувор нест ва дар солҳои 2016 ва 2018 нисбати солҳои сипаригашта рӯ ба поёнравӣ дорад. Аз як тараф ин вазъият бо талаботи корхонаҳо ба қувваи корӣ вобаста бошад, аз ҷониби дигар дар инҷо натиҷагирии пасти баъзе аз ихтисосҳои курси таълими касбӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили ҳаматарафаи таълими касбии барномавии ройгони маркази таълимии касбии калонсолон як қатор мушкилотҳоро муайян кардан мумкин аст:

- Ҳамасола пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат меафзояд, ки зарурияти ҷалби шахсони бекор ба курсҳои таълими касбӣ ва бозомӯзиро тақозо менамояд. Тибқи натиҷаҳои таҳлил дар панҷ соли охир дар курсҳои таълими касбии калонсолон, ки аз рӯи буҷет маблағгузорӣ мешаванд, ҳамасола аз 15% то 20% шахсони дар ҷустуҷуи кор буда фаро гирифта мешаванд (ниг. ба Ҷадвали 1), ки нишондиҳандаи паст мебошад. Дар ин ҷода ба Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки шахсони бекору ниёзмандро бештар ба курсҳои таълими касбии ройгон бо тариқи агентиҳои шуғли аҳолии ноҳиявӣ ҷалб намоянд.

- Вазъи таълими касбии калонсолон дар мисоли Маркази таълимии шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки ҳамасола нақша ва иҷрои курсҳои барномавӣ ва худмаблағгузор иҷро нагардида истодааст ва рӯ ба пастшавӣ дорад. Дар чор соли охир дар маҷмӯъ, 616 ҷойи буҷавӣ ва 3204 ҷойи худмаблағгузорӣ дар ихтисосҳои таълими касбии калонсолон холӣ мондааст, ки аз натиҷагирии нисбатан пасти фаъолияти агентиҳои шуғли аҳолии ноҳиявӣ ва маркази таълимӣ дар ҷодаи ҷалби бекорон ба курсҳои таълими касбӣ шаҳодат медиҳад (ниг. ба ҷадвали 2). Дар ин маврид пешниҳод карда мешавад, ки аз ҷониби Маркази таълимии шаҳри Душанбе мунтазам мониторинги ичрои нақшаҳои курсҳои таълими касбӣ бо таҳлили проблемаҳои асосии он гузаронида шаванд, то ки сабабҳои иҷро ҷалби пасти бекорон ба курсҳои таълими касбӣ муайян карда шуда, чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

- Суҳбатҳо бо коршиносон, хонандагон ва фокус–гурӯҳҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳавасмандии пасти шаҳрвандони бекор барои гузаштани

курсҳои таълими касбӣ аз ҳисоби худмаблағгузорӣ, сифати нокифояи курсҳои таълимии марказҳои таълимии калонсолони давлатӣ, норасоии устодони ботаҷриба ва дорои малакаи хуби педагогӣ, интизории пасти шунавандагон аз бо ҷойи кор таъмин шудан, эътирофи пасти диплом ва шаҳодатномаи марказҳои таълимии калонсолон байни корфармоён ва дигар омилҳо дида мешавад. Дар ин замина тавсия дода мешавад, ки ҳарчи бештар корҳои машваратию иттилоотӣ ва ташвиқотию тарғиботӣ бо иштироки ҷонибҳои манфиатдор:–маркази таълимӣ, агентиҳои шуғли аҳолӣ, шуъбаҳои маорифи ноҳиявӣ, корфармоён ва бекорон хубтар ба роҳ монда шуда имкониятҳои баланд бардоштани эътимоди марказҳои таълими касбӣ дар байни ҷомеа ва бахши хусусӣ ҷустуҷӯ карда шаванд.

- Сифати ташкили курсҳои таълими касбӣ, фарогирии шаҳрвандони бекор ва натиҷагирии он аз ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ вобастагии калон дорад (ниг. ба Диаграммаи 1). Дар солҳои охир тамоюли коҳишёбии ҳаҷми маблағгузории курсҳои таълими касбӣ аз рӯйи барнома (ройгон) ба андозаи 11,3% ба чашм мерасад. Коҳиши ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ба марказҳои таълимии калонсолон ба маҳдуд гаштани имкониятҳои рушди марказҳо ва заифии иқтидори таълимии онҳо оварда мерасонад. Илова бар ин, таҳлили харҷномаи сарикасии курсҳои кутоҳмуддати таълимӣ (ниг. ба диаграммаи 3) аз он шаҳодат медиҳад, ки айни ҳол музди меҳнати воқеии мутахассисон ҳамагӣ 6,4 сомонӣ дар як соатро ташкил медиҳад, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй нест ва бо дарназардошти норасоии маблағҳо барои хариди лавозимоти зарурӣ ва таҷҳизот (ҳамаги 4,5 сомонӣ барои як нафар дар як моҳ муқаррар шудааст) марказҳои таълимӣ шунавандагонро бо лавозимоти таълимии зарурӣ таъмин карда наметавонанд. Тавсия дода мешавад, ки ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ ба курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯйи барнома то андозае зиёд карда шавад, то ки ба харҷномаи ҳар як шунаванда хароҷот барои таъмини ӯ ба маводи таълимию методӣ, васоит, дастрасӣ ба интернет ва технологияҳои таълимии интернетӣ ва дигар таҷҳизоти зарурии таълимӣ-методӣ ворид карда шаванд.

- Таҳлили фарогирии шаҳрвандон ба курсҳои таълими касбии барномавӣ (ниг. ба диаграммаи 2) нишон медиҳад, ки аз 14 ихтисоси маркази таълимӣ танҳо 4–5 ихтисос (28-35% аз миқдори умумии ихтисосҳо) бозоргир аст ва дар он зиёда аз 60 дарсади шунавандагон фаро гирифта мешаванд. Як қатор ихтисосҳои марказ, аз ҷумла нонпаз, бахиядузӣ (куроқдузӣ), кафшергар, кафшергари газию барқӣ ва челонгарӣ ҳамагӣ то 2 дарсади шунавандагонро фаро мегиранд, ки аз тақозои пасти бозори меҳнат ба ингуна ихтисосҳо гувоҳӣ медиҳад. Маблағҳои буҷавӣ ба

ин гуна ихтисосҳо бесамар ҷудо карда мешаванд, азбаски дар ин ихтисосҳо тибқи нақша ҷойҳои зиёди буҷетӣ холӣ мемонанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки Маркази таълимии шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо агентиҳои шуғли аҳолӣ ва корфармоён бояд доир ба масъалаи самаранокии ташкили курсҳои барномавӣ ва ба талаботи бозор ҷавобгӯй будани онҳо таҳқиқот гузаронида, сифати курсҳои таълимиро баланд бардошта, ихтисосҳои замонавӣ ба талаботи бозор ҷавобгӯйиро пешниҳод намояд.

- Чӣ тавре пурсиши хатмкунандагон нишон медиҳад, ҳамасола тақрибан беш аз 50 дарсади хатмкунандагони курсҳои таълими касбии ройгон ба ҷойҳои кори гуногун таъмин мешаванд, ки ҳамчун нишондиҳандаи қаноатбахш ҳисобидан мумкин аст (ниг. ба диаграммаи 4) вале бояд зикр намуд, ки динамикаи бо ҷойи кор таъмин гаштани хатмкунандагон устувор нест ва дар баъзе солҳо шуғли хатмкунандагон коҳиш мегардад. Дар ин ҷода тавсия дода мешавад, ки агентиҳои шуғли аҳолӣ, ки ба бекорон барои гузаштани курсҳои таълимии ройгон роҳхат медиҳанд, натиҷагирии курсҳо ва шуғли минбаъдаи бекоронро зери назорати қатъӣ гирад, то ки роҳҳои баланд бардоштан сифати таълими касбии калонсолон дар марказҳои таълимӣ беҳтар карда шавад.

## АДАБИЁТ


1. Каримова М.Т., Муминова Ф.М., Сохибов Ш.К. Путеводитель по бюджету Республики Таджикистан. – Душанбе, 2012
2. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://mehnat.tj
3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://minfin.tj
4. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар январ-июли соли 2018. Нашриёти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 305 с.
5. Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон: http://mtkt.tj
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018. Нашриёти Агентии омор назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – 482 с.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392 тасдиқ шудааст.
8. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, № 334 тасдиқ шудааст.

9. Стратегияи давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2011, № 277 тасдиқ шудааст.
10. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, № 678 тасдиқ шудааст.
11. Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.07.2016, № 268 тасдиқ шудааст.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти калонсолон” аз 24.02.2017, № 1394

## ОЦЕНКА ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ ОБУЧЕНИЯ ВЗРОСЛЫХ: ПОЛОЖЕНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**ГАФУРОВ СОРБОН ХУШДИЛОВИЧ,**
ассистент кафедры государственного и местного управления Института предпринимательства и сервиса
734055, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада 48/5,
тел.: 93-793-70-93, email: sorbon9314@mail.ru

**ХОЛИКОВ ФИРДАВС АМИРШОЕВИЧ,**
магистр кафедры государственного и местного управления Института предпринимательства и сервиса
734055, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада 48/5,
тел.: 907-17-17-67; email: Firik.9696@mail.ru.

*Данная статья посвящена исследованию государственной политики обучения взрослых в Республике Таджикистан. На основе оценки реализации Программы развития профессионального обучения взрослых на 2016-2020 годы представлены выводы о необходимости расширения доступности курсов повышения калификации и широкого охвата безработных.*

*В заключении представлен ряд рекомендаций по повышению эффективности организации обучения взрослых.*

***Ключевые слова:*** *обучение взрослых, программа обучения взрослых, государственная политика в области обучения взрослых, программа развития.*

# EVALUATION OF THE STATE POLICY ON EDUCATION OF ADULTS: SITUATION AND PERSPECTIVES

**GAFUROV SORBON HUSHDILOVICH,**
assistant student of the Department of State and Local Management of the Institute of Entrepreneurship and Service,
734055, Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5,
tel.: 93-793-70-93, email: sorbon9314@mail.ru

**KHOLIQOV FIRDAVS AMIRSHOEVICH,**
master student of the Department of State and Local Management of the Institute of Entrepreneurship and Service,
734055, Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5,
tel.: 907-17-17-67, email: Firik.9696@mail.ru

*The given paper investigates the state policy on education of adults in the Republic of Tajikistan. Based on the evaluation of the realization of the Program of development of professional education of adults for 2016-2020 some recommendations about the necessity of raising the availability of educational courses for unemployed are presented.*

*In the conclusion, the paper presents some recommendations for raising the effectiveness of adult education.*

***Keywords:*** *adult education, the program of education of adults, state policy of the education of adults, program of development.*

УДК 339.727.22/24 (575.3)

# ИМТИЁЗҲОИ ДАВЛАТӢ БАРОИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҚАЮМОВА ШАҲЗОДА ТАҒОЕВНА,**
номзади илмҳои иқтисодиёт, сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел.: 907-98-22-02, e-mail: Shahi-76@Mail.Ru

*Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузорон имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳоро бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳо, шартномаҳои сармоягузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда барои рушди иқтисодиёти миллӣ пешниҳод намудааст. Лекин барои ҷалби сармоягузорон ва саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ муаммоҳо ба назар мерасад, чунки, новобаста аз имтиёзҳои пешниҳодшуда сармоягузорон ҳангоми гузаронидани саҳми худ бо мушкилиҳои ногувор рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин лиҳоз, дар ин мақолаи илмӣ имтиёзҳоро омӯхта, муаммоҳо ва мушкилот муайян карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *имтиёзҳои муқарраршуда, сармоягузорӣ, соҳибкорӣ, сармояи хориҷӣ, низом, нишондиҳандаҳо, натиҷаҳо ва назорат.*

Мақсади дастгирии давлатӣ фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёт ва ҳавасманд гардонидани сармоягузорон бобати бунёд намудани истеҳсолоти нав, таҷдиди истеҳсолоти амалкунанда бо истифода аз таҷҳизот ва технологияҳои муосир, нигоҳ доштан ва муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, сатҳи баланди хизматрасонӣ дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Инчунин, ҷалби сармоягузорӣ аз тарафи мақомотҳои ваколатдор, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, амалӣ карда мешавад.

Дар робита ба ин гуфтаҳо қайд кардан зарур аст, ки то ҳол афзорҳои аниқи муайян сохтани амнияти сармоягузорӣ ба роҳ монда нашудааст, ин нуқтаи назарро Н.М. Захватов дар рисолаи илмии худ чунин зикр намудаст: "Ифодаи «амнияти сармоягузорӣ» то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Баъзе муаллифон онро ҳамчун мавзӯи пурра омӯхтанашуда арзёбӣ намудаанд ва баъзе ин нуқтаро ёдрас карда, дар ин бобат изҳори назар намудаанд" [1].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳавасманд ва ҷалб намудани соҳибкорон бо 25 кишвари ҷаҳон Созишнома оид ба андозбандии дукарата ва бо 18 кишвар Созишнома оид ба ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ба имзо расонидааст. Нишонаи беҳбудӣ ва фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ

дар кишвар ин ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 ба Конвенсияи СММ оид ба иҷро намудани қонунҳои арбитражӣ, ки 10 июни соли 1958 қабулшуда мебошад.

Дар ин замина Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории кишвар бобати ҷалби сармоягузорӣ ва дастгирии сармоягузорони дохиливу хориҷӣ низоми кафолати сармоягузориро ба роҳ мондааст, ки фаъолияти онҳоро дар қаламрави кишвар ва содироти молу маҳсулоти истеҳсолотро кафолат медиҳад. Ҳамчунин, низоми имтиёзҳои (преферентсияи) андозию гумрукӣ, ки дар қонунгузории кишвар амал мекунанд, барои фаъолияти соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати сохтмони корхонаҳо, нақбҳо, неругоҳҳои хурду бузург як қатор имтиёзҳоро муқаррар намуда, бо мақсади фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ, мукаммал намудани мавқеи идоракунии давлатӣ, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути қонунҳои амалкунанда пешбинӣ гардидааст:

- моддаи 4, 7 , 8, 9, 10, 12, 13 19, 21 ва 23-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”;
- моддаи 8 ва 46-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»;
- моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ”
- моддаи 110, 169, 223, 315 ва 325-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- моддаи 345-и Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тайи солҳои 2002-2018 дар доираи татбиқи Стратегияю барномаҳои давлатӣ зиёда аз 200 созишнома, шартнома, грантҳо ба имзо ва татбиқ гардидаанд, ки маблағи умумии онҳо 2,13 млрд доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Аз маблағи мазкур 1,614 млрд доллар кредит, 371,5 млн доллар грантҳо, 119,1 млн доллар ҳиссаи Ҳукумат ва 28,7 млн доллари ИМА дигар даромадҳо ташкил медиҳанд. Дар солҳои буҳрони 2008–2010-ум 1,038 млрд доллари амрикоӣ ворид шуд, ё ин ки 47% аз маблағи умумии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ афзоиш ёфт.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2007-2018, 9 млрд. 258,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз онҳо. 4 млрд. долл. ИМА сармоягузориҳои мустақим, 4 млрд. 756,7 млн. долл. ИМА-ро дигар намуди сармояҳо аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалб гардида, 501,9 млн долл. ИМА-ро сармоягузории портфелӣ ташкил медиҳад. (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Ҷалби сармояи хориҷӣ аз рӯйи навъҳо дар солҳои 2007–2018 [3]**

| | Ҷалби сармояи хориҷӣ | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Мустақим | Дигар | Портфелӣ | |
| **2007** | 388,4 | 472,2 | 0 | **860,6** |
| **2008** | 425,7 | 563,6 | 0 | **989,3** |
| **2009** | 89,4 | 293,8 | 0 | **383,2** |
| **2010** | 238,9 | 228,2 | 0 | **467,1** |
| **2011** | 161,4 | 164 | 0,1 | **325,5** |
| **2012** | 391,3 | 355 | 0,1 | **746,4** |
| **2013** | 341,1 | 671 | 0,2 | **1012,3** |
| **2014** | 377,4 | 530 | 1,4 | **908,8** |
| **2015** | 470,9 | 506,9 | 0 | **977,8** |
| **2016** | 434,2 | 408,4 | 0,1 | **842,7** |
| **2017** | 354,5 | 245,9 | 500 | **1100,4** |
| **2018** | 326,8 | 317,7 | 0 | **644,5** |
| **Ҳамагӣ** | **4000** | **4756,7** | **501,9** | **9258,6** |

Соли 2018 воридоти умумии сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар 644,5 млн. доллар ИМА-ро ташкил дод, ки аз он 326,8 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 317,7 млн. долл. ИМА қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида мебошанд.




**Расми 1. Ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар соли 2018 (млн. долл. ИМА)[2]**

Дар солҳои 2007–2018 сармояи хориҷӣ аз кишварҳои шарикон 9258,6 млн. долл. ИМА ҷалб гардид, ки аз онҳо ба сармояи мустақим 43,2%, дигар намуди сармоя 51,4% ва сармояи портфелӣ 5,4% рост меояд. Дар расми 2 ҷалби сармоя аз рӯйи дигар навъи сармоягузорӣ аз кишварҳои шарикони ҳамкор нишон дода шудааст.




**Расми 2.Нишондиҳандаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ аз рӯйи дигар навъҳо сармоягузорӣ дар солҳои 2008–2018 (%)[2].**

Аз расми дуюм мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар солҳои 2007–2018 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи хориҷӣ бештар аз ҷониби Ҷумҳурии мардумии Чин – 330,5 млн. долл. ИМА (27,9%), ин маблағҳо ба соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноати масолеҳи сохтмон, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ ва газӣ, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва таҷдиду таъмири роҳҳо равона гардидаанд. Аз ҷониби Федератсияи Русия – 21,5 млн долл. ИМА (17,2%) ба соҳаи хизматрасонии молиявӣ, алоқа, сохтмон, истихроҷи нафти хом ва гази табиӣ, Иёлоти Мутаҳидаи Амрико – 8,7 млн. долл. ИМА (7,3%) ба соҳаҳои маориф, молия ва аз ҷониби Британия – 61,4 млн. долл. ИМА (7,0%) ба соҳаҳои хизматрасонии молиявӣ, саноат, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ равона намудаанд.

Вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ аз ҳама бештар шаҳри Душанбе афзалият дорад, чунки даромаднокии аҳолии шаҳри Душанбе назар ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ баландтар мебошад. Дар қатори ҳамаи ин шаҳри Душанбе назар ба дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори инкишофёфта дошта, иқлими сармоягузории он

бехтару хубтар аст. Тибқи таҳлилҳо, дар даҳ соли охир аз ҳисоби ҳама гуна сармояҳои хориҷӣ ба шаҳри Душанбе 5,7 млрд. доллари ИМА, бо дар назардошти муҳайё будани инфрасохтори зарурӣ ҷалб гардид. (Расми 3.)




**Расми 3.Ҷалби сармояи хориҷӣ дар минтақаҳои кишвар тайи солҳои 2008–2018 (бо млн. долл. ИМА) [2]**

Дар солҳои охир воридоти сармояи мустақими хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе – 67,6 % (5672,0 млн. долл. ИМА), вилояти Суғд – 20,0% (1674,0 млн. долл. ИМА), вилояти Хатлон –9,5% (799,8 млн. долл. ИМА), вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон–0,8% (67,8 млн. долл. ИМА) ва ба Ноҳияҳои Тобеи Ҷумҳурӣ – 2,1% (174,6 млн. долл. ИМА) равона гардидааст.

Тамоюли инкишофёбии сармоягузорӣ дар солҳои охир алоқамандии зичро бо бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ пайдо намудааст. Хусусан, сармояи мустақими хориҷӣ чунин шакли сармоягузорӣ мебошад, ки аз ҷониби сармоягузор, пеш аз ҳама, дар хориҷи кишвар кӯшиши харидории объекти сармоягузорӣ карда мешавад. Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи хориҷӣ аз ҳама зиёд дар бахшҳои омӯзиши геологӣ ва сарватҳои зеризаминӣ, энергетика, хизматрасонии молиявӣ, нақлиёт ва алоқа, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо равона гардидааст. (Расми 4.)




**Расми 4**. **Ҳиссаи соҳаҳо дар ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2018 (млн. долл. ИМА) [2]**

Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2018 ба соҳаҳои истихроҷи канданиҳои фоиданок–167,7 млн. доллари ИМА, саноати коркард–83,0 млн. доллари ИМА, сохтмон–26,0 млн. доллари ИМА, кишоварзӣ–17,9 млн. доллари ИМА, хизматрасонии молиявӣ–6,4 млн. доллари ИМА, нақлиёт ва алоқа– 5,2 млн. доллари ИМА, маориф-0,3 млн. доллари ИМА ва дигар соҳаҳо–3,3 млн. доллари ИМА равона гардидидаанд.

Дар соли 2017 ҳаҷми сармояи хориҷӣ 15,9% нисбати ММД-ро ташкил дода, дар соли 2018 ин нишондиҳанда ба 8,8% коҳиш ёфт, ки ин аз фазои ноустувории ҷалби сармоягузорӣ шаҳодат медиҳад. (Расми 5.).




**Расми 5. Ҳаҷми сармояи хориҷӣ нисбат ба ММД ( фоиз)**
*Маводи таҳлилии муаллиф

Аз рӯйи таҳлилҳои оморӣ бармеояд, ки ҷалби сармоягузорӣ бо ташкили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкили равзанаи ягонаи анҷомдиҳии расмиёти машғулшавӣ бо пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ имрӯз ҷой дорад, вале ин иқдом барои рушду нумуи соҳибкории истеҳсолӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ кофӣ нест.

Академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Р.К.Раҳимов қайд намуданд, ки ба иқтисоди мамлакат ворид нагардидани маблағҳои калони яквақтаро «рушди бесармоягузорӣ» номидааст. Яъне коҳиш ёфтани ҳиссаи сармоягузорӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ сурат гирифтааст [5].

Истифодаи ҳаматарафаи шарикии давлат дар ташкили соҳибкориҳои истеҳсолӣ бо ёрии пешниҳоди воситаҳои истеҳсолот (ройгон, иҷора, лизинг, ҳиссагузории шарикӣ, пурра озод будани соҳибкор аз ҳамаи андозҳо) бо як ва ё якчанд шарт амалӣ мегардад. Яке аз онҳо пешниҳоди маҳсулоти истеҳсолнамудаи соҳибкор бо нархҳои дастрас аст, ки соҳибкор танҳо имконияти пардохти музди кори коргарони кирояшуда ва гирифтани фоидаи миёнаи соҳавӣ ва сари вақт пардохт намудани андозро дошта бошад.

Варианти дигараш, ташкили корхонаҳои муштарак дар асоси саҳми давлат ташкилкарда мебошад, ки фаъолият, идора, хариду фурӯш, назорат ва танзими маҳсулоти истеҳсолшуда тавассути иштироки бевоситаи давлат суръат мегирад.

Варианти сеюм, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад, ки метавонад дар шакли соҳибихтиёрии соҳибмулк, ки дар асоси нақшаҳои давлатӣ тарҳрезинамуда фаъолияташро ба роҳ монад.

Варианти чорум, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ дар асоси захираҳои молиявии субъетҳои иқтисодиёти ҳар як минтақа ва сармоягузориҳои корпоративии онҳо дар минтақаҳои алоҳида ва ташкили ҳамгироии байниминтақавӣ сатҳи бехатарии сармоягузориҳоро кам карда, имконияти рушди инноватсионии саноатиро фароҳам меоварад.

Барои суръат бахшидан ба рушди ММД ва зиёд намудани шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармояи асосӣ ва амнияти сармоягузорӣ бештар бояд таваҷҷуҳ намуд, зеро расидан ба мақсадҳои ниҳоии он дар СМР–2030 ва БРМ то солҳои 2016-2020 [4] пешбинигардида инъикос ёфтааст.

Гарчанде ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда чунин имтиёзҳо барои рушди корхонаҳои истеҳсолӣ муайян шуда бошанд ҳам, вале онҳо дар минтақаҳо ба таври зарурӣ мавриди истифода қарор намегиранд, чунки назорати раванди иҷро аз ҷониби мақомоти маҳал ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар сурати аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар муҳлатҳои муқarrаргардида расонидани меъёрҳои зарурӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва сари вақт огоҳ намудани онҳо аз раванди имтиёзҳо тавассути сомонаҳои расмии мақомот фаъолияти онҳо назаррас гардида, дар навбати худ барои

ҷалби сармоя ва огоҳ намудани сармоягузорон аз имкониятҳо ва имтиёзҳои муқарраршуда мусоидат мекунад.

Инчунин, масъалаи дигаре, ки ба ҷалби сармоя сабаб шуда метавонад, ин дастгирии иқдомҳои пешниҳодшудаи сармоягузорон дар мавриди рушди сармояи инсонӣ, тарбияи мутахассисон, аз қабили технологҳо, техникҳо ва муҳандисони кордон дар маҳал ва фарогирии онҳо ба истеҳсолот, ки имконияти кам кардани сатҳи камбизоатиро ба ҳар сари аҳолӣ ба вуҷуд оварда, таҳкими саноатикунониро дар асоси инноватсия фароҳам меорад, вусъат мебахшад.

Таҳлилҳо бобати афзоиши саромоягузориҳо дар кишвар давоми солҳои охир нишон медиҳад, ки дар сурати аз ҷониби мақомоти дахлдор дар муҳлатҳои муқарраргардида расонидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба соҳибкорон, масъулини корхонаҳои истеҳсолӣ ва сари вақт воқиф гардидани онҳо аз раванди имтиёзҳо, бахусус, барои ҷалби сармоя ва огоҳ намудани сармоягузорон аз имкониятҳо ва имтиёзҳои муқарраршуда натиҷаҳо боз ҳам хубтар мегарданд.

Хулоса, баҳодиҳӣ ва пешгӯйикунии ҷолибнокии сармоягузории минтақаҳоро бояд бевосита бо сиёсати давлатӣ алоқаманд намуда, ҳадафи сиёсати амнияти сармоягузориро ба **«чор (4) Н»** муаяйн созад: низом, нишондиҳандаҳо, натиҷаҳо ва назорат. Ин чор омил боиси ҷалб ва амнияту рушди сармоягузорӣ дар минтақаҳои кишвар мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Хрусталев Е. Ю., Славянов А. С. Проблемы разработки национальной инвестиционной стратегии в условиях финансовой нестабильности // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. 2009. N 6; // Экономическая безопасность. 2008. N 10.
2. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // WWW. gki. tj.
3. Бюллетени омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 04(285), саҳ. 8.
4. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 678, 28.12.2016.
5. Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста. //Экономика Таджикистана: стратегия развития. 1.2003. с. 24-40.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи сармоягузорӣ ш. Душанбе, 2007, №260,).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» (ш. Душанбе, 20 июли соли 1994, № 983).

8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ” (ш.Душанбе, 19 марти соли 2013, № 944).

9. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон; (ш. Душанбе, 1 январи соли 2013)

10. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 3 декабри соли 2004, №62)

## ГОСУДАРСТВЕННЫЕ ЛЬГОТЫ ДЛЯ УЛУЧШЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННОГО КЛИМАТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**КАЮМОВА ШАХЗОДА ТАГОЕВНА,**

кандидат экономических наук, начальник Управления анализа макроэкономических проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,

734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 40,

тел: 907-98-22-02, e-mail: Shahi-76@Mail.Ru

*В настоящее время с целью привлечения инвесторов Правительством Республики Таджикистан предусмотрены налоговые, таможенные и иные льготы, установленные законодательством Республики Таджикистан, инвестиционными соглашениями и международно-правовыми актами по развитию национальной экономики. Однако привлечение инвесторов и их вклад в развитие национальной экономики проблематичен, поскольку инвесторы, несмотря на предлагаемые преимущества, сталкиваются с трудностями при внесении своего вклада. Соответственно, в этой статье мы решили изучить преимущества и выявить проблемы.*

***Ключевые слова:*** *установленные льготы, инвестиции, предпринимательство, иностранный капитал, система, показатели, результаты и контроль.*

# GOVERNMENT INCENTIVES FOR INVESTMENT CLIMATE IMPROVEMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**KAYUMOVA SHAKHZODA TAGOEVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Head of the Macroeconomic Issues Analysis Department of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 40,
tel: 907-98-22-02, e-mail: Shahi-76@Mail.Ru

*Nowadays in order to attract investors the Government of the Republic of Tajikistan provides tax, customs and other benefits established by the legislation of the Republic of Tajikistan, investment agreements and international legal acts on the development of the national economy. However, attracting investors and their contribution to the development of the national economy is problematic, since investors, despite the advantages offered, encounter difficulties in making their contribution. Accordingly, in this article we decided to study the benefits and identify problems.*

***Keywords:*** *established benefits, investments, entrepreneurship, foreign capital, system, indicators, results and control.*

УДК 338.48+330 (575.3)

# К ВОПРОСУ О РАЗВИТИИ ТУРИСТСКО-РЕКРЕАЦИОННОЙ СФЕРЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**ОДИЛОВА РУХШОНА КОМИЛОВНА,**
учёный секретарь Центра стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 40,
тел.: +(992 37) 2276775

*В статье проводится обзор научных работ, в которых исследовались вопросы развития туристического сектора, условия совершенствования рекреационной деятельности, институциональных основ туристического бизнеса в Республике Таджикистан, новых видов туристических услуг, рекреационно-географической специфики республики, подготовки специалистов для туристической индустрии. Однако, несмотря на многообразие научных исследований по вопросам совершенствования туристической индустрии Республики Таджикистан по различным её направлениям, отсутствует комплексный подход к изучению туристической сферы, как единого объекта управления.*

***Ключевые слова:*** *туризм, рекреация, туристическая политика, туристические ресурсы, сельскохозяйственный туризм, альпинизм, горно-спортивный туризм, ознакомительный, этнографический, экологический туризм, нормативно-законодательные акты.*

С приобретением государственной независимости развитию туристической сферы было уделено особое внимание. Была поставлена задача создать необходимую инфраструктуру туристического бизнеса, отвечающего международным стандартам, а также формировать рынок туристических услуг, одновременно наладить эффективное государственное регулирование отрасли. С этой целью в 1996 году указом Президента Республики Таджикистан была образована Национальная компания Республики Таджикистан по туризму «Таджиктуризм». Тем самым еще на заре государственной независимости Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон обозначил сферу туризма как одну из перспективных отраслей национальной экономики. Соответственно, поэтапно совершенствовалось законодательство, сформировался государственный институт управления и регулирования отрасли. Это совпало с бурным ростом международного туризма, замеченного в последние три десятилетия, как в странах развитого мира, так и в развивающихся странах, что, безусловно, не могло быть вне поля зрения ученых и исследователей.

В Республике Таджикистан имеется много работ, в которых рассматриваются вопросы формирования, правового регулирования и разви-

тия туризма, подготовки кадров для туристической индустрии, его значение для национальной экономики, условия успешного развития туристических услуг в республике и т.д. В исследованиях отмечается, что с экономической точки зрения, развитие туризма будет способствовать созданию новых рабочих мест как в самой туристической индустрии, так и в смежных отраслях, увеличению доходов и росту благосостояния населения, пополнению государственного бюджета. Особенно важным преимуществом туризма как отрасли определяется его мультипликативный эффект, т.е. эффективное развитие туристической отрасли в республике будет способствовать развитию других отраслей национальной экономики.

С укреплением рыночных отношений в экономике Республики Таджикистан, особенно важными в рамках исследования темы развития туризма являются вопросы регулирования туристической сферы, прежде всего, вопросы формирования и развития институциональной базы туризма в республике. Проанализировано законодательство в области туризма, подзаконные нормативно-правовые акты, государственные стратегии и программы, формирующие деятельность туристической индустрии в Республике Таджикистан. Рассмотрены различные методы государственного регулирования туристической сферы, исследована совокупность мер и мероприятий, составляющих государственную туристическую политику, которая направлена на формирование условий для поступательного развития туристической индустрии, рационального использования туристических ресурсов, повышения экономической эффективности данной отрасли. Анализ институциональной основы развития туристической сферы в Таджикистане выявил и ряд недостатков, которые являются барьерами развития этой сферы. Например, вопросами формирования инфраструктуры туристической индустрии занимаются различные организации, однако между ними до сих пор не налажен эффективный механизм межведомственной координации. Это проявляется в том, что подчинённость туристических зон и природно-рекреационных территорий различным государственным структурам и общественным организациям приводит в некоторых случаях к несогласованности их действий в сфере предоставления туристических услуг, что оказывает отрицательное влияние на развитие туризма и т.д.

Вопросами туризма занимается Комитет по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан. Однако, для решения вопросов, связанных со стандартизацией деятельности санаториев, гостиниц, хостелов, пансионатов, домов отдыха и других туристических пунктов остановки гостей в различных регионах республики необходимо наладить работу с соответствующими министерствами и ведомствами, а также с местными органами государственной исполнительной власти. Передвигаясь по территории нашей республики, туристам должен быть предоставлен весь комплекс услуг, а для этого необходимо сформировать соответствующую инфраструктуру, например, организовать остановки для туристов с пунктами быстрого питания, туалетами, душевыми комнатами,

местами отдыха и др., постоянно обеспечивать хорошее санитарно-эпидемиологическое состояние инфраструктуры регионов и туристских магистралей. Решение этих вопросов необходимо Комитету по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан согласовывать с местными органами исполнительной государственной властью, частным сектором и партнёрами по развитию. Вопросами законодательного характера по привлечению туристов в нашу страну, участие в различных мероприятиях, проводимых для продвижения туристических услуг республики за рубежом, участие в международных конференциях по улучшению туристических услуг, взаимодействию между странами, информационного обеспечения туризма и др., занимаются Министерство иностранных дел и Министерство экономического развития и торговли. Кадры в туристическом бизнесе, как впрочем и в других сферах деятельности экономики любого государства, являются определяющим фактором развития отрасли. Поэтому вопросы согласования подготовки кадров для различных направлений туристической индустрии необходимо решать с Министерством образования и науки Республики Таджикистан.

В связи с этим, Правительство Республики Таджикистан утвердило «План мероприятий по реализации программы развития туризма в Республике Таджикистан на период 2018–2020 годы» (Постановление Правительства Республики Таджикистан от 1 марта 2018 г., № 80), в котором Комитет по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан и другие министерства и ведомства являются исполнителями по решению следующих вопросов:

1. развитие системы государственного регулирования и поддержки туристической деятельности;

2. маркетинг, продвижение национального туристического продукта и информационное обеспечение туризма;

3. повышение квалификации кадров и научно-методическое обеспечение сферы туризма;

4. обеспечение безопасности туристов;

5. развитие экологического туризма как фактора устойчивого развития туризма.

Исследователь правового обеспечения туристической деятельности в Республике Таджикистан Д.Ш. Сангинов заключает, что наиболее эффективным способом регулирования туристической индустрии в Таджикистане является рыночный механизм в сочетании с инструментами, формами и методами государственной поддержки, позволяющий эффективно использовать туристический потенциал республики с учётом особенностей развития различных регионов [9].

Н.В. Пивоварова рассматривала вопросы истории туризма в Таджикистане, в рамках которых описала предысторию туризма таджикского народа с древнейших времён до начала XX в., изучила вопросы его формирования в Таджикистане в XX в. и как индустрии в годы государственного

суверенитета [7]. Отмечается, что Таджикистан обладает уникальной древнейшей высококультурной историей, которая представлена в сведениях о дорогах, картах, путешествиях первопроходцев. Последние описывали маршруты, исторические ценности, самобытность таджикского народа, его обряды и традиции. Всё это является культурным историческим наследием Таджикистана, который представляет большой не только научно-теоретический интерес, но и выступает весомыми предпосылками для развития туризма. Туризм является одной из приоритетных отраслей развития экономики, что нашло должное отражение в государственных концепциях и программах развития отрасли. Первостепенными задачами туризма выступают «разработки национального туристического продукта на основе уникальных памятников культурно-исторического наследия и природно-рекреационных особенностей республики» [8].

В туристической сфере Республики Таджикистан появилось новое направление – сельскохозяйственный туризм, хотя в других странах мира данный вид туризма развивается довольно давно и успешно. Данный вид туризма можно отнести к специфическому, т.к. он предполагает временное пребывание туристов в стране не с целью ознакомления с историческими достопримечательностями или в лечебных целях, а с целью получения удовлетворения от спокойной и размеренной сельской жизни, чистого воздуха, тишины от городского шума, натуральных продуктов, ощущения близости с природой. Помимо простого созерцания природы, туристы предпочитают также и принимать активное участие в сельскохозяйственных работах. Например, в Италии они активно задействованы в сборе винограда и производстве из него вина. В Таджикистане это направление пока не получило достаточно широкого развития, т.к. не до конца создана инфраструктура и отрегулированы правовые вопросы [4].

Одним из важнейших вопросов развития туристической индустрии Таджикистана является подготовка высококвалифицированных кадров. Как и во всех других отраслях экономики, специалисты туристической сферы должны иметь высокую квалификацию, быть коммуникабельными, владеть несколькими иностранными языками. В Таджикистане функционирует значительное количество объектов туристической индустрии (гостиницы, санатории, туристические базы и т.д.), получили достаточно широкое развитие такие виды туризма, как альпинизм, горно-спортивный туризм, ознакомительный, этнографический, экологический туризм, интерохота и др. виды. Тем не менее, туристическая сфера испытывает значительные трудности в наличии квалифицированных специалистов, т.к.на сегодняшний день подготовка специалистов в сфере туристического бизнеса с учётом национальных, географических, региональных и этнографических факторов ведётся слабо [1].

Необходимо отметить, что целенаправленная подготовка специалистов в области туризма и рекреационной сферы в республике началась с

2010-2011 учебного года в связи с реализацией «Концепции развития туризма в Республике Таджикистан на 2009-2012 годы» [6].

Таджикистан располагает уникальными природными ресурсами в сфере альпинизма, скалолазания и горного туризма. Как показывает опыт, среди иностранных туристов имеется большой спрос на восхождения на горные вершины. Однако опытных гидов альпинистов и скалолазов в республике остались единицы, и если не будет восстановлена система подготовки кадров в данном направлении, то через несколько лет некому будет водить иностранных туристов по таджикским горным маршрутам. Подготовка специалистов в данном направлении является весьма специфической, т.к. связана не только со знаниями горных маршрутов, но и с соблюдением правил безопасности при восхождении на горные вершины, гид должен быть знаком с азами оказания первой медицинской помощи.

Однако слишком высокие транспортные расходы, связанные с авиаперелётом, а также отсутствие прямых авиарейсов из Европы, приводит к тому, что иностранные туристы предпочитают посещать другие страны. Все эти проблемы не позволяют в полной мере развивать альпинизм, скалолазание и горный туризм в Республике Таджикистан [3].

Помимо проблем, связанных с подготовкой кадров в сфере туризма, отмечается, что на отставание индустрии туризма в Таджикистане также оказывают влияние и такие факторы, как недостаточно чёткое видение государственных органов и частного сектора направления развития туризма, неготовность административного и частного сектора к требованиям, которые предъявляются со стороны иностранных туристов, недостаточно чёткий механизм реализации различных туристических проектов и их финансирование и др. Все эти проблемы связаны именно с отсутствием должной, профессиональной подготовки высококвалифицированных специалистов в сфере туризма [5].

В диссертационной работе Аманалиевой М.О. научно обосновано развитие этого приоритетного для развития экономики Кыргызстана сектора экономики. Было определено, что отсутствие научной базы сдерживает решение теоретических и практических вопросов в области туризма. В связи с этим, автором была сделана попытка систематизации научно-теоретических и методических знаний в области экономического прогнозирования развития туристического сектора, обобщён международный опыт экономического прогнозирования туристического сектора, разработаны эконометрические модели взаимосвязи экономических показателей для прогнозирования развития туристического сектора в Кыргызстане. Также автор предложил прогноз развития экономических показателей туризма и туристической инфраструктуры. Однако в работе не затрагивались вопросы формирования туристско-рекреационного комплекса, как единой многосложной системы, применения административных, экономических и правовых методов его государственного регулирования, а также региональных составляющих, включая туристско-рекреационные зоны [2].

Шарипова Х.Р. исследовала рынок гостиничных услуг, основные факторы и условия развития гостиничных предприятий в Республике Таджикистан. Проанализировала состояние и тенденции развития системы оказания рыночных услуг в республике, оценила развитие гостиничной индустрии в условиях конкурентной борьбы, разработала модели обеспечения удовлетворённости и лояльности клиентов гостиничным бизнесом.

В ходе исследования диссертантом было установлено, что рынок гостиничных услуг в Республике Таджикистан имеет целый ряд проблем и противоречий, связанных с трудностями перехода гостиничных предприятий к новым условиям рыночной экономики. При этом, основная проблема связывается с недостаточной развитостью конкурентных отношений на данном рынке, что отрицательно влияет на развитие качества оказываемых услуг. В результате, доля туризма и гостиничных услуг в ВВП страны значительно ниже, чем в странах СНГ, а доходы от туристической индустрии не позволяют обеспечить устойчивый рост отрасли. Более того, изучение и исследование проблемы развития менеджмента гостиничных услуг в последние десятилетия показывают, что он носит поверхностный, неглубокий характер, а использование зарубежного опыта в практике введения гостиничного бизнеса требует его адаптации к условиям нашей республики [13].

Собировым М.С. в своей диссертационной работе было отмечено, что в современных условиях сектор туризма является одним из самых быстроразвивающихся и перспективных среди отраслей экономики Республики Таджикистан. Этому благоприятствуют природные, природно-исторические, политические, социально-экономические, демографические, научно-технические и другие факторы развития туристической сферы. Как отмечают многие специалисты, Таджикистан обладает самобытной культурой, выгодным геополитическим расположением, многообразием природных ландшафтов, флорой и фауной, стабильностью в экономике, благополучием и спокойствием в обществе. Однако это не оказывает значительного влияния на темпы развития данной отрасли. Так доля туризма составляет лишь 0,017% от всего объема платных услуг населению в фактических ценах (по всем каналам реализации) в 2012 г., тем не менее, наблюдается рост показателей в данной сфере в последние несколько лет.Так доля туристско-экскурсионных услуг в 2018 г. составила 0,049% в общем объёма платных услуг населению. Данный показатель выше, чем в 2012 г., но тем не менее доля составляет незначительную величину в общем объёме платных услуг населению.

В работе М.С. Собирова проанализированы вопросы организации туристско-рекреационного пространства и степень их адаптированности для рекреационно-географической специфики Таджикистана и его центральных районов, определены природные и рекреационные возможности Центрального Таджикистана, рассмотрен существующий туристско-рекреационный потенциал, проанализированы проблемы и перспективы использования туристско-рекреационного потенциала, а также осуществ-

лена попытка районирования туристско-рекреационного потенциала данного региона [11].

Институт исследований горных сообществ (ИИГС) Университета Центральной Азии в 2014 г. выпустил Исследовательский обзор «Горный туризм и устойчивое развитие в Кыргызстане и Таджикистане: исследовательский обзор». В настоящем исследовании приводится краткий обзор научных и практических публикаций состояния научных знаний о горном туризме и устойчивом развитии в Кыргызстане и Таджикистане. Исследование вывило значительные пробелы в знаниях по критически важным социальным и экологическим аспектам устойчивого развития туризма. Имеющиеся исследования в подавляющем большинстве посвящены изучению экономических аспектов туризма. Одним из выводов было то, что в туристической отрасли результаты ниже ожидаемых. Развитие туризма зачастую происходит без вовлечения сообществ, на которые проблемы устойчивого развития туризма оказывают наибольшее воздействие, что приводит к неустойчивым проектам и незначительным экономическим выгодам для этих сообществ [12].

Таким образом, обзор доступной нам литературы показал, что по вопросам формирования туристско-рекреационного комплекса, как объекта управления, разработкам основных методологических подходов к созданию концепции территориально-отраслевой структуры, предпосылкам его формирования практически отсутствуют научные работы. Это говорит об актуальности темы исследования, тем более что сфера туризма в Республике Таджикистан является одной из приоритетных областей развития. Об этом свидетельствует тот факт, что 2018 год, а затем и следующие три года (2019-2021 гг.) были объявлены годами развития села, туризма и народного творчества.

При изучении туристско-рекреационного потенциала территории выявляется проблема реализации рекреационных возможностей пространства. Она наиболее наглядно обозначается при соотнесении фактического развития инфраструктуры туризма и отдыха с природно-рекреационным потенциалом данной территории.

Природно-рекреационный потенциал территории является одной из ведущих предпосылок развития туризма. Всесторонний анализ территорий с высоким природно-ресурсным потенциалом, основанный на использовании методологии системного порядка, предполагает применительно к рекреационным территориям выявление ряда их свойств: уровня рекреационных ресурсов, их потенциала, природной социально-экономической целостности, востребованности в настоящем и будущем.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Азимова М.А. Педагогические аспекты профессиональной подготовки менеджеров туризма в Таджикистане. Автореф. дис. канд.эконом. наук. - Душанбе, 2010.

2. Аманалиева М.О. Экономическое прогнозирование развития туризма в Кыргызской Республике. Автореф. дис. канд.пед. наук. - Бишкек, 2014.

3. Бухари-заде Н. Лучше гор могут быть... О перспективах развития туризма в Таджикистане //http.www.centrasia.ru/news.

4. Ёров Д.Н. Эффективность сельского туризма и его влияние на развитие аграрного сектора (на материалах Республики Таджикистан). Автореф. дис. канд.эконом. наук. - Душанбе, 2009.

5. Кадырова М.И. Туристское образование в Таджикистане: состояние и проблемы. Авторефдис. канд.пед. наук. -Душанбе, 2006.

6. Одилова Р.К. Проблемы подготовки кадров в рекреационной сфере.//Таджикистан и современный мир. Вестник ЦСИ при Президенте РТ.–№6 (49).–2015.– С141-146.

7. Пивоварова Н.В. История туризма в Таджикистане (XX – начало XXI вв.). Автореф. дис. канд.истор. наук. -Душанбе, 2010.

8. Постановление Правительства РТ от 2.04.2002 г., № 202 «Об утверждении Концепции развития туризма в Республике Таджикистан на 2009-2019 годы», adliya.tj.

9. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их рушения. Душанбе, 2010. – 165 с.

10. Сафаров У.А. Совершенствование механизма государственного регулирования туристической сферы в условиях переходного периода (на материалах Республики Таджикистан). Автореф. дис. канд.эконом. наук. - Душанбе, 2011.

11. Собиров М.С. Экономико-географические особенности территориальной организации туристско-рекреационного комплекса Центрального Таджикистана. Автореф. дис. канд. географ. наук. - Душанбе, 2017.

12. Шакиров К., Абдыкадырова А., Чад Диэр, Сия Новроджи. Горный туризм и устойчивое развитие в Кыргызстане и Таджикистане: исследовательский обзор. – Исследовательский обзор № 3, июль 2014.

13. Шарипова Х.Р. Совершенствование организационно-экономических основ функционирования гостиничных предприятий в условиях развития конкурентных отношений. Автореф. дис. канд. экон. наук. – Душанбе, 2018.

# ДАР БОРАИ РУШДИ СОҲАИ ТУРИСТИЮ РЕКРЕАТСИОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**ОДИЛОВА РУХШОНА КОМИЛОВНА,**
котиби илми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел: +(992 37) 2-27-67-75

*Мақолаи мазкур рушди самти сайёҳии рекреатсионӣ, беҳтар намудани шароити рекреатсия ва асосҳои институтсионалии тиҷорати сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон додааст. Муаллиф оид ба вазъ, фазои мусоид ва ҷалби сайёҳӣ бо мақсади муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ таҳлилҳои ҷолибро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон дар муқоиса бо давлатҳои пешрафтаи соҳаи сайёҳӣ маконҳои рекреатсиониро барои минтақаҳои Осиёи Марказӣ муҳим ва зарурӣ мушаххас кардааст.*

***Калидвожаҳо**: сайёҳӣ, рекреатсия, сиёсати сайёҳӣ, захираҳои туристӣ, сайёҳии кишоварзӣ, сайёҳии кӯҳӣ, сайёҳии фарҳангӣ, сайёҳии табиӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ.*

# THE ISSUE OF THE RECREATIONAL TOURISM SECTOR DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**ODILOVA RUKHSHONA KOMILOVNA,**
Scientific Secretary of the Center for Strategic Research
under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 40 Rudaki Str.,
phone: +(992 37) 2-27-67-75

*This article illustrates the development of recreational tourism, improving the recreational conditions and institutional foundations of the tourism business in the Republic of Tajikistan. The author presented an analysis of the situation, favorable conditions and attractiveness of tourism in order to represent Tajikistan as a tourist country. Also, compared with most developed countries in the tourism sector in Central Asia, it identified important and necessary recreation areas.*

***Keywords:** tourism, recreation, tourism policy, tourism resources, agricultural tourism, mountain sports tourism, fact-finding, ethnographic, ecological tourism, regulatory acts.*

УДК: 639.3 (575.3)

# ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ СОҲАИ МОҲИПАРВАРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БАРОТОВ ТОҲИРХОН ҶӮРАЕВИЧ,**
сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел: (+992) 907-82 -00-74, (372) 2-27-54-77

*Дар ин мақол рушди соҳаи моҳипарварӣ дар самти истеҳсол ва воридоти моҳии молӣ ва гӯшти моҳӣ, хӯроки серғизо барои таъмини соҳаи чорводорӣ дар доираи амалисозии барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва таҳлил шудааст. Азбаски соҳаи моҳипарварӣ дар рушди иқтисоди кишвар, дар таъмини амнияти озуқаворӣ мамлакат ва амалӣ гардидани барномаҳои давлатии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди деҳот ва сайёҳӣ ва дар ташкили ҷойҳои нави корӣ ба мардуми деҳот мавқеи авалиндараҷа дорад, бинобар ин, дар ин мақола роҳҳои баланд бардоштани истеҳсоли моҳии молӣ дар кишвар нишон дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳаи моҳипарварӣ, захираҳои табиӣ, обанборҳо, кӯлу дарёҳо, ҳавзҳо, хоҷагиҳои моҳипарварӣ, вазъ, иқтидор, истеҳсол, воридот, моҳии молӣ, гӯшти моҳӣ, амнияти озуқаворӣ, барномаи давлатӣ, имтиёзҳо ва дастгирии давлатӣ, мушкилоти соҳа, хӯроки баландсифат, инфрасохтори рушди соҳаи моҳипарварӣ.*

Соҳаи моҳипарварӣ, яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти кишвар башумор рафта, он метавонад барои рушди иқтисодиёти миллӣ, махсусан, барои ташкил намудани ҷойҳои кории нав дар деҳот ва дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми арзанда гузорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи маълумоти Корхонаи воҳиди давлатии "Моҳии Тоҷикистон" то ҳолати 1 январи соли 2019 хоҷагиҳои моҳипарварӣ 302 ададро ташкил дода дар он 1040 нафар коргарон фаъолият мекунанд. Майдони заминҳои барои хоҷагиҳои моҳипарварӣ ҷудокардашуда 6918 гектар буда, аз ин микдор масоҳати умумии кӯлҳо ва хавзҳои моҳипарварӣ 3013 гектарро ташкил медиҳанд.

Дар соли 2018 хоҷагиҳои моҳипарварии чумҳурӣ 2081,9 тонна моҳи молӣ истеҳсол намуда, суръати онро назар ба соли 2017 ҳамагӣ 1,38% таъмин намудаанд. Илова бар ин, моҳии молиро дар чумҳурӣ назар ба

соли 1991-ум 1493,1 тонна кам (ҷадвали 1) истеҳсол намудаанд, ки ин нишондиҳанда маҳсулнокии ҳавзҳои моҳипарварии кишварро беш аз 7 маротиба паст, яъне аз 3–3,5 тн/га солҳои 1970–1980 то 0,7 тн/га соли 2018 нишон медиҳад.[1] Ин нишондиҳанда барои кишваре, ки потенсиали калони захираҳои обӣ ва шароити хуб барои парвариши моҳӣ дорад, бениҳоят кам мебошад. Аз ҳама кам дар ҷумҳурӣ моҳипарварони ВМКБ моҳии молӣ истеҳсол намудаанд, ки истеҳсоли он назар ба соли 2017-ум 56,9 тонна кам буда, иҷрои нақшаро ҳамаги 48% таъмин намудаанд.

**Ҳаҷми истеҳсоли моҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ (тонна)**

Ҷадвали1.

| | 1991 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | Суръ-ат % | Соли 2018 назар ба соли 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Дар ҷумҳурӣ аз он ҷумла** | 3575 | 1884,0 | 2023,3 | 2037,5 | 2053,6 | 2081,9 | 1,38 | -1493,1 |
| **ВМКБ** | – | 108,5 | 109,0 | 110,7 | 110,9 | 54,0 | - 51,3 | +54 |
| **В. Суғд** | 570 | 229,0 | 273,2 | 284,6 | 285,2 | 326,0 | 0,21 | -244,0 |
| **В. Хат-лон** | 2980 | 1495,4 | 1575,8 | 1576,3 | 1587,7 | 1624,5 | 0,72 | -1355,5 |
| **НТҶ** | 25 | 51,1 | 65,3 | 65,9 | 69,8 | 77,4 | 5,91 | +52,4 |

Сарчашма: коркарди муаллиф дар доираи маълумоти Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ–декабри солҳои 2014–2018 ва КВД "Моҳии Тоҷикистон"

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир истеҳсоли моҳии молӣ дар ҷумҳурӣ назар ба давраи Шӯравӣ якчанд маротиба кам гаштааст. Аз рӯйи маълумоти омории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки ба ҷумҳурӣ дар соли 2018-ум 3090,4 тн. моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ ворид шудааст, ки ин назар ба соли 2017-ум 1319 тонна зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда беш аз 148,4% маҳсулоти моҳигиро дар бозор ва мағозаҳои кишвар мутаносибан аз истеҳсоли моҳии молии дар кишвар истеҳсолшударо ташкил медиҳад, ки ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ талабот ба гӯшти моҳӣ сол то сол афзуда истодааст. (ҷадвали 2).

**Воридот, истеҳсол ва таъминотии аҳолӣ бо гӯшти моҳӣ дар ҷумҳурӣ**

Ҷадвали 2.

| № р/т | Сол | Истеҳсол моҳии молӣ дар ҷумҳурӣ, тонна | Воридоти маҳсулоти моҳигӣ | | Хавзҳои моҳипарварӣ, га | Истеҳсоли моҳии молӣ аз ҳар як га., тн/га | Аҳолӣ, ҷумҳурӣ ҳазор нафар | Таъминоти аҳолӣ бо гӯшти моҳии худӣ, кг. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | тонна | долл. ИМА, ҳаз. | | | | |
| 1 | 1991 | 3575,0 | 6000 | - | 1280 | 2,800 | 5361,0 | 0,670 |
| 2 | 2013 | 1723,0 | 2557,6 | 2738,8 | 1998 | 0,870 | 7987,4 | 0,220 |
| 3 | 2014 | 1884,0 | 3339,3 | 3998,3 | 2046 | 0,920 | 8161,1 | 0,230 |
| 4 | 2015 | 2023,3 | 1565,1 | 2249,9 | 2059 | 0,990 | 8352,0 | 0,250 |
| 5 | 2016 | 2037,5 | 703,9 | 1060,3 | 2840 | 0,717 | 8 551,2 | 0,238 |
| 6 | 2017 | 2053,6 | 1771,8 | 2456,7 | 2934 | 0,700 | 8 714,0 | 0,236 |
| 7 | 2018 | 2081,9 | 3090,4 | 4376,5 | 3013 | 0,690 | 9100,0 | 0,229 |

Сарчашма: коркарди муаллиф дар доираи Маълумоти фаврӣ оид ба содирот ва воридоти молҳои муҳимтарини ҶТ барои солҳои 2013–2018. Омори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, www.gumruk.tj

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони ватанӣ, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар дохили кишвар, кам намудани вобастагии иқтисодиёти миллӣ аз воридоти молу маҳсулоти хориҷӣ ва зиёд намудани ҳаҷми содирот тадбирҳои мушаххас андешида истодааст. Дар робита ба ин, дар ҷаласаи шашуми Комиссияи доимамалкунанда оид ба таҳкими истеҳсолоти воридотивазкунанда ва рушди содирот таҳти роҳбарии Раиси Комиссия–Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода, тибқи банди 8-и Протоколи №2, қ /25–22, аз 6 марти соли 2019, вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, КВД "Моҳии Тоҷикистон" якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо мақсади рушди соҳаи моҳипарварӣ ҷиҳати зиёд намудани шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ ва майдони кишт барои истеҳсоли хӯроки моҳӣ, бунёди сеххои инкубатсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва афзоиши маблағгузории соҳа ва дар ин замина мукаммалсозии барномаҳои соҳавӣ супоришҳои қатъӣ гирифтанд, ки аз натиҷааш бояд ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам маълумот пешниҳод намоянд.

Барои расидан ба ин мақсад ва бо дарназардошти аҳамияти муҳим доштани соҳаи моҳипарварӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва

таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар деҳот ва инчунин, расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ, ки саноатикунонии босуръати кишварро дар бар мегирад, аз тарафи Президенти кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" №1620 аз 20.06.2019 ба имзо расид, ки ин қонун соҳаи моҳипарвариро ба қатори соҳаи парандапарварӣ аз андоз озод намуда ба рушди соҳа як такони ҷиддӣ хаҳад бахшид. Ҷиҳати ҳалли сариваќтии камбудиҳои ҷойдошта дар соҳаи моҳипарварӣ, самаранок ва оқилона истифода бурдани захира ва имкониятҳои мавҷудбуда, таъсис додани корхонаҳои муосири истеҳсоли хӯроки моҳӣ дар самти таҳкими истеҳсолоти воридотивазкунанда ва рушди содирот, қабули чунин пешниҳодҳо айни муддаост.

Таъминотии аҳолӣ аз рӯйи истеҳсоли моҳии молӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳар як сари аҳолӣ ҳамагӣ **230–240 граммро** (ҷадвали 2) ташкил медиҳад, ки ин миқдор аз рӯйи меъёрҳои физиологии истеъмолии муқарраршудаи ҷаҳонӣ зиёда аз **70** баробар ва аз рӯйи тавсифи қабулшудаи меъёрҳои физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии ғизоӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[1], ки 9 кг муқарар шудааст, зиёда аз **37** маротиба кам мебошад. Айни замон барои таъмини ин талаботи муқаргардидаи физиологӣ ба ҳар сари аҳолӣ, дар Тоҷикистон, на кам аз 80000 тонна моҳии молӣ истеҳсол намудан лозим аст.

Яке аз сабабҳои таъмин нагардидани аҳолии кишвар бо гӯшти моҳӣ бо меъёрҳои муқарраршудаи ҷаҳонӣ истеҳсоли бениҳоят ками моҳии молӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Бояд қайд намоем, ки имкониятҳои ҷумҳурӣ дар самти истеҳсоли моҳии молӣ бениҳоят калон мебошанд. Аз рӯйи таҳлили базе коршиносони соҳа дар натиҷаи хуб ба роҳ мондани парвариш ва истифода аз имкониятҳои мавҷуда дар ҷумҳурӣ дар як сол зиёда аз 300 ҳазор тонна моҳии молӣ истеҳсол кардан мумкин аст, зеро ки беш аз 60 % обҳои тозаи Осиёи Марказӣ аз ҷумҳурии мо сарчашма мегиранд. Дар кӯлу дарёҳо ва обанборҳои Тоҷикистон тақрибан 64 навъ, ки ба зотҳои гуногун ва ба 13 оилаи моҳиҳо мансубанд, зиндагонӣ мекунанд. Аз байни онҳо арзишмандтаринашон, ки дорои арзиши илмӣ, истеҳсолӣ ва амалӣ доранд, инҳо: хормоҳии аралӣ, гулмоҳии амударёӣ ва рангинкамон, жерех–арал, амури сафед, пешонағавси сафед ва ало, лаққамоҳии одӣ ва наҳрӣ, зағорамоҳӣ (сазан), карп, суфмоҳӣ (судак), суфрамоҳӣ (лещ), ширмоҳӣ, османи помирӣ, храмуля, буффало, чехон, чашмсафедак ва ғайра мебошанд.[1]

Илова бар ин, ба ҷумҳурии мо боз имкони 20–25 навъи моҳиҳои хушзот, вобаста ба оилаҳои гуногун, чи аз оилаи обҳои гармидӯст (капурӣ, бестер, амури сиёҳ, пешонағафси рангоранг, буффалои америкоӣ, лаққамоҳии каналӣ) ва чи аз оилаи обҳои сардидӯст (гулмоҳии рангоранг, озодмоҳӣ (лосось), тосмоҳӣ (осетр) ва ғайра), ки берун аз ҷумҳурӣ парвариш меёбанд, ба ҷумҳурӣ барои парвариш ворид кардан мумкин аст. Хусусан, навъи лаққамоҳиҳо, ки ҷойи зисташ ҷӯйю заҳбурҳо ва хӯрокаш ғуки обӣ, молюска, харчанг ва ҳайвону моҳичаҳои хурди камарзишро ташкил менамояд, бисёр манфиатдор мебошад.

Дар солҳои 1970 – 1980 махсулнокии миёнаи ҳавзҳои маҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳисоби миёна аз 1га / 3–4 тоннаро ташкил медод, (вилояти Хатлон 4–5 тн)

Ба хотири он, ки мо ба ин натиҷаҳои дар боло зикр гардида ноил шавем ва яке аз ҳадафҳои СМР ҶТ барои давраи то соли 2030 **“Дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат”-**ро таъмин намоем, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, як қисми он заминҳое, ки аз ҳолати мелиоративӣ баромадаанд, яъне ба шӯршавӣ ва ботлоқзоршавӣ рафта расидаанд, ки тақрибан 19–20 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд ва ҳамасола тамоюл ба афзоиш доранд, ба хоҷагиҳои моҳипарварӣ барои ташкили ҳавзҳои нав, истеҳсоли хӯроки моҳӣ ва хоҷагиҳои моҳипарварии нав вобаста ё тақсим карда диҳад. Барои ташкили ҳавзҳои моҳипарварӣ бештар он қисмати заминҳое, ки обҳои зеризаминиаш бисёр аст ё шӯр аст ва ҳолати равонии обро дорад, бисёр мувофиқ мебошад, зеро дар обҳои ширин мо метавонем навъҳои моҳиҳои обҳои шириндӯстро, яъне он навъи моҳиҳое, ки дар мо парвариш меёбанд ва дар обҳои шӯразамин, навъи моҳиҳои баҳрӣ, яъне аз оилаи тосмоҳиҳо (осетровий, ин зоти моҳиҳо, ҳам дар обҳои ширин ва ҳам дар обҳои шӯр зиндагӣ карда метавонанд), парвариш намуда, натиҷаи хуб гирем.

Вобаста ба ин, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи моҳипарварӣ” бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, № 306, «Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2015» бо мақсади нигоҳ доштан, зиёд кардани саршумор, маҳсулнокӣ, такмил додани сифатҳои генетикии моҳиҳо ва ба ин васила таъмин намудани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ қабул гардида буд, аз он натиҷаи хуб ҳам гирифта шуд.

То қабули қонун ва барномаи зикргардида, хоҷагиҳои моҳипарварӣ дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 8 адад ва масоҳати умумии ҳавзҳои моҳипарварӣ бошад 1500 гектарро ташкил медоданд. Баъди амали шудани барнома хоҷагиҳои

моҳипарварӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2015 ба 150 адад ва масоҳати умумии ҳавзҳои моҳипарварӣ бошад, 2903 га расонда шуд. Дар давоми се соли охир бошад, яъне то ҳолати 1 январи соли 2019 хоҷагиҳои моҳипарварӣ то 302 адад расида, масоҳати умумии ҳавзҳои моҳипарварӣ 3013 гектарро ташкил доданд.

Лекин, мутаассифона, лоиҳаи «Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020» пешниҳодгардида, ки бо вазорату кумитаҳои дахлдор мувофиқа кунонида шуда буданд, қабул нагардид ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №160 «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022» қабул гардид, ки дар он рушди соҳаи моҳипарвариро ба қатори дигар сохаҳои чорводорӣ дар панҷ соли охир нишон медиҳад. Дар давоми амалишавии Барномаи мазкур ба соҳаи моҳипарварӣ аз буҷети давлатӣ ба маблағи 1877 ҳазор сомонӣ (тахминан 193 ҳазор долл. ИМА) ҷудо карда шуда аз ин миқдор 877 ҳазор сомонӣ барои хариди кирминамоҳиҳо аз хориҷи кишвар ва 1 миллион сомонӣ барои хариди моҳича аз дохили ҷумҳурӣ равона карда мешавад. Ҳоло он, ки дар Ӯзбекистони ҳамсоя барои рушди соҳаи моҳипарварӣ «Барномаи чораҳои тезонидани рушди соҳаи моҳипарварӣ бо усули инноватсионӣ барои соҳои 2018–2023» қабул гардидааст, ки мувофиқи Барномаи мазкур, бахри бунёди хоҷагиҳои нави моҳипарварӣ 1218 га ҳавзҳои табиӣ ва 232 га ҳавзхои сохташуда иловатан ҷудо мешавад. Илова бар ин, барои амалӣ шудани барнома аз буҷети давлати 8 млрд. сӯм (баробари 63 млн. долл. амрикоӣ) ва 72 млрд. сӯм (570 млн. долл. амрикоӣ) аз маблағҳои худии ташаббускорони лоиҳа, сармоягузориҳои хориҷӣ, грантҳо ва маблағҳои қарзӣ сафарбар карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи амалишавии Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ, истеҳсоли моҳии молӣ дар ҷумҳурӣ бояд ба 2620 тонна расонида шавад, ки ин нишондиҳанда, рушди соҳаро дар панҷ соли оянда дар 433,3 тонна (соли 2017 истеҳсоли моҳӣ ба 2053,6 тн.) моҳии молӣ, суръати онро бошад, ба ҳисоби миёна 4,22 % дар як сол нишон медиҳад. Ҳоло он ки дар СМР ҶТ барои давраи то соли 2030 суръати устувори рушди иқтисодӣ ҳамасола дар сатҳи на кам аз 7–8% бояд нигоҳ дошта шавад.

Дар асоси пешниҳоди олимони соҳа агар мо дар **72613,1 гектар** кӯлҳо ва обанборҳо парвариши моҳиро бо усули экстенсивӣ (бо ин усул ба моҳӣ хӯрок кам дода мешавад), ба роҳ монем, яъне моҳӣ бештар аз базаи хӯроки табии об ғизо гирифта, парвариш меёбад ва аз ҳар гектар бо маҳсулнокии пастарин 200 кг ҳосил гирем, ин баробар мешавад 14522 тн. моҳии молӣ ва қариби 10 ҳазор ҷойҳои корӣ ( 72613,1 * 0,2 = 14522 тн., 1 нафар коргар

барои 7–8 га) ва агар дар 3013 гектар ҳавзҳои моҳипарварии хоҷагиҳо, парваришро бо усули интенсивӣ ба роҳ монем (бо ин усул якчанд навъи моҳиҳо якҷоя бо зичии баланд парвариш ёфта, дар як шабонарӯз 2 маротиба хӯроки серғизо (аз рӯйи технологияи нигоҳубин ба миқдори аз 3-5% аз вазни умумии моҳиҳо дар як шабонарӯз хӯрок додан зарур аст) ва таркиби обро бошад, бо таҷҳизоти махсус (аэроторҳо) аз оксиген (кислород) ғанӣ гардонидан лозим аст)), мо метавонем аз ҳар як гектар 15–20 тонна моҳии молӣ истеҳсол намоем, ки ин маҳсулнокӣ ба ҳисоби миёна зиёда аз 45 ҳазор тонна баробар мешавад (3013 га * 15 тн. = 45195 тн., 5 нафар коргар барои 1 га), агар масоҳати ҳавзҳои моҳипарвариро ба 6000 га расонем, он вақт мо метавонем бо чунин тарзи парвариш ва истифода аз имкониятҳои мавҷудбуда истеҳсоли моҳии молиро дар ҷумҳурӣ беш аз 100 ҳазор тонна ва ҷойҳои нави кориро бошад, то 50 ҳазор нафар расонем ва аҳолиро бо гӯшти серғизои парҳезӣ таъмин намуда, содиротро ба роҳ монем. Яке аз роҳҳои зиёд намудани истеҳсоли моҳии молӣ ташкил намудани парвариши қафасӣ дар обанборҳои кишвар мебошад, ин тарзи парвариш, метавонад ба самаранок истифода бурдани обанборҳо бурда расонад. Бо чунин тарз мо метавонем моҳиҳое, ки аз оилаи обҳои сардидӯст, зеро оби бештари дарёҳои мо сард мебошад (гулмоҳиҳои гуногун, озодмоҳӣ (лосось), тосмоҳӣ (осетр)) ва дигар барои парвариш равона созем.

Хароҷоти асосии ҳар як хоҷагии моҳипарварӣ, пеш аз ҳама, хӯроки моҳӣ мебошад, ки ба он беш аз 30–40 дарсади тамоми хароҷот рост меояд. Дар бисёр ҳолатҳо хоҷагиҳои ҷумҳурӣ моҳиро барои парвариш дар ҳавз кишт карда, хӯроки дуруст намедиҳанд ва моҳӣ аз базаи хӯроки табиии ҳавз истифода бурда, дар вақташ на он қадар инкишоф меёбад. Ҳосилнокии хоҷагиҳо дар чунин ҳолат аз 1 га на зиёда 10 сентнерро ташкил медиҳад. Ҳоло он ки ҷопониҳо ва чиниҳо тақрибан аз ҳавзи 10 X 15 м, ки ҳамагӣ 1,5 сотихро ташкил менамояд, бо усули баланди интенсивӣ беш аз 10 тонна моҳии молӣ истеҳсол менамоянд. Парвариши моҳӣ бо усули интенсивӣ, чӣ хеле, ки дар боло қайд карда гузаштем, пеш аз ҳама, зичии баланди саршумор бо таъмини оби бо оксиген ғанӣ буда ва хӯроки ғизодиҳандаи серсафеда, ки дар таркибаш протеин на камтар аз 28 % бояд дарбар гирад.

Сабабҳои асосии рушд наёфтани соҳаи моҳипарварӣ дар кишвар, пеш аз ҳама, дастрасӣ надоштани хоҷагиҳои моҳипарварии ҷумҳурӣ ба хӯроки баландсифати консентратии муосир (комбикорм) мебошад, зеро норасоии хӯроки консентратӣ яке аз омилҳои асосии рушд накардани соҳа ба шумор меравад. Дар ҷумҳурӣ то ҳол хӯрокаи омехтаи консентратӣ бо технологияи даврони шӯравӣ истеҳсол карда мешавад, ки сифати он ҳатто аз рӯйи

ГОСТ-и ҳамонвақта ба талабот ҷавобгӯй намебошад, чунки барои истеҳсоли хӯрокаи омехтаи консентратӣ дар таркиби он вобаста ба навъ, сину сол ва усули парвариши моҳӣ на кам аз 15–20 компоненти ғизоӣ ва минералӣ бояд дошта бошад. Ҳоло он ки тамоми кишварҳои дунё ба технологияи нави истеҳсолӣ хӯрокаи омехтаи консентратии сифати баланд, яъне хӯроки экструдерӣ гузаштаанд. Ин навъи хӯрок ба ҷумҳурии мо аз хориҷи кишвар аз давлатҳои Эрон, Иттиҳоди Аврупо бо нархи гарон ворид карда мешавад, ки хароҷоти роҳ ва боҷҳои гумрукиву андозҳо боз нархи онро дучанд мегардонад.

Дар соли 2018 ба ҷумҳурӣ мувофиқи маълумоти омории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 38 441 тонна хӯрок барои чорво, моҳӣ, паранда ва дигар ҳайвонот ворид шудааст (ҷадвали 3), ки аз ин миқдор ҳатто 5 дарсади онро хӯроки моҳӣ ташкил намекунад, зеро нархи 1 кг. хӯроки моҳӣ дар хориҷӣ кишвар аз 1 то 10 доллари амрикоӣ, вобаста ба синну сол ва навъи моҳӣ, ташкил медиҳад. Яке аз воридкунандагони хӯроки моҳӣ, ки дар ҷумҳурӣ бо парвариши гулмоҳӣ машғул мебошанд, ҶСП "АКВА ПОРС" ва ҶДММ "Форел"-и шаҳри Ваҳдат мебошанд, ки дар соли 2017 мутаносибан 96 тн ва 72 тн аз хориҷи кишвар хӯрок ворид намудаанд, ки арзиши онҳо аз 1500–2000 доллари амрикоӣ кам нестанд.

**Воридоти хӯрок барои чорво, моҳӣ ва паранда**

(Ҷадвали 5)

| | 2013 | | 2014 | | 2015 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҳазор тонна** | **долл. Амр. млн.** | **Ҳазор тонна** | **долл. Амр. млн.** | **Ҳазор тонна** | **долл. Амр. млн.** | **Ҳазор тонна** | **долл. Амр. млн.** | **Ҳазор тонна** | **долл. Амр. млн.** | **Ҳазор тонна** | **долл. Амр. млн.** |
| **Воридоти хӯроки чорво** | 26,4 | 11,1 | 26,1 | 13,8 | 27,2 | 24,5 | 24,5 | 9,3 | 24,5 | 9,6 | 38,4 | 14,2 |

Сарчашма: коркарди муаллиф дар доираи маълумоти фаврӣ оид ба содирот ва воридоти молҳои муҳимтарини ҶТ барои солҳои 2013–2018. Омори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. www.gumruk.tj

Дар сурати васеъ истифода гардидани чунин раванд тавассути дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳаи мазкур, имконият пайдо мегардад, ки на танҳо масъалаҳои ба шуғл фарогирифтани шаҳрвандони қувваи қобили меҳнат дар дохили мамлакат таъмин гардад, балки метавонад то андозае

дар коҳиш додани нархи маҳсулоти гӯштӣ дар бозорҳои кишвар ё худ нигоҳ доштани қурби пули миллӣ нисбат ба доллари амрикоӣ таъсири ҳалкунанда расонад. Зеро вақте ки сухан дар бораи ташкил ва истеҳсоли маҳсулот дар дохили кишвар меравад, мо бояд хуб дарк намоем, ки дар ин сурат ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ зиёд гашта, то андозае метавонад дар коҳиш додани воридоти молу маҳсулот аз хориҷӣ кишвар, ки аслан таввасути доллари амрикоӣ сурат мегирад, таъсир расонад. Танҳо бо чунин роҳу усулҳо мо метавонем "Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҳикистон барои солҳои 2016–2020"-ро таъмин намоем.

Баланд бардоштани истеҳсоли моҳӣ дар ҷумҳурӣ на танҳо нархи гӯшти моҳиро дар бозор муътадил ва аҳолиро бо гӯшти он ва ҷойҳои нави кории доимӣ таъмин менамояд, инчунин, нархи гӯшти чорворо дар бозор паст намуда, воридоти гӯшт ва маҳсулоти гӯштиро, ки ҳамасола ба ҷумҳурӣ 45–50 ҳазор тонна (ҷадвали 3) ворид мегардад ва миқдори зиёди ин маҳсулоти гӯштӣ аз говмешҳои зоти ҳиндӣ буда, сифати пасти ғизоӣ доранд, коҳиш мебахшад.

**Воридот ва истеҳсоли гӯшт дар ҷумҳурӣ**

Ҷадвали 3.

| | 2013 | | 2014 | | 2015 | | 2016 | | 2017 | | 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳазор тонна | долл. Амр. млн. | Ҳазор тонна | долл. Амр. млн. | Ҳазор тонна | долл. Амр. млн. | Ҳазор тонна | долл. Амр. млн. | Ҳазор тонна | долл. Амр. млн. | Ҳазор тонна | долл. Амр. млн. |
| **Воридоти гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ** | 59,8 | 41,8 | 74,8 | 57,5 | 62,7 | 48,4 | 33,7 | 33,0 | 45,9 | 40,5 | 27,4 | 42,8 |
| **Истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ** | 29,5 | | 39,9 | | 44,8 | | 50,4 | | 52,1 | | 61,4 | |
| **Ҳамагӣ** | 89,3 | | 114,7 | | 107,5 | | 84,1 | | 98,0 | | 88,8 | |

Сарчашма: коркарди муаллиф дар доираи маълумоти фаврӣ оид ба содирот ва воридоти молҳои муҳимтарини ҶТ барои солҳои 2013–2018. Омори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, gumruk.tj

Дар соҳаи моҳипарварӣ чунин мушкилоти асосӣ арзёбӣ мегарданд:

- кам будани масоҳати ҳавзҳои моҳипарварӣ;
- нарасидани мутахассисони соҳа, мавҷуд набудани дору ва маъводи дигари лозима;
- набудани озмоишгоҳҳои махсус (лаборатория) ва дастгоҳҳои махсуси озмоишии муосир;
- мавҷуд набудани сеххои инкубатсионӣ, таҷҳизот ва технологияи муосир;
- мавҷуд набудани сеххои истеҳсоли хӯроки моҳӣ аз рӯи технологияи муосир;
- таъмин нагардидани хоҷагиҳо бо хӯроки омехтаи сифати баланд;
- шароити пасти молиявии хоҷагиҳо ва вазъи хароби ҳавзҳои моҳидорӣ;
- дастрасии надоштани хоҷагиҳо ба маблағҳои гардон;
- бо усули интенсивӣ парвариш накардани моҳӣ.

**Роҳҳои ҳал:**

- зиёд намудани масоҳати ҳавзҳои хоҷагиҳои моҳипарварӣ аз ҳисоби заминҳое, ки аз ҳолати мелиоративӣ баромадаанд;
- барқарорсозии ҳавзҳои корношоям ва сохтани ҳавзҳои нав;
- барқарорсозии вазъи экологии обанборҳо ва кӯлу дарёҳо;
- самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ (обанборҳо, кӯлҳо, ҳавзҳо ва дарёҳо) барои ташкили моҳидории саноатӣ;
- ташкили тавлидгоҳҳои парваришӣ, ворид намудани навъҳои хушзоти моҳиҳо ва ба иқлим мутобиқгардонии онҳо;
- ташкили сеххои нави замонавӣ барои истеҳсоли хӯроки омехтаи экструдерии сатҳи ҷаҳонӣ;
- ворид кардани таҷҳизотҳои озмоишӣ (лабораторӣ) ва технологияи муосири ҷавобгӯйи замон;
- бо усули интенсивӣ ба роҳ мондани парвариши моҳӣ.

Ҳаллу фасли мушкилоти дар боло зикргардида ба амалисозии тадбирҳои пешниҳодшуда имкон медиҳанд, ки на танҳо рушди устувори соҳаи моҳипарварӣ таъмин гардад, балки амнияти озуқавории кишвар то ҳадди имкон ҳалли худро ёбад.

Рушди соҳаи моҳипарварӣ дар миқёси умумиҷаҳонӣ аз тарафи Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дастгирии бевосита дорад, чунки

ғизои моҳигӣ яке аз омилҳои муҳимтарини нигоҳ доштани саломатии инсон мебошад. Мувофики таҳқиқоти Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, Академияи илмҳои Федератсияи Русия, Академияи Шоҳигарии Британия ғизои моҳигӣ аз сабаби он, ки дар таркибаш аминокислатахои (Омега 3, 9) ғанӣ мебошад, хатари бемории дил ва рагҳои хунгардро паст карда, дараҷаи холестеринро дар хун муътадил менамояд.

Мувофиқи меъёрҳои физиологӣ, одам бояд дар муддати як сол 23,7 кг моҳӣ истеъмол намояд. Ин тасдиқҳо ба худ сабабҳои асоснокро доранд. Тақрибан 20 дарсади организмҳои зиндаро сафедаҳо ташкил медиҳанд, ки онро хӯрокҳои моҳигӣ ва маҳсулотҳои баҳрӣ таъмин менамояд.

Яке аз арзишҳои моҳӣ сафедаи пурқимати ба осонӣ ҳалшаванда мебошад. Мутобиқи мушоҳидаҳои мутахассисон–диетологҳо хӯрокҳои моҳигӣ назар ба гӯшт зуд ҳал мешавад. Бояд қайд кард, ки **200 г** моҳӣ пурра талаботи якшабонарӯзаи организми одамро аз аминокислотаҳои ивазнопазир, алалхусус лизин, метионин ва триптофан қонеъ менамояд.

Нақши равғани моҳӣ дар ғизогирии одам дар он аст, ки вай таъминкунандаи асосии қувва ва намояндаи равғанҳалкунандаи витаминҳои A,D,E,K ба ҳисоб меравад.

Дар ҷаҳон ҳар сол 160 миллион тонна моҳӣ истеҳсол ва сайд карда мешавад. Исландия ва Ҷопон дар ин самт аз пешсафон буда, мутаносибан ба ҳар сари аҳолии худ 90 ва 75 кг маҳсулоти моҳигӣ сайд менамоянд. Ҷумҳурии Мардумии Чин, ки дар як сол беш аз 60 миллион тонна моҳӣ сайд ва истеҳсол менамояд, ба ҳар сари аҳолиаш ба микдори 33 кг рост меояд. Русия дар як сол 5 миллион тонна моҳӣ истеҳсол мекунад, ба ҳар сари аҳолиаш 16,5 кг рост меояд. Русҳо тасмим гирифтаанд, ки дар соли 2020 мувофики Барномаи давлатии рушди соҳаи моҳипарварӣ ин микдорро ба ҳар сари аҳолӣ ба 17,5 кг расонанд. Дар Ӯзбекистони ҳамсоя беш аз 2 кг моҳӣ ба ҳар сари аҳолӣ рост меояд.

Хулоса, пешниҳодҳои мазкур барои зиёд гардидани шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ, афзун гардидани ҳаҷми истеҳсоли моҳии молӣ ва коркарди он дар дохилӣ кишвар заминаи мусоид фароҳам меоварад.

## АДАБИЁТ

1. Ҳаитов А.Ҳ„ Азизов Ф.Ф., Хоҷаев А,А. “Аквакультура и рыбоводства в Таджикистане”
2. Маълумот аз омори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, gumruk.tj

3. “Вазъи иҷтимоию иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – декабри солҳои 2013–2018”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. Маълумот аз КВД “Моҳии Тоҷикистон”
5. «Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», аз 27марти соли 2018 № 160
6. “Барномаи чораҳои тезонидани рушди соҳаи моҳипарварӣ бо усули инноватсионӣ барои соҳои 2018-2023”, Чумҳурии Ӯзбекистон
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти асосии озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар» аз 31 августи соли 2018

# СОСТОЯНИЕ И ПЕРСПЕКТИВА ОТРАСЛИ РЫБОВОДСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**БАРОТОВ ТОХИРХОН ДЖУРАЕВИЧ,**

начальник Управления исследований проблем предпринимательства и развития частного сектора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,

734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 40,

тел.: (+992) 907-82-00-74; 227-54-77

*В данной статье анализируется развитие отрасли рыбоводства, производство и импорт товарной рыбы и рыбопродуктов, питательных кормов для животноводства в рамках реализации Комплексной программы развития животноводства в Республике Таджикистан. Ввиду того, что отрасли рыбоводства играют очень важную роль в развитии экономики страны, в обеспечении продовольственной безопасности, реализации Программы по сокращению бедности, развитии сельских районов и туризма, а также в создании новых рабочих мест для сельских жителей, в этой статье освещаются пути увеличения производства товарной рыбы в стране.*

***Ключевые слова:*** *отрасли рыбоводства, природные ресурсы, водохранилища, озера и реки, пруды, рыбные хозяйства, состояние, мощность, производство, импорт, товарная рыба, продовольственная безопасность, государственная программа, льготы и государственная поддержка,*

*проблема отрасли, высококачественный корм, инфраструктура развитие отрасли рыбоводства*

## STATUS AND PROSPECTS OF THE FISH FARMING INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**BAROTOV TAKHIRKHON JURAEVICH,**
Head of the Department of Entrepreneurship Issues Research and Private Sector Development, Center for Strategic Research under the President of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave, 40,
tel. (+992) 907-82-00-74; 227-54-77

*This article analyzes the development of the fish farming industry, production and import of marketable fish and fish products, nutritious feed for livestock farming as part of the implementation of the Comprehensive Livestock Development Program in the Republic of Tajikistan. Due to the fact that the fish farming industry plays a very important role in the development of the country's economy, in ensuring food security, in the implementation of the Poverty Reduction, Rural Development and Tourism Program, as well as creating new jobs for rural residents, therefore this article highlights ways to increase the production of marketable fish in the country.*

***Keywords:*** *fish farming, natural resources, reservoirs, lakes and rivers, ponds, fisheries, condition, capacity, production, import, commercial fish, food security, government program, benefits and state support, industry problem, high-quality feed, infrastructure, fish farming industry development*

УДК: 379.85(575.3)

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА ТАМОЮЛҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**ҚУРБОНОВ ШАЙДУЛЛО ЯТИМОВИЧ,**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳӣ
734025. Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел.: +992 918-38-38-55; e-mail: Shahidullo.tj@gmail.com

**ҚОДИРЗОДА ДИЛОВАР БАҲРИДДИН,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
тел.: +992 902-01-18-81; e-mail: dilovark@mail.ru

**ЁРОВ ҶАМШЕД НУРУЛЛОЕВИЧ,**
дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел.: +992 907-55-44-75; e-mail: jama_taj75@mail.ru

*Дар мақола моҳияти идоракунии соҳаи сайёҳӣ, самтҳо ва тамоюлҳои нави сайёҳӣ таҳлил ва пешниҳод гаридаанд. Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои идоракунии соҳаи сайёҳӣ ва тамоюлҳои рушди он дар шароити муосир мебошад. Самти муҳими идоракунии фаъолияти сайёҳӣ ва сиёсати давлатӣ барои рушди минбаъдаи он маҳсуб меёбад. Дар мақола доир ба масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити муосир 6 тамоюл пешниҳод гардидаанд, ки амалигардии онҳо ба рушди минбаъдаи соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ таъсири давлат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидории сайёҳӣ ва таркиби бозорӣ ҷиҳати таъмини шароитҳои мусоиди фишангҳои бозорӣ, татбиқи афзалиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоии давлатӣ ва тарҳрезии консепсияи ягонаи рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад. Идоракунии давлатӣ раванди мураккаб буда, дар худ коркарди сиёсати давлатии танзими рушди сайёҳӣ, асоснокнамоии мақсад ва вазифаҳои он, самтҳои асосӣ, интихоби усулҳои амалинамоии онро ифода менамояд. Хусусияти фарқкунандаи модели муосири идораи соҳаи сайёҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди он созмонщои ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *Идоракунӣ, хоҷагидорӣ, идораи сайёҳӣ, стратегияи сайёҳӣ, инноватсионӣ, мукамалгардонии идоракунӣ, тамоюлҳо, идораи давлатӣ, баландбардории самаранокии идора.*

Дар давраи муосир сайёҳӣ ҳамчун яке аз бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт ба таври марказонидашуда амал менамояд. Дар он сохтори муайяни идоракунии соҳавӣ вуҷуд дошта, асосан фаъолият дар ин самт дар заминаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, муассисаҳои ҷойгирнамоӣ, муассисаҳои хизматрасонӣ, муассисаҳои омоданамоии мутахассисони соҳибкасби миллӣ сурат мегирад. Зарурати масъалаи мазкур дарк гардида, муҳимияти воқеии мукаммалгардонии идоракунии бахши сайёҳӣ ва дар заминаи он ба роҳ мондани тамоюлҳои рушди сайёҳӣ ба миён омадааст.

Идоракунии давлатии рушди сайёҳӣ ин таъсири давлат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидории сайёҳӣ ва таркиби бозорӣ, ҷиҳати таъмини шароитҳои мусоиди фишангҳои бозорӣ, татбиқи афзалиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоии давлатӣ ва тарҳрезии консепсияи ягонаи рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад. Идоракунӣ раванди мураккаб буда, дар худ коркарди сиёсати давлатии танзими рушди сайёҳӣ, асоснокнамоии мақсад ва вазифаҳои он, самтҳои асосӣ, интихоби усулҳои амалинамоии онро таҷассум менамояд.

Баландбардории самаранокии идоракунии рушди сайёҳӣ ба ташаккулу рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ замина мегузорад. Қобили қайд аст, ки дар бархе аз кишварҳо, сиёсати давлатии сайёҳӣ бо дигар сохторҳо омезиш ёфта, зина ба зина раванди идоракунии соҳаи мазкур мукаммал карда мешавад. Чунончи, Фаронса ҳамчун намунаи беҳтарин ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ маҳсуб меёбад, ки дар он барномаи марказонидашудаи рушди туризм ҳамчун унсури асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ қабул шудааст.

Дар натиҷа ин давлат дар давраи дуру дароз ба шумори пешвоёни ҷаҳон оид ба ташрифи сайёҳон ва воридоти сармоя аз сайёҳии байналмилалӣ шомил мебошад. Ба Фаронса ҳамасола беш аз 90 млн нафар сайёҳ ташриф меоранд, ки ҳаҷми даромад аз сайёҳати байналмилалӣ қариб ба 70 млрд доллари амрикоӣ баробар аст.

Ҳамзамон, қисми муҳими сиёсати Фаронса дар бахши туризм ин хусусиятҳои минтақавиаш мебошад, яъне ба сифати пешво марказ нигоҳ дошта шуда, барномаи рушди минтақаҳои ин мамлакат тарҳрезӣ мегардад. Дар натиҷа вобаста ба иқтидорҳои сайёҳӣ минтақаҳои кишвар муаррифӣ карда мешаванд ва ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо беҳ мегардад. [1]

Дар аксари кишварҳо рушди фаъолияти сайёҳӣ ба сиёсати дурусти давлатӣ вобастагӣ дорад, ин амал дар заминаи барномаҳои минтақавию иқтисодӣ гузаронида мешавад ва аз се заминаи асосӣ сарчашма мегиранд. Яъне:

1. таъмини рушди иқтисоди маҳаллӣ ҳамчун заминагузори чараёни пешрафти иқтисодӣ;
2. маҷмааҳои (комплекси) сайёҳии минтақавӣ ва марказҳои сайёҳӣ ба сифати ҷузъи калидӣ дар соҳаҳои сайёҳӣ баромад намуда, ҳар як маҷмааи сайёҳӣ ба қавле ба сифати «корти раводидӣ»-и давлат эътироф мешавад;
3. бунёд ва рушди маҷмааҳои минтақавии сайёҳӣ (минтақаи сайёҳии Фон, Тоҷикистони Шимолӣ, Тоҷикистони Марказӣ, Помир ва ғайра) ба сифати омили бузурги рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа баромад карда метавонанд. Ташаккули комплексҳои сайёҳӣ боиси пешрафти иқтисодиёти ноҳияҳои қафомонда, ки заминаҳои тиҷорат ва ё саноатӣ надоранд, мегардад.

Дар баробари ин, амалинамоии сиёсати сайёҳӣ дар сатҳи сохторҳои ҳокимияти иҷроия муҳим мебошад, зеро ин сохторҳо ҳамчун ҳокимияти иҷроия фаъолияти хешро дар заминаи ҳуҷҷатҳои қабулнамудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба роҳ мемонанд. Чунончи:

- нақши воқеие, ки сайёҳӣ метавонад дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа иҷро намояд, ҳатто дар ҳудудҳое, ки на он қадар иқтидорҳои бузурги сайёҳӣ доранд;
- рушди сайёҳӣ, ин пеш аз ҳама, манфиати минтақа мебошад, ки дар натиҷа нобаробарии иқтисодии минтақаҳои кишвар аз байн рафта, беҳгардии иқтисодиёти минтақа ба чашм мерасад;
- рушди сайёҳӣ боис мегардад то ба ҳар як минтақаи алоҳида тариқи нигоҳи махсус баҳо дода, вобастагии самаранокии сайёҳиро аз сохтори идоравӣ муайян намоем. [2]

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки яке аз ҷузъҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии сайёҳӣ маҳз ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ ба шумор меравад.

Маҳз аз кӯшиши онҳо ҷиҳати танзими дигар сохторҳои идоракунии давлатӣ, ташкилотҳо ва субъектҳои хоҷагидории сайёҳӣ, соҳаҳои молия, андоз, маъмурият ва дигар соҳаҳо самаранокии сиёсати давлатии сайёҳӣ вобаста аст.

Мутобиқи ҳуҷҷати тарҳрезинамудаи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (СУС СММ), ки ба шартҳо ва усулҳои танзими давлатии сайёҳӣ вобаста аст, чунин тавсияҳои бунёди сохторҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятиро ба сифати сохторҳои идораи сайёҳӣ дар худ таҷассум менамоянд.[3]

Дар натиҷаи таҳлили тадқиқоти СУС СММ доир ба танзими давлатии сайёҳӣ дар салоҳияти ин сохторҳо, ба андешаи мо, чунин вазифаҳо дохил мешаванд:

–қоидаҳои расмӣ – конститутсияҳо (сарқонунҳо), қонунҳо, судҳо ва санадҳои маъмурӣ мебошанд;

–эҳё ва нигоҳдошти қонуниятҳои ғайрирасмӣ – анъанаҳо, одатҳо, меъёри рафтор, шароитҳои иҷтимоӣ, яъне институтсияҳо;

–механизмҳои иҷборӣ, ки таъминкунандаи иҷрои қоидаҳо мебошанд, яъне судҳо, мақомотҳои қудратӣ ва ғайра. [4]

Дар натиҷаи таҳлилҳои дар боло овардашуда вобаста ба соҳаи сайёҳӣ ба андешаи мо усулҳо ва вазифаҳои зерини татбиқи амалии сиёсати давлатии идоракунии рушди сайёҳиро ҷудо намудан мумкин аст:

1.Тавсияҳои меъёрии ҳуқуқӣ: ҷоринамоии истилоҳоти ягона, дастрасии раводид, тартиби гузариши сарҳад ва интиқоли мол, раванди бастани шартнома ва ғайра.

2.Нақшабандии соҳаи сайёҳӣ: тарҳрезии стратегия ва консепсияи умумии сайёҳӣ, танзими фазоии ҷойгиршавии объектҳои сайёҳӣ, нақшабандии рушди инфрасохтор.

3.Танзими шаклҳои алоҳидаи фаъолият: литсензиякунонӣ, стандартизатсия ва сертификатсия.

4.Таъмини амнияти сайёҳӣ: литсензиякунонӣ, стандартизатсия, сертификатсия ва суғурта.

5.Таъминоти кадрӣ: бунёди барномаҳои стандартӣ барои омоданамоии мутахассисони бахши сайёҳӣ ва мусоидат ба баландбардории тахассуси касбии кормандони ширкатҳои сайёҳӣ (ташкили курсҳои такмили ихтисос).

6.Таъмини тадқиқотҳои илмии бозори сайёҳӣ: тадқиқоти маркетингӣ дар бозори сайёҳӣ, бунёди марказҳои илмии омӯзиши сайёҳӣ ва таъминоти иттилоотии ширкатҳои сайёҳӣ.

7.Дастгирии фаъолиятҳои берунии иқтисодии ширкатҳои сайёҳӣ: ташкили намояндагиҳо дар хориҷа, бастани шартномаҳои байналмилалӣ, таблиғи имкониятҳои сайёҳӣ дар миқёси байналхалқӣ ва ғайра.

8.Таъмини ҳифзи муҳити атроф ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ: қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва назорати пурзӯр оид ба риояи он дар бахши ҳифзи муҳити атроф, барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ (бо нигоҳдошти таърихият), таъмини моливии муассисаҳои фарҳангӣ.

9. Бунёди нуфуз ва ё имиҷи мусоиди давлат ҳамчун кишвари сайёҳӣ: маркетинг, таблиғот, ташвиқоти иттилоотӣ-таҳлилӣ (сохтани харитаҳо, видеороликҳо ва ғайра), низоми андозбандӣ, сармоягузорӣ.

10. Назорат: назорати воқеӣ, аудит, мониторинги рақобатпазирии байналхалқӣ, назорати сифатнокии маҳсулоти миллӣ.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки тарҳрезии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи саноати сайёҳии минтақавӣ ва татбиқи назорати давлатӣ аз рӯи иҷроиши он боиси чунин амалҳо магардад:

- банақшагирӣ ва пешбурди барномаҳои рушди сайёҳӣ, коркард ва амалинамоии барномаҳои давлатию байналмилалӣ;

- бурдани ҳисобот ва назорат аз болои захираҳои сайёҳӣ ва татбиқи назорати давлатӣ доир ба истифодаи оқилонаи онҳо, татбиқи чорабиниҳо оид ба нигоҳдошт ва барқарорнамоии захираҳо мегардад.

Инчунин, баландбардории самараноки сохторҳои идоракунии давлатии сайёҳӣ, аз ду ҳолати асосӣ вобаста аст:

–тарҳрезӣ ва татбиқи амалии стратегияи давлатии рушди сайёҳӣ ба муайян намудани ин соҳа ҳамчун самти афзалиятнок;

–ба роҳ мондани дастгирии давлатӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо ба ширкатҳои сайёҳии навтаъсисёфта ва фаъолияткунанда.

Дар баробари сохторҳои идораи давлатӣ дар тарҳрезӣ ва татбиқи сиёсати сайёҳӣ, инчунин, бояд дигар субъектҳои хоҷагидории сайёҳӣ иштирок намоянд ва пеш аз ҳама, инҳо бояд созмонҳои ҷамъиятии сайёҳӣ ва иттиҳодияҳо бошанд.

Вобаста ба ин, аҳамияти мураттабкунонӣ (систематизатсиякунонӣ) ва тақсимоти самтҳои фаъолият доир ба тазим, миёни сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии сайёҳӣ (ташкилотҳо) вуҷуд дорад. Ба андешаи, мо мураттабнамоии низоми танзими давлатии сайёҳӣ самтҳои зерини фаъолиятро фаро мегирад:

–ба инобат гирифтани афзоиши аҳолӣ;

–пешниҳоди шароитҳои муносиб ба субъектҳои хоҷагидории сайёҳӣ;

–қабул, татбиқнамоӣ ва назорат оид ба ҳолати иҷроиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба сайёҳӣ вобастабуда;

–дар тамоми сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ дарки аҳамияти рушди сайёҳӣ ва эътирофи он ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ;

–гузаронидани семинар-тренингҳо дар минтақаҳои сайёҳӣ ва шинос намудани аҳолии маҳал бо моҳияти сайёҳӣ дар рушди маҳал ва ғайра.

Инчунин, қобили қайд аст, ки дар таҳлил ва муайян намудани нақши иҷтимоӣ-иқтисодии соҳаи туризм, низоми самараноки танзими давлатии сайёҳӣ, омилҳо ва раванди рушди сайёҳӣ нақши омор бузург аст. Ҳолати кунунии омори расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон намедиҳад то, ки мо доир ба вазъи соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ маълумоти мушаххас дошта бошем. Дар солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оид ба пойгоҳҳои моддӣ-техникии сайёҳӣ, шумораи машғулон, ҳаҷми фаъолият, тақсимоти сайёҳон оид ба мақсад, шумораи аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ қабули сайёҳон, ҳаҷми воридот ба буҷет аз ҳисоби туризм тариқи мустақим ва ғайримустақим вуҷуд надорад.

Ба андешаи мо бо мақсади ҳисоби оморӣ, идораи ҷараёни бахши сайёҳӣ ва таҳлил, самтҳои зерини фаъолиятро метавон пешниҳод намуд, ки ба беҳгардии таъминоти иттилоотӣ ҳам дар сохторҳои давлатӣ ва ҳам намояндагони тиҷорати сайёҳӣ, мусоидат менамояд.

–бунёд ва ё тарҳрезии шиносномаи махсуси объектҳои саноати сайёҳӣ;

–ташкили низоми иттилоотӣ нисбати ҳамаи объектҳои сайёҳӣ;

–ташкили нуқтаҳои иттилоотӣ дар наздикии тамоми объектҳои сайёҳӣ ва пайваста ворид намудани маълумотҳо оид ба вуруди сайёҳон ба объекти мазкур;

–тарҳезии шабакаи ягонаи иттилоотӣ доир ба тағйирёбии динамикии ҷалбнамоии кормандон ба бахши сайёҳӣ;

–бунёди маркази иттилоотӣ оид ба таснифоти сайёҳон вобаста ба мақсади сафар ва дар давоми сол муайян намудани таносуби онҳо;

–таъсиси ниҳоди иттилоотӣ оид ба омори қабули сайёҳон дар муассисаҳои ҷойгирнамоӣ (меҳмонхонаҳо, меҳмонсаройҳо ва дигар муассисаҳои ҷойгирнамоӣ).

Вобаста ба расидан ба мақсадҳои дар боло қайдшуда, ба андешаи мо, бояд манфиатҳои иқтисодии иштирокдорони тиҷорати сайёҳӣ ва амалинамоии чорабиниҳои рушди соҳаи сайёҳӣ бо шаклҳои зерини дастгирии давлатӣ сурат гирад: ба минтақаҳои сайёҳӣ бояд мақоми имтиёзҳои ҳамаҷониба дода шавад (қарздиҳии имтиёзноки давлатӣ, муаян намудани кафолат дар ширкатҳои гуногуни қарздиҳӣ, ҳавасмандӣ ҷиҳати бунёди ҷойҳои нави корӣ ва нигоҳдошти ҷойҳои корӣи пешина ва ғайра). [5]

Ба андешаи мо ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ ва табдилёбии он ба яке аз фишангҳои асосии иқтисодиёт, ки аз идоракунӣ ва танзими дуруст, бурдани омори дақиқи соҳаи туризм, санадҳои меъёрии мусоидаткунанда ба рушди соҳа вобаста аст ки он ба шаш тамоюли асосӣ такя бояд намояд:

1. **Ташкили бозори кушодаи сайёҳӣ.** Сайёҳӣ ҳамчун усули муҳим барои пойдории сулҳ ва дипломатия баромад менамояд. Пайваста ташкил намудани намоишгоҳҳои сатҳи байналмилалӣ, конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ ва ташкили иштироки ширкатҳои бузурги сайёҳии сатҳи ҷаҳонӣ, комплекси меҳмонхонаҳо, иттиҳодияҳои байналмилалии туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси дуруст муаррифӣ гардидани бозори сайёҳӣ ва иқтидорҳои сайёҳии мамлакат гардида, ҷараёни баҳамназдикшавии фарҳангҳоро таъмин менамояд.

2. **Ҳаракати транссарҳадии сармояи иҷтимоӣ, ки ҳангоми ҳамгироии фарҳангӣ ва сайёҳӣ ба миён меояд.** Тарҳрезии лоиҳаҳои васеъмиқёси фарҳангӣ-сайёҳӣ ба қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодии маҳалҳо табдил ёфта, ба ташкили маҷмааҳои истироҳатӣ ба мисли осоишгоҳҳои сайёҳӣ, шаҳракҳои сайёҳӣ ва боғҳои соҳавӣ замина мегузорад ва ҷалби навъҳои гуногуни сармояро таъмин менамояд. Чӣ тавре, ки аз таҷрибаи давлатҳои пешқадам бармеояд, ҷалби ширкатҳои гуногуни истеҳсолӣ ба бахши сайёҳӣ боиси васеъгардии занҷираи

истеҳсолӣ-сайёҳӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар мегардад. Дар ин ҳолат брендҳои миллии сайёҳӣ ба миён меоянд.

3. **Ҳамгироии бахшҳои гуногун зери идораи сиёсати миллӣ.** Сайёҳӣ ҳамчун соҳаи маҷмаавӣ қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодӣ, омили паҳншавии тамаддун, табодули фарҳанг ва нишондиҳандаи муҳими болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ маҳсуб меёбад.

Гузаронидани сиёсати ислоҳотӣ нисбати ташаккули маҷмаавии сайёҳӣ, эҳёи деҳот, сайёҳии зеҳнӣ, ҳоҷатхонаҳои сайёҳӣ ва шаклҳои нави сайёҳиро таъмин менамояд. Зикр намудан ҷоиз аст, ки туризм боиси:

–мубориза бо камбизоатӣ;

–ташаккули соҳаи тандурустӣ;

–таъминоти нафақа;

–пешрафти соҳаи маориф ва ғайра мегардад.

**4. Рушди инноватсионии (истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ) саноати сайёҳӣ.** Дар давраи пешрафти интернети мобилӣ таблиғи иқтидорҳои сайёҳӣ бештар самаранок гардида, ширкатҳои интернетӣ дар веб-сомонаҳои хеш лаҳзаҳои таблиғии ҳудудҳои сайёҳиро бештар мегузоранд. Дар натиҷа маркетинги хадамоти сайёҳӣ афзоиш меёбад. Қобили қайд аст, ки солҳои охир истифодабарандагони сомонаҳои интернетӣ дар ҷумҳурӣ боло рафтааст, ки ин далолат аз воридшавии аҳолӣ ба низоми иттилоотии байналмилалӣ мебошад.

**Диаграммаи 1. Афзоиши солонаи шумораи интернет-истифодабарандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2000-2018.**




**Сарчашма: Ҳисоботи Вазорати алоқа ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018**

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди технологияи иттилоотӣ инмкони пешрафти фаъолиятро дар бахши сайёҳӣ бештар мегардонад, зеро:

а) интернет усулҳои нави маркетингро барои ширкатҳои сайёҳӣ тавлид намудааст:

–маркетинг тавассути интернет яке аз қисмҳои тиҷорати электронӣ маҳсуб меёбад;

–консепсияи анъанавии маркетинг–маркетинг бо мизоҷон ва маркетинг тавассути интернет–зудфаъолии миёни мизоҷ ва муассисаро таъмин менамояд.

б) Шабакаи иттилоотӣ самтҳои фурӯшро васеъ намуда, бунёди бренди сайёҳиро мукаммал менамояд:

–васеънамоии фурӯш дар низоми онлайн ба муассисаҳо имкон медиҳад, иттилоотро дар низоми вақти воқеӣ гирд оваранд ва ба мизоҷон ба тариқи инфиродӣ маҳсулот ва хадамотҳои иловагии сайёҳӣ пешниҳод намоянд;

–тарҳрезии бренд тавассути интернет бо роҳи фурӯш бо истифода аз интернет, шинос намудани мизоҷон бо бренд ва бунёди имиҷи хеш дар низоми онлайн.

5. **Ташкил ва ташаккули сайёҳии экологӣ.** Ташкили сайёҳии экологӣ ифодаи нигоҳдошти ҳолати гуногунии биологӣ ва солимии муҳити экологӣ мебошад. Ба андешаи мо, зарур аст, то таснифоти (классификатсияи) махсуси иқтидорҳои сайёҳии экологӣ гузаронида шуда, объектҳои табиии экологӣ ҷиддан зери нигоҳ қарор дода шуда, феҳристи махсуси ҳар як ҳудуди сайёҳӣ мураттаб карда шавад, зеро истифодаи ғайриоқилонаи сарватҳои сайёҳӣ-экологӣ боиси нобудшавии био ва геосистема мегардад.

6. **Таъмини фаъоли рушди комплексии туризм.** Сайёҳии муосир аз ҳолати як самта ба ҳолати маҷмаавӣ гузашта истодааст, яъне агар дар нимаи дуюми асри XX шаклҳои гуногуни сайёҳӣ минтақаҳои алоҳидаро фаро мегирифт, пас имрӯз дар аксар кишварҳои аз лиҳози сайёҳӣ пешрафта комплексҳои сайёҳӣ ташкил гардидааст. Мутаассифона, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон комплекси мукаммали миллии сайёҳӣ вуҷуд надорад.

Стратегияи сайёҳии комплексӣ консепсияи махсуси худро тақозо менамояд, яъне зарур аст то дар ҳудудҳои гуногуни сайёҳии Тоҷикистон комплексҳои сайёҳие ташкил карда шавад, ки фарогири тамоми навъҳои хадамоти сайёҳӣ бошад (ба мисли бизнес-сайёҳӣ, сайёҳии фарҳангӣ, экологӣ, осоишгоҳӣ, тиббӣ, дилхушию фароғатӣ ва ғайра).

Дар сурати амали гардидани шаш тамоюли пешниҳодшуда имконияти воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ бештар мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Сайёҳӣ ба хоҷагии меҳмонхонадорӣ (бо забони русӣ). –М.: ИКС «Март», 2017-С.172.

2. Ёров Ҷ.Н., Самаранокии сайёҳии деҳот ва таъсири он ба рушди бахши кишоварзии ККС. (дар маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон). Рисолаи илмӣ. Душанбе 2010. 164 с (бо забони русӣ).

3. Эъломияи Гаага оид ба сайёҳӣ, ки дар Конфронси байнипарлумонӣ оид ба сайёҳӣ дар ш. Гаага (Ҳоланд) аз 10 то 14-уми апрели соли 1989.

4. Қодирзода Д.Б., Ялунина Е.Н., Мукаммалгардонии асосҳои институтсионалии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи Конфронси байналмиллалӣ, Душане 2018. Саҳ. 5–11.

5.Ёров Ҷ.Н., Самаранокии сайёҳии деҳот ва таъсири он ба рушди бахши кишоварзии ККС. (дар маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон). Рисолаи илмӣ. Душанбе, 2010. 130–131 с. (бо забони русӣ).


## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА И ЕГО ТЕНДЕНЦИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


**ҚУРБОНОВ ШАЙДУЛЛО ЯТИМОВИЧ,**
ассистент кафедры экономики и управления туризмом
Таджикского национального университета,
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17,
тел.: 918-38-38-55, e-mail: Shahidullo.tj@gmail.com

**КОДИРЗОДА ДИЛОВАР БАХРИДДИН**,
доктор экономических наук, профессор, заместитель Министра образования и науки Республики Таджикистан,
тел.: +992 902-01-18-81, e-mail:dilovark@mail.ru

**ЁРОВ ҶАМШЕД НУРУЛЛОЕВИЧ**,
доцент кафедры экономики и управления туризмом
Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17,
тел.: +992 907-55-44-75, e-mail: jama_taj75@mail.ru

*Данная статья охватывает проблемы управления туризмом и тенденции его развития в современных условиях. Одной из основных проблем туристской деятельности является государственная политика в области перспективы развития туризма. В статье рассматриваются проблемы совершенствования государственного регулирования сферы туризма и предлагаются тенденции будущего его развития в Республике Таджикистан. Управление развитием туризма – это государственное влияние на субъекты туристской деятельности и структуры рынка с целью обеспечения конкурентоспособной среды и создания концепции развития туризма в стране. Государственное управление является сложным процессом и отражает государственную политику поддержки субъектов туристской деятельности и пути его реализации. Управление рыночной моделью с элементом государственного регулирования развития туризма пропорционально влияет на другие смежные отрасли экономики, связанные с туризмом.*

***Ключевые слова:*** *управление, хозяйствование, управление туризмом, стратегия туризма, инновация, совершенствование управления, тенденции, государственное управление, повышение эффективности управления.*

## SOME ISSUES OF IMPROVING THE MANAGEMENT OF TOURISM DEVELOPMENT AND ITS TRENDS IN MODERN CONDITIONS

**KURBONOV SHAYDULLO YATIMOVICH**,
Assistant of the Department of Tourism Economics and Management, Tajik National University,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue,
phone: +992 918-38-38-55, g-mail: Shahidullo.tj@gmail.com

**KODIRZODA DILOVAR BAHRIDDIN,**
Doctor of Economic Sciences, Professor, Deputy Minister
of Education and Science,
phone: +992 902-01-18-81, e-mail: dilovark@mail.ru

**YOROV JAMSHED NURULLOEVICH,**
Associate Professor of the Department of Tourism Economics and Management, Tajik National University,
734025, Tajikistan, Dushanbe, 17Rudaki Avenue,
phone: +992 907-55-44-75, e-mail: jama_taj75@mail.ru

*This article covers the problems of tourism management and its development trends in modern conditions. One of the main problems of tourism is government policy in the field of tourism development prospects. The article discusses the problems of improving state regulation of the tourism sector and suggests trends in its future development in the Republic of Tajikistan. Tourism development management is a government influence on tourism entities and market structures in order to ensure a competitive environment and create a concept for tourism development in the country. Public administration is a complex process and reflects the state policy of supporting the subjects of tourism activities and the ways of its implementation. Management of a market model with an element of state regulation of tourism development proportionally affects other related sectors of the economy related to tourism.*

***Keywords:*** *management, farming, tourism management, tourism strategy, innovation, improving management, trends, public administration, improving management efficiency.*

УДК 338.2:004.9

# ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА

**ХОЛМАТОВ МУАЗАМ МУХАМАДАМИНОВИЧ,**
ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни 44,
тел.; (+992) 918 62 6886, e-mail: azamhmm@rambler.ru

*Цифровая экономика, как составляющая классической экономики - это переход к новому укладу жизни, к новой модели ведения бизнеса и к новой модели построения цифровых производственных процессов. Она представляет новую экономику, которой нужны технологии, чтобы быть эффективной в различных региональных условиях и экономических процессах Республики Таджикистан. В общем, представления об экономике, как о системе стали более сложными, появилось большое количество новых отраслей, профессий, оборудования. Поэтому наша работа будет строиться вокруг формирования компетенций цифровой экономики, экономики знаний – цифровой грамотности. Развитие цифровой экономики– это прекрасная перспектива для Республики Таджикистан. Молодое государство с высоким уровнем образования населения(на основе демографических исследований), которое борется за благосостояние всех слоев народа, может извлечь из цифровой экономики серьезную выгоду. Процедура оцифровки существующей базы современной экономики – это огромнейшая задача организации управления предприятиями Республики Таджикистан в условиях цифровой экономики.*

***Ключевые слова:*** *цифровая экономика, цифровая трансформация, подготовка цифровых кадров, информационная технология управления.*

Последние десятилетия характеризуются структурной социально-экономической трансформацией хозяйственной системы Таджикистана в рамках региональных центрально-азиатских стран. Это в решающей мере обусловлено трансформационным переходом от индустриально-аграрной экономики к информационно-сетевой экономике [3].

Современная экономика характеризуется значительным динамизмом, в том числе за счет создания новых бизнесов, связанных с инновациями, развитием новых продуктов и технологий. Формируется новое направление экономического развития – экономика знаний, основанная на взаимодействии науки, образования и наукоемких секторов экономики.

Стратегическим направлением повышения конкурентоспособности и устойчивости развития рыночных отношений становится широкое использование интеллектуальных разработок в управлении производством новых ресурсов.

В настоящее время в рамках экономической теории и концептуальных оценок различных направлений социально-экономической жизни, а также в практической деятельности ряда стран появилось понятие «цифровая экономика». Согласно научным публикациям, последние два-три десятилетия ознаменовались прорывным развитием цифровых технологий, революцией на пространстве информации и ускорением процесса глобализации экономики. Информация приобрела характеристику ресурса в общественных и хозяйственных процессах. Ее использование преобразуется в знания, измеряемые повышением продуктивности, а социально-экономические отношения все больше переходят в сетевое пространство.

Цифровизация экономики, помимо дивидендов, несет и риски масштабного высвобождения рабочей силы. Нужно заранее выработать согласованную политику по трудоустройству высвобождаемой рабочей силы. Предстоит адаптировать систему образования, коммуникаций и сферу стандартизации под потребности новой индустриализации.

В связи с этим, по мнению А.В. Бабкина и др. «..начало XXI века принесло развитие цифровых технологий на основе информационной революции и процессов глобализации экономики. Информация в обществе и в процессе хозяйствования стала основным ресурсом. В руках человека она преобразуется в знания, а социально-экономические отношения все больше переносятся в сетевое пространство. В пространстве ключевым фактором цифровой трансформации в деятельности субъектов рынка является развитие цифровой культуры» [8].

Цифровая культура – это, в первую очередь, понимание современных информационных технологий, их функционирования, а также возможность грамотно использовать их в работе или быту. И это относится не к оргтехники и бытовым приборам, а к таким инструментам, как работа с базами данных, машинное обучение, компьютерное моделирование, статистический анализ, работа с графическими редакторами и многое другое.

Цифровая экономика – это такая экономика, где в качестве производственного комплекса производственной системы, создающей продукты и услуги, обеспечивающей жизнь и комфорт человека, населения, выступает состав киберсетевых соединений и систем.

Что представляет собой цифровая экономика? До сих пор содержание этого понятия остается размытым, четкого определения нет и в докладе Всемирного банка «Цифровые дивиденды» [5] также. Мы попробуем дать представление «Цифровой экономике» на основе изучения опубликованных последних материалов в научных и экономических публикациях В. П. Куприяновского, Д. Е. Намиота, С. А. Синягова и Т.Н. Юдиной.

Цифровая экономика [4] является экономической деятельностью, сформированной в результате и на основе повсеместного внедрения цифро-вых/информационных технологий в производственные, управленческие, государственные и иные процессы с целью обеспечения национальных интересов Республики Таджикистан, а также в том числе повышения качества жизни граждан Республики Таджикистан. Кроме того, должны быть представлены условия конкурентоспособности экономики страны на внешнем рынке.

В связи с этим, большой интерес представляет текущее состояние реализации информационно-коммуникационных технологии (ИКТ) в производственных и управленческих процессах, использование компьютерной техники, цифровой информации и, самое главное, использование интернета, его возможностей в организации управления в Республике Таджикистан.

Известно, что при активном внедрении современных информационно-коммуникационных технологий появляется широкая возможность реализации цифровых технологий в экономической деятельности предприятий для повышение экономической эффективности, содействия ускорению трансформации экономической структуры, которая становится важной движущей силой для роста производства продукции, роста объема услуг.

Сегодня действующие системы статистической отчётности ИКТ не дают полную информацию об объективном состоянии информационно-коммуникационной составляюшей всей экономики республики.

Эксперты международных консалтинговых компаний считают, что по имеющим статистическим данным страны доля цифровой экономики составляет 0,56% ВВП Республики Таджикистан 2016 года. Условные расчёты произведены в отношении общих затрат на информационно-коммуникационные технологии по республике согласно статотчетам по ВВП республики.

Электронные средства массовой информации, информационные системы, социальные сети, доступ к которым осуществляется с использованием сети Интернет, стали частью повседневной жизни жителей Республики Таджикистан.

«Усилия по повышению эффективности оказания услуг населению должны сопровождаться обеспечением социального равенства и доступа людей к новым информационно-коммуникационным технологиям», - заявил заместитель Генерального секретаря по экономическим и социальным

вопросам У. Хунбо, представляя новый доклад ООН по электронному правительству [12]. Электронное правительство - это использование ИКТ для предоставления государственных услуг населению. Среди внедривших его стран на сегодняшний день лидируют Великобритания, Австралия и Республика Корея. США занимают 12-е место, Казахстан - 33-е, Россия - 35-е, Азербайджан - 56-е. Грузия в этом списке на 61-ой позиции, Украина - на 62-ой, а Армения - на 87-ой. Таджикистан в рейтинге стран мира по уровню развития электронного правительства - на 139 месте, а Туркменистан - на 140-м.

В Таджикистане создан портал электронного правительства hukumat.tj/glav/taj, на котором размещена информация органов государственной власти и другая информация об услугах, которые они предоставляют.

Для развития электронного правительства в РТ проводится работа по реализации отдельных проектов, некоторые из них:

- создан Единый электронный Регистр информации и сведений по лицензиям и разрешениям (ijozat.tj), содержащий полную и достоверную информацию о процессе получения лицензий и разрешений для отдельных видов деятельности в Республике Таджикистан;
- внедрена система электронного налогового декларирования, позволяющая плательщикам облегчить процесс составления отчетности и полностью автоматизировать процесс представления налоговых деклараций в налоговые органы (andoz.tj, www.mbma.tj);
- реализован совместный проект мэра г. Душанбе и Общественного Фонда «ГИПИ» – «Мо метавонем!». Интернет-сайт данного проекта (mometavonem.tj) в реальном времени представляет собой услугу электронную приемную различных обращений граждан по вопросам качества работы столичных коммунальных услуг.

Посредством работы портала эффективность коммунальных служб столицы теперь находится под личным контролем мэра г. Душанбе. Создан централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан `Адлия` (adlia.tj), предназначенный для профессиональных пользователей, которые в своей работе используют информацию нормативно-правового характера, – это юристы, аудиторы, налоговые консультанты, бухгалтера и предприниматели.

Сегмент электронной экономики Республики Таджикистан пополняется целым рядом государственных информационных систем и ресурсов по вопросам управления недвижимым имуществом, ведением электронного архива статистической отчетности, обеспечением оперативно-служебной деятельности органов внутренних дел, органов прокуратуры и судов.

Благодаря информационно-коммуникационным технологиям, повышено качество работы организаций системы Минтруда и органов социальной защиты, создается интернет-портал социальной защиты, информационная линия по многим направлениям работы этого ведомства, а также электронная служба занятости.

Экспорт остается низко диверсифицированным, в нем преобладают сырьевые и энергетические товары – это недрагоценные металлы, хлопковолокно, руды и концентраты, электроэнергия, а также продукты растительного происхождения – овощи и фрукты. В импорте преобладает продукция химического производства (глинозем), машины, оборудование и транспортные средства, а также продукция растительного происхождения и ее производные (зерно, мука, крупы).

В географическом направлении экспорта и импорта товаров наблюдается преимущество в экспорте товаров стран дальнего зарубежья, а в импорте – государств – участников СНГ. Во внешнеторговом обороте доля стран СНГ составила 55,6%, стран дальнего зарубежья 44,4%[1].

Суммарный объем экспорта в 2018 г. по сравнению с 2017 г. уменьшился на 124,7 млн. долл., а импорта увеличился на 3765,1 млн.долл. Торговое сальдо сложилось отрицательным.




*Рис.1.Динамика внешнеторгового оборота по всем группам товаров (в млн.$ США)*

Среди ведущих стран по экспорту по всем товарным группам выступают- Казахстан -свыше 27,94%, Турция-25,76 и Узбекистан-14,47%.По импорту Россия ,Китай, Казахстан.

Таблица 1.

Экспорт по основным торговым партнерам за 2017-2018 гг. [1]

| | Страны партнеры | млн. долл. США | | % | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018г. | 2017г. | 2018г. | 2017г. |
| 1 | Казахстан | 299,9 | 324,3 | 27,94 | 27,1 |
| 2 | Турция | 276,5 | 233,2 | 25,76 | 19,5 |
| 3 | Узбекистан | 155,3 | 57,1 | 14,47 | 4,8 |
| 4 | Афганистан | 72,1 | 99,6 | 6,72 | 8,3 |
| 5 | Китай | 57,1 | 35,4 | 5,32 | 3,0 |
| 6 | Россия | 55,2 | 32,1 | 5,14 | 2,7 |
| 7 | Иран | 35,2 | 30,4 | 3,28 | 2,5 |
| 8 | Нидерланды | 28,8 | 24,6 | 2,68 | 2,1 |

Для оценки состояния внешнеторговой деятельности страны можно воспользоваться такими показателями, как экспортная и импортная квота, коэффициент покрытия импорта экспортом и коэффициент международ-

ной конкурентоспособности, динамика которых за последние годы отражена на рис. 2-4

Результаты проведенных расчетов свидетельствуют, что значение экспортной квоты существенно растет с 11,34 в 2015г до 16,76 в 2017г., а вот уже в 2018г. наблюдается ее снижение до 13,75 [2].




*Рис.2. Динамика экспортной квоты*

Значение импортной квоты по всем группам товаров имеет тенденцию к снижению с 49,42 в 2015г. до 34,4% в 2018г.




*Рис.3. Динамика импортной квоты*

Коэффициент покрытия экспорта импортом имеет тенденцию к росту. Если его величина больше 1, то это характеризует уровень самообеспеченности страны.




***Рис.4. Коэффициент покрытия импорта экспортом***

К сожалению, пока страна не достигла этого уровня. Что касается коэффициента международной конкурентоспособности, то наблюдается его увеличение с - 0,584 до -0,491 по всем товарам и с -0,611 до -0,525 по агропродовольственной продукции.




***Рис.5. Коэффициент международной конкурентоспособности***

Если коэффициент международной конкурентоспособности больше 0, то такая ситуация характеризует долю чистого экспорта во внешнеторговом обороте.

Несмотря на уровень рассмотренных показателей, в стране в плане развития национальной системы селективного импортозамещения и создания основ для экспортоориентированного развития была проведена определенная работа с учетом опыта Китая в данном направлении. В частности, проведена работа по совершенствованию институциональной системы содействия экспорту. Законом Республики Таджикистан от 24.02.17 года №1392 была внесена редакция в ряд статей закона страны «Об экспортном контроле». В частности в ст.6 «Компетенция Правительства Республики Таджикистан в области экспортного контроля» данного закона добавлен пункт, в котором говориться, что правительство страны утверждает перечень контролируемых товаров, технологий и программного обеспечения по представлению уполномоченного государственного органа в сфере экспортного контроля, а также реализует и иную компетенцию в сфере контроля экспорта, предусмотренную законодательством страны.

Агентством по статистике при Президенте Республики Таджикистан, Министерством экономического развития и торговли, Национальным банком и Таможенным комитетом проводилась работа, направленная на совершенствование национальной системы статистики, с целью более адекватного отображения экспорта и импорта. В частности работа была направлена на совершенствование методологии статистики внешней торговли, внедрение методов расчета и определение индекса физического объема экспорта и импорта товаров и средних цен, а также на выявление причин расхождения цен производства и экспорта (импорта).

В итоге, Постановлением Правления Национального банка РТ от 29.11.2016г. № 148 была принята "Статистическая форма отчётности №1-ПБ "Отчёт о внешнеэкономических операциях" и Инструкция №219 "О заполнении статистической формы отчётности №1-ПБ "Отчёт о внешне-

экономических операциях". Кроме того, определен порядок представления данных по операциям счетов, связанных с внешнеэкономической деятельностью по остаткам и назначению платежа с целью составления платёжного баланса, международной инвестиционной позиции и внешнего долга страны. Отчет по форме №1-ПБ «Отчёт по внешнеэкономическим операциям» (статистический отчёт №1-ПБ) поступает в Национальный банк Таджикистана через информационный портал «Единое окно» в «on-line» и подкрепляется электронно-цифровой подписью руководителя депозитной организации или лица, уполномоченного ежемесячно, не позднее 20-го числа после отчётного периода.

В соответствии со ст. 38 ТК РТ и ст.51 Закона РТ "О нормативных правовых актах", Правительство страны Постановлением «О товарной номенклатуре внешнеэкономической деятельности» от 25.02.2017г. №92 утвердило Товарную номенклатуру внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан и признало утратившим силу Постановление Правительства РТ от 05.02.2003г., №44 "Об утверждении Соглашения об Общей товарной номенклатуре внешнеэкономической деятельности Евразийского экономического сообщества"[3]. Данное постановление было введено в действие с 1 июля 2017 года. Немаловажное значение для совершенствования институциональной среды внешнеэкономической деятельности сыграло принятие Постановления Правительства Республики Таджикистан от 08.08.2018г., №399 «О ставках ввозных таможенных пошлин». Согласно данному Постановлению:

- утверждены ставки ввозных таможенных пошлин;

- установлен режим свободной торговли и принято решение о применении нулевой ставки ввозной таможенной пошлины при ввозе товаров, происходящих из государств-членов Договора о зоне свободной торговли от 18.10.2011г.;

- установлен режим свободной торговли и применение нулевой ставки таможенной пошлины при импорте товаров из стран, с которыми под-

писаны двусторонние соглашения о свободной торговле, за исключением товаров, изымаемых из режима свободной торговли;

- введены преференции и установлена ставка ввозной таможенной пошлины в размере 50% от утвержденных ставок при ввозе товаров, происходящих из наименее развитых стран.

Были внесены изменения и дополнения в Налоговый Кодекс страны, (№1511 от 21.02.2018 года НК РТ) в частности, в статью 313, в которой отмечается, что при ввозе товаров, предназначенных непосредственно для собственных нужд вновь созданными и действующими предприятиями, занятыми полным циклом переработки хлопка-волокна в конечную продукцию (от хлопковой пряжи до хлопчатобумажных швейных изделий) (далее - вновь созданные и действующие предприятия), освобождается от таможенной пошлины и налога на добавленную стоимость.

Правительством страны по рекомендации представителя – госоргана в сфере промышленности, с согласованием с представителями Министерства финансов страны и уполномоченным госорганом, по разработанной процедуре сформировывается список вновь созданных и действующих предприятий и перечень налоговых льгот, которые могут предоставляться им на период до 12 лет. Срок отсчета начинается с 1го января года госрегистрации вновь возникающих предприятий, а что касается действующих предприятий, то со дня вступления в силу рассматриваемого закона.

Согласно закону РТ №1511 от 21.02.2018, внесен ряд правок в статью 169 НК РТ, которые определили виды ввоза, освобождающиеся от уплаты НДС: ввоз товаров, который осуществляется для исполнения инвестиционных проектов Правительства РТ в пределах средств соглашений о грантах (кредитах); ввоз техники сельхозназначения, перечень которых утверждается Правительством Республики Таджикистан; ввоз технологий, оборудований и материалов для обеспечения потребностей сферы птицеводства и (или) при ввозе товаров непосредственно для собственных нужд пти-

цеводческих предприятий и предприятий по производству комбинированных кормов для птиц и животных.

Кроме того, согласно изменениям в Налоговом Кодексе страны, установлены особенности налогообложения для вновь созданных и действующих предприятий, занятых полным циклом переработки хлопка-волокна в конечную продукцию. Правительством РТ определен перечень таких предприятий, а также налоговые льготы для них, а именно освобождение от взымания импортной пошлины и НДС. Экспорт товаров, производимых данными предприятиями, освобожден от НДС. В Налоговом кодексе Республики Таджикистан введены определенные стимулы, направленные на развитие сферы производства, определенные гарантии и льготы.

С целью устойчивого повышения экспортного потенциала страны, в стране создано Агентство по экспорту при Правительстве Республики Таджикистан (Постановление ПРТ от 06.08.2018 г., №396), разработаны положения и структура центрального аппарата, схема управления Агентства по экспорту при Правительстве Республики Таджикистан

Создан торговый портал -tajtrade.tj- по упрощению процедур торговли, который направлен на облегчение экспорта, импорта и транзита товаров и транспортных средств для всех участников внешнеторговой деятельности. На портале собрана информация о торговой системе страны и ее внешнеторговой деятельности. Он предоставляет отечественным и иностранным предпринимателям, а также другим заинтересованным лицам информацию о процедурах импорта, экспорта и транзита 39 групп товаров, которые эквивалентны 1500 наименованиям товаров и продуктов. Торговый портал Таджикистана был подготовлен Министерством экономического развития и торговли РТ совместно с Международным торговым центром (МТЦ) при финансировании Правительством Швейцарии, Конференцией ООН по торговле и развитию, Программой развития ООН и Организацией по безопасности и сотрудничеству в Европе др. партнёрами по развитию.

Таким образом, в стране активно ведется работа по разработке и совершенствованию методов и инструментов улучшению ситуации во внешнеторговой деятельности страны и развития ее экспортного потенциала. Развитие международной торговли на современном этапе осуществляется в условиях постоянной рыночной конкурентной борьбы, которая требует использования широкого арсенала инструментов по стимулированию экспорта и импортозамещения,оказывающихвлияние на деятельность различных субъектов рынка с целью повышения их конкурентоспособности на мировой арене.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Статистический сборник. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан.- Душанбе. Агентство по статистике при Президенте РТ.-2019г.
2. http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=128945
3. http://www.asia-realty.ru/co-zakon-tajikistan.php?Id=446


## МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ САВДОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ РУШДИ ИҚТИДОРИ СОДИРОТӢ


**ШАРИПОВ БАҲРОМ МАҲМУДОВИЧ,**
н.и.и. ходими илмии пешбари Институти иқтисодиёт
ва демографияи АИ ҶТ
734024, Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Айни 44,
тел.: (+992) 907-78-65-68; e-mail.: B_Sharipov@Mail.Ru,

**ХОЛИҚЗОДА АБДУХОЛИҚ САНАВБАР,**
унвонҷӯйи Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ
734024, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Айни 44,
тел.: 93-555-87-67; e-mail.: Bobojon-m@mail.ru



*Вобаста ба амалисозии ҳадафи чоруми миллӣ – индустриализатсия ва рушди саноати ватанӣ, воридоти таҷҳизот ва технологияҳои хориҷиро барои иваз намудани пойгоҳи истеҳсолии кӯҳна таъмин кардан аҳамият дорад, ки*

*барои онҳо мавҷудияти як базаи пуриқудрати асъори хориҷиро барои харидории онҳо таъмин кардан муҳим аст. Дар робита ба ин, дар мақола такмили фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иқтидори коршиносии онро яке аз роҳҳои асосии ноил гардидан ба ҳадафи чоруми миллӣ баррасӣ ва арзёбӣ менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *рушд ба содирот нигаронидашуда, ивазкунандаи воридот, содирот ва воридоти молҳо, гардиши тиҷорати хориҷӣ, назорати содирот, тавозуни пардохт, рақобатпазирӣ ва қонунҳо.*

## PROBLEMS OF FOREIGN ECONOMIC ACTIVITY IMPROVEMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF ITS EXPORT POTENTIAL DEVELOPMENT

**SHARIPOV BAHROM MAHMUDOVICH,**
Ph.D. in Economics, Leading researcher of the Institute of Economics and Demography of the Republic of Tajikistan
734024, Tajikistan, Dushanbe, Ayni ave. 44,
ph.: (+992) 907-78-65-68; e-mail.: B_Sharipov@Mail.ru

**KHOLIKZODA ABDUKHOLIK SANAVBAR,**
Applicant at the Institute of Economics and Demography, Academy of Sciences of the RT
734024, Tajikistan, Dushanbe, Ayni Ave. 44,
tel .: 93-555-87-67; e-mail.: Bobojon-m@mail.ru

*In connection with the implementation of the fourth national goal - accelerated industrialization and the development of domestic industry, it is important to ensure the import of foreign equipment and technologies to replace the outdated production base, for which it is important to ensure the availability of a powerful domestic base of foreign currency for their acquisition. In this regard, the article considers the improvement of foreign economic activity of the Republic of Tajikistan and its expert potential as one of the main ways to achieve the fourth national goal.*

***Keywords:*** *export-oriented development, import substitution, export and import of goods, foreign trade turnover, export control, balance of payments, competitiveness and laws.*

УДК: 331.2 (575.3)

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ИСЛОҲОТИ МУЗДИ МЕҲНАТИ КОРМАНДОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИИ КАСБӢ ВА ПАЖӮҲИШГОҲҲОИ СОҲАВӢ

**НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,**
сардори шуъбаи меъёрбандӣ, музди меҳнат ва сатҳи зиндагии аҳолии
Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ",
734026, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Ҳувайдуллоев 270 ,
тел. 992 (372) 250-16-73, e-mail:firdavsi.tj@mail.ru

*Дар мақола зарурати таҳия намудани нақшаи нави маоши вазифавӣ дар асоси Ҷадвали ягонаи тарифӣ барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ ба миён гузошта мешавад. Муаллиф музди меҳнати кормандони соҳаи илмро дар ду давра: даврони собиқ ИҶШС ва даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор дода, гузаронидани ислоҳотро таъкид мекунад. Яке аз сабабҳои кори илмиву омӯзгориро тарк намудани ходимони илмӣ ва муаллимон, аз ҷумла ҷавонон, дар сатҳи паст қарор доштани музди меҳнати муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошад. Роҳи ҳаллу фасли масъалаи марбути нобаробариҳо дар пардохти музди меҳнат – мавриди истифода қарор додани Ҷадвали ягонаи тарифӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмии соҳавӣ, Ҷадвали ягонаи тарифӣ, тахассус, ихтисос, музди меҳнат, маоши вазифавӣ.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз – подоши меҳнати омӯзгорон ва ходимони илм таъкид намуданд: *"Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми банақшагирӣ ва маблағгузории соҳаи маориф бартарияти таълими таҳсилоти миёнаи умумӣ, хусусан, бахши илмҳои дақиқ, ба қадри кофӣ ба назар гирифта намешавад,* [1]

Таъкиди Сарвари давлат, пеш аз ҳама, ба муносибгардонии пардохти меҳнати кормандони соҳаи таҳсилоти миёна ва илм дахл дорад ва ин бесабаб нест. Сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ музди меҳнат буда, дар раванди ташаккулёбӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатӣ яке аз проблемаҳои асосӣ дуруст муқаррар намудани андозаи маоши вазифавӣ вобаста ба ихтисос ва вазифаи ишғолнамудаи корманд маҳсуб меёбад.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] ба ҳолати 1 июли соли 2019 музди миёнаи меҳнат дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон 1335,22 сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 133,12 сомонӣ ва ё 11 дарсад зиёд шудааст (141,74 доллари амрикоӣ) ташкил медиҳад.

Дар давраи мавриди назар, музди миёнаи меҳнати аз ҳама зиёд дар соҳаҳои молия ва суғурта – 3149,9 сомонӣ, сохтмон – 2373,1 сомонӣ, неруи барқ, газ ва таъминоти об – 2065 сомонӣ буда, сатҳи пасттарини он дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ – 542,5 сомонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 886 сомонӣ, маориф – 1096,9 сомонӣ ба қайд гирифта шудааст (нигаред ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

**Маълумот оид ба музди миёнаи меҳнати кормандони соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 июли соли 2019**

| Номгӯйи соҳаҳо | Ба ҳолати 1 июли соли 2019 (сомонӣ) | Ба ҳолати 1 июли соли 2018 (сомонӣ) | Фарқ нисбат ба соли гузашта |
|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | **1335,22** | **1202,1** | **111,1** |
| Кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал | 542,5 | 503,1 | 107,8 |
| Таъмини неруи барқ, газ ва буғ | 2065,0 | 1737,0 | 118,8 |
| Сохтмон | 2373,1 | 2233,9 | 106,2 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 1919,7 | 2293,4 | 83,7 |
| Фаъолияти молиявӣ ва суғурта | 3149,9 | 3054,7 | 103,1 |
| Маориф | 1096,9 | 935,4 | 117,2 |
| Тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ | 886,0 | 782,4 | 113,2 |

Музди меҳнат ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат манбаи асосии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии корманд ва воситаи муҳимми таконбахши аъзои ҷомеа ба меҳнати сермаҳсул ва босифат мебошад. Мутаассифона, бар асари ислоҳот ва таҷрибаҳо дар раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, музди меҳнат дар аксари ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ амалан вазифаҳои такрористеҳсолкунӣ, ҳавасмандсозанда, танзимкунанда ва иҷтимоии худро аз даст дод. Он беш аз пеш нақши кумакрасонии иҷтимоиро иҷро намуда, бевосита аз соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ босуръат ҷудо мегардид.

Дар байни кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҳама музди миёнаи меҳнати пастарин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (141,74 дол.), Ҷумҳурии Ӯзбекистон (249,32 дол.) ва аз ҳама баландтарин дар Русия (527 дол.), Ҷумҳурии Қазоқистон (360,75 дол.) ташкил медиҳад ва қариб аз 3,7 то 2,5 маротиба баландтар мебошад (нигаред ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2/

**Маълумот доир ба андозаи музди**

**миёнаи меҳнат дар моҳи июли соли 2019 дар сатҳи ҷаҳон** [3]

*(қурби 1 $ дар моҳи июли соли 2019-ум 9.42 сомонӣ)* [4]

| Мақоми ишғолнамуда | Номгӯйи кишварҳо | Андозаи миёнаи музди меҳнат бо доллар |
|---|---|---|
| 1 | Швейсария | 5426,27 |
| 9 | ИМА | 2835,07 |
| 15 | Олмон | 2420,63 |
| 40 | Эстония | 909,38 |
| 43 | Чин | 888,29 |
| 55 | Латвия | 668,86 |
| 66 | Русия | 527,00 |
| 80 | Казоқистон | 360,75 |
| 82 | Белорус | 347,89 |
| 94 | Озарбоҷон | 282,9 |
| 95 | Арманистон | 265,71 |
| 96 | Гурҷистон | 264,9 |
| 99 | Ӯзбекистон | 249,32 |
| 107 | Тоҷикистон | 141,74 |

Тибқи маълумоти Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат тамоюли афзоиши музди меҳнат дар сатҳи ҷаҳон зери таъсири бухрони иқтисодии ҷаҳонӣ ақиб мондааст. Яке аз кишвари пешрафтатарин дар олам ин Швейсария мебошад, ки аз рӯйи андозаи миёнаи музди меҳнат ҷойи аввалро ишғол намудаст. Кишвари Русия дар соли 2017 аз рӯйи мақом (рейтинг) ҷойи 69-ро ишғол менамуд, ҳоло бошад, дар ҷойи 66 қарор дорад [5]. Дар радабандии музди миёнаи меҳнат аз Тоҷикистон болотар Ӯзбекистон 249,32 дол., Арманистон – 265,71 дол., Озарбоҷон 282,90 дол. истодааст.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи дуруст муқаррар намудани маоши вазифавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои таҳқиқотии соҳавӣ масъалаи мубрами рӯз мебошад.

Зарурати минбаъд такмил додани низоми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва бо кор таъмин намудани ҷавонони соҳибихтисоси салоҳиятнок аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб ва рушду равнақ ёфтани илм дар ҷомеаи имрӯзаи мо, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ дар тайёркунии мутахассисони салоҳиятнок ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии илман асоснокшуда саҳми арзанда мегузоранд.

Яке аз масъалаи рӯзмарра номутаносибӣ дар муқаррар намудани маоши вазифавии кормандони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ ба ҳисоб рафта, минбаъд бе таҷдид ва такмилдиҳии системаи музди меҳнат дар заминаи Ҷадвали ягонаи тарифӣ, танзим намудан ва ба талаботи замон мувофиқ намудани низоми пардохти меҳнат ғайриимкон мебошад.

Новобаста ба вазифа, сатҳи маълумот, тахассус, салоҳиятнокӣ, ҳаҷми корҳои иҷрошуда тафриқа дар муқаррарнамоии байни маоши вазифавӣ бояд пешбинӣ шуда бошад (нигаред ба ҷадвали 3). Масалан:

– маоши вазифавии мудирони шуъбаҳо, сардори маркази иттилоотӣ-техникӣ, муҳосиб–иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос дар як сатҳ муқаррар карда шудааст (495 сомонӣ);

– мудири шуъбаи кадрҳо 506 сомонӣ ва мудирони дигар шуъбаҳо бошанд, 495 сомонӣ (фарқ 9 сомонӣ);

– маоши вазифавии барқчӣ, корманди фарҳангӣ, челонгар, устоҳо баробари ҳайати хизматрасон (фаррош, ҳавлирӯб, боғбон) буда, як хел, ба андозаи 460 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Ҷадвали 3.

**Маоши вазифавии мутахассисони**

**муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ** *(аз 1.09.2018)*

| Вазифа | Маоши вазифавӣ |
|---|---|
| Муҳосиб, иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос | 495 |
| Хазинадор | 485 |
| Мудири шуъбаи кадрҳо | 506 |
| Мудирони шуъбаҳо | 495 |
| Мудирони бойгонӣ ва либос | 460 |
| Сарусто | 531 |
| Роҳбари тарбияи ҷисмонӣ | 531 |
| Барқчӣ, челонгар, кадбону, корманди фарҳангӣ ва ғайра | 460 |
| ***Ҳайати хизматрасон*** | |
| Фаррош | 460 |
| Ронанда | 460 |
| Ҳавлирӯб | 460 |

Тибқи муқаррароти "Маълумотномаи ягонаи тарифию тахассусии кор ва касби кормандон" ва "Таснифгари ҷумҳуриявии шуғл" ҳатто байни касбу ихтисосҳои ҳайати хизматрасон–фаррош, посбон, боғбон, ронанда дар муқарраркунии маоши вазифавӣ бояд фарқ вуҷуд дошта бошад.

Мутахассис аз уҳдаи иҷрои кори фаррош баромада метавонад, лекин фаррош аз уҳдаи иҷрои кори мутахассис баромада наметавонад. Масалан, маоши вазифавии омӯзгор ва устои таълимӣ 531 сомонӣ, муовини директор 496 сомонӣ мебошад (нигаред ба ҷадвали 4). Фаррош 460 сомонӣ мегирад, фарқ 71–36 сомониро ташкил медиҳад. Ё худ омӯзгор аз муовини директор 35 сомонӣ зиёд мегирад.

Барои дорои касби омӯзгорӣ ва устои таълимӣ гардидан, бояд донишгоҳҳои оливу таҳсилоти миёнаи касбиро хатм намуда, соҳиби диплому шаҳодатнома гардидан лозим аст. Кори соҳибихтисоси салоҳиятнокро бо меҳнати бе ихтисос баробар кардан маънӣ надорад. Муаллими маҳорату малакаи хуби касбидошта бо чунин маоши вазифавӣ кор намекунад.

Ҷадвали 4.

**Маоши вазифавии омӯзгорон ва устоҳои таълими муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ** *(аз 1.09.2018)*

| **Номгӯйи вазифаҳо** | Таҳсилоти миёнаи касбӣ | Таҳсилоти миёнаи касбӣ дараҷаи 2 | Таҳсилоти миёнаи касбӣ дараҷаи 1 | Таҳсилоти олии касбӣ | Таҳсилоти олии касбӣ дараҷаи 2 | Таҳсилоти олии касбӣ дараҷаи 1 | Таҳсилоти олии касбӣ дараҷаи олӣ | **Ба ҳисоби миёна** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Омӯзгор ва устоҳои таълими истеҳсолӣ | 531 | 568 | 598 | 626 | 694 | 729 | 823 | **653** |

Норасоии дигар дар муқаррарнамои маоши вазифавӣ мебошад. Масалан, маоши вазифавии муовини директор оид ба корҳои таълимӣ баробари сарусто, роҳбари тарбияи ҷисмонӣ, омӯзгорон, устоҳои таълимӣ муқаррар карда шудааст (ба андозаи 531 сомонӣ), нигаред ба ҷадвалҳои 4 ва 5. Мутобиқи талаботи санадҳои танзимкунандаи масъалаи меҳнат вобаста ба ихтисос, касб, сатҳи вазифаи ишғолнамуда, бояд музди меҳнат тафриқабандӣ карда шуда бошад.

Ҷадвали 5.

**Маоши вазифавии роҳбарони муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ**

| **Номгӯйи вазифаҳо** | **Бо дарназардошти теъдоди хонандагон (нафар)** | | | | | | | **Бо ҳисоби миёна** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *то 100* | *аз 100 то 280* | *аз 281 то 400* | *аз 401 то 880* | *аз 881 то 1600* | *аз 1600 то 2500* | *зиёда аз 2500* | |
| Директор | 598 | 626 | 660 | 729 | 793 | 895 | 985 | **755** |
| Муовини директор оид ба корҳои таълим ва тарбия | 531 | 563 | 598 | 660 | 729 | 793 | 874 | **678** |
| Муовини директор | 496 | 531 | 563 | 626 | 660 | 760 | 836 | **639** |

Барои таҳия ва ҷорӣ намудани технологияи замонавӣ, норасоии мутахассисони салоҳиятнок дар бозори дохилии кишвар аз ҷониби корфармоён ба назар мерасад. Мавҷуд будани теъдоди зиёди ҷойҳои кории холӣ дар Тоҷикистон, натиҷаи паст будани андозаи музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷавӣ мебошад.

Мутаассифона, дар шароити имрӯза мушоҳида карда мешавад, ки аз сабаби кам будани андозаи музди меҳнат аксари мутахассисони салоҳиятнок, хусусан олимон, омӯзгорон, мутахассисони соҳаи тиб, барои дарёфти кори дорои музди меҳнати баланд ба хориҷи кишвар мераванд. Дар давлати Русия бо ҷойи кор, хона таъмин гардида, шаҳрвандии Русияро қабул намуда истодаанд, ки ин боиси нарасидани мутахассисони салоҳиятнок дар соҳаҳои тиббу омӯзгорӣ гардидааст.

Яке аз масъалаи мубрами рӯз ҷалби олимони ҷавон ба кори пажӯҳишгоҳҳои илмиву таҳқиқотӣ мебошад. Аз сабаби паст будани андозаи маоши вазифавӣ ва тафриқаи музди меҳнати байни кормандони пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ, садди роҳи ба корҳои илмӣ ҷалб намудани мутахассисони ҷавону лаёқатманд ва олимони соҳибтаҷриба гардида, ба сатҳ ва сифати корҳои илмию методӣ таъсири манфӣ расонида истодааст.

Айни замон андозаи маоши миёнаи вазифавии кормандони Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 716 сомониро ташкил медиҳад. Маоши вазифавии ходими хурди илмии пажӯҳишгоҳ 495 сомонӣ ва ҳайати хизматрасон (фаррош, посбон) 460 сомонӣ муқаррар карда шудааст. Новобаста ба сатҳи маълумот, тахассус, ҳаҷми корҳои иҷрошуда, тафриқа байни маоши вазифавии ҳайати хизматрасон (фаррош) ва ходими хурди илмӣ ба назар намерасад. Чунин фарқ – маоши вазифавӣ дар басти вазифавии тасдиқшудаи Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи давлатии ғизои Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи меҳнат,

муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд нест.

Ҷадвали 6.

**Маоши вазифавии кормандони пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ** *(аз 1.09.2018)*

| **Номгӯйи вазифаҳо** | **Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ** | **Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон** | **Пажӯҳишгоҳи давлатии ғизои** |
|---|---|---|---|
| Директор | 1311 | 1168 | 1311 |
| Муовини аввали дир. | 992 | 1133 | 1133 |
| Муовини директор | 816 | 990 | 0 |
| Сармуҳосиб | 992 | 990 | 990 |
| Мудири шӯъба | 992 | - | 990 |
| Ходими калони илмӣ | 745 | 637 | 742 |
| Ходими хурди илмӣ | 495 | 460 | - |
| Нозири калони кадрҳо | 569 | - | 531 |
| ***Ҳайати хизматрасон*** | | | |
| Фаррош | 460 | 460 | 603,75 |
| Ронанда | 460 | 460 | 818,8 |

Айни ҳол фарқ байни маоши вазифавии ходимони хурди илмӣ, нозири кадрҳо, мудири хоҷагӣ ва ҳайати хизматрасон дида намешавад, ки ин иқдом беадолатии иҷтимоиро дар муқарраркунии маоши вазифавӣ ба миён меорад. Сатҳи пасти музди меҳнат ва номутаносибӣ дар байни

маошҳои вазифавии кормандони илмӣ ва ҳайати хизматрасон, ба сифати корҳои илмию омӯзгорӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҷадвали 7.

**Ҷадвали муқоисавии музди миёнаи меҳнати замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соли 1985** [6] **ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018** [7]

| **Номгӯйи соҳаҳо** | Андозаи музди миёнаи меҳнати Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1985 (бо рубл) | Андозаи музди миёнаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | 190 | 1237,47 |
| Кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал | 183,20 | 503,91 |
| Саноат | 210,60 | 1943,6 |
| Сохтмон | 236,60 | 2338,31 |
| Маориф | 150 | 940,51 |
| Илм ва хизматрасонии илмӣ | 202,40 | 1268,26 |
| Тандурустӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ | 132,80 | 829,13 |

Масалан, дар соли 1988 музди меҳнати ходими хурди илмии Пажӯҳишгоҳи физикаи Сибири Академияи илмҳои Шӯравӣ [8] 120 рубл ва дар соли 2019 музди меҳнати ходими хурди илмии Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 495 сомониро ташкил медиҳад. Қобилияти харидории музди меҳнати ходимони илмии ду давраро муқоиса мекунем:

***а) нархи маводи озуқаворӣ дар давраи ИҶШС (1985)*** [9]***:***

– гӯшт (як кило) – ,89 рубл - (120 рубл / 1,89 рубл = 63 килло гӯшт);

– орд – 0,35 р. – (120 / 0,35 = 343 кил.);

– шакар – 0,86 р. - (120 / 0,86 = 140 кил.);

– тухм (як дона) – 0,10 р. - (120 / 0,10 = 1200 дона);

– равғани рустанӣ (як литр) – 1,57 р. (120 / 1,57 = 76 литр).

***б) нархи маводи номбурда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли2019[4]:***

– гӯшт (як – кило) – 50 сомонӣ – (495 сомонӣ / 50 сомонӣ = 9,9 кил. “фарқ нисбати давраи ИҶШС – 53,1 кило камтар”);

–орд – 3,7 с. – (495 / 3,7 = 138 кил. “209 кило камтар”);

– шакар – 7 с. - (495 / 7 = 71 кил. “69 кило камтар”);

– тухм (як дона) – 0,90 с. - (495 / 0,90 = 550 дона “650 дона камтар”);

– равғани рустанӣ (як литр) – 12с. - (495 / 12 = 41,25 литр “35 литр камтар”).

Арзиши ҳамаи навъҳои хизматрасонии коммуналӣ дар давраи ИҶШС барои як оила, ки ҳайати он аз 4 нафар иборат аст ва масоҳати хонаи 3 ҳуҷрагӣ 65 метри мураббаъро ташкил менамуд, маблағи ҳаққи пардохт бо ҳисоби миёна ҳамагӣ 18 рубл мешуд ё худ 15 дарсади музди меҳнати ходими илмиро дар соли 1985 ташкил медод. Фақат арзиши хизматрасонии оби хунукро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб мекунем (барои як оила – “4 нафар” 8,40 с. х 4 н.) он 33,60 сомониро ташкил медиҳад ё худ ба 6,8 дарсади музди меҳнати ходими илмии имрӯза баробар мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамасола арзиши меъёри хизматрасонии коммуналӣ дар Тоҷикистон зиёд мегардад. Масалан:

– дар соли 2016 нархи 1 метри мукааб об 0,62 сомониро ташкил медод, дар соли 2018 бошад 1,34 сомонӣ ва аз 1 январи соли 2019 -ум 2,66 сомонӣ муқаррар карда шуд [11] (нархи оби гарм низ 100 фоиз баланд гардид);

– нархи 1 киловатт–соат неруи қувваи барқ дар соли 2018-ум 19,37 дирам ташкил медод, аз 1 сентябри соли ҷорӣ 22,66 дирам муқаррар карда шудааст [12].

Арзиши ҳадди ақали сабади истеъмолӣ ба ҳолати 1 июли соли 2019 ба як нафар шаҳрванд (барои ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ - нафақагирон, аҳолии қобили меҳнат ва кӯдакон) 635 сомонӣ ё худ бо асъори хориҷӣ 67 доллари амрикоиро ташкил медиҳад [13].

Бо дарназардошти вазъи мавчуда, зарурати таҳия намудани нақшаи нави маоши вазифавӣ дар асоси Ҷадвали ягонаи тарифӣ барои кормандони пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба миён омадааст. Минбаъд дар заминаи он таҳия намудани нақшаи нави маоши вазифавӣ барои соҳаи маориф (*муассисаҳои томактабӣ, мактабӣ, литсей, гимназия, донишгоҳҳои олӣ ва таълими калонсолон*) низ мумкин мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори "Рӯзи дониш 1.09.2019 сол" (http://president.tj/node/).

2. Вазъи иктисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ-июли соли 2019, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳифаи 85.

3. Таблица с данными о размере средней заработной платы в мире на июль 2019 года (**https://bcb.su/srednyaya-zarplaty-v-mire.htm)**.

4. Бонки милли Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи июли соли 2019, (**https://nbt.tj).**

5. Таблица с данными о размере средней заработной платы в мире на июль 2019 года (**https://bcb.su/srednyaya-zarplaty-v-mire.htm)**.

6. Среднемесячная денежная зарплата рабочих и служащих СССР (рублей) **https://yndex.ru .**

**7.** Вазъи иқтисодиву ичтимоии Ҷумҳурии Точикистон, январ–июли соли 2019, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Моя жизнь в СССР про зарплаты и общий уровень жизни, https://torin-kr.livejournal.com/453312.html.

9. Цены на продукты питания в ССР 1970 - 90 г. г., https://burckina-faso.livejournal.com.

10. Нархи орд дар Тоҷикистон боз боло рафт. Боди қиматӣ аз куҷо мевазад? https://www.ozodi.org/a/30146464.html.

11. Нархи об дар Душанбе / Пойтахти Точикистон 2018с. боло меравад http://komron.info/crp/NarhiobdarDusanbePojtahtiTocikistonsbolomeravad_crp/.

12. Нархи тарофаи барқ боло меравад, https://sputnik-tj.com/Tajikistan /20190711/ 1029380087 narkh-tarofa-bark-tojikiston-bolo-meravad.html;

13. Вазъи иктисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-июл соли 2019, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳифаи 62.

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РЕФОРМИРОВАНИЯ ЗАРАБОТНОЙ ПЛАТЫ РАБОТНИКОВ УЧРЕЖДЕНИЙ НАЧАЛЬНОГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ОТРАСЛЕВЫХ ИНСТИТУТОВ

**НАСРИДДИНОВ ФИРДАВС ИНОЯТОВИЧ,**
заведующий отделом нормирования оплаты труда и уровня жизни населения Государственного учреждения «Научно-исследовательский институт труда, миграции и занятости населения»,
734026, Таджикистан, г.Душанбе, улица Н.Хувайдуллоева, 270[а] ,
тел. 992 (372) 250-16-73, e-mail:firdavsi.tj@mail.ru

*В статье рассматривается необходимость разработки Единой тарифной сетки для работников отраслевых институтов и учреждений начального профессионального образования. Автором проанализирована заработная плата работников научной сферы двух периодов: бывшего СССР и периода независимости республики, в связи с чем им подчеркивается необходимость проведения реформирования в данной системе. Одной из основных причин ухода научных сотрудников и учителей, в том числе молодых учёных, является низкая заработная плата работников научных исследовательских институтов и учреждений начального профессионльного образования. Для решения данной проблемы и ликвидации диспропорции в выплате заработной платы необходимо использовать Единую тарифную сетку.*

***Ключевые слова:*** *учреждения начального профессионального образования, отраслевые институты, Единая тарифная сетка, квалификация, специальность, заработная плата, должностной оклад*

## SOME ISSUES OF WAGE REFORM OF EMPLOYEES OF PRIMARY VOCATIONAL EDUCATION INSTITUTIONS AND INDUSTRY INSTITUTES

**NASRIDDINOV FIRDAVS INOYATOVICH,**
Head of the Department of rationing of remuneration and living standards of the population, Scientific Research Institute of labor, migration and employment,
734026, Tajikistan, Dushanbe, N.Huvaidulloev - 270[a] ,
tel.: 992 (372) 250-16-73, e-mail: firdavsi.tj@mail.ru

*The article discusses the need to develop a Unified tariff grid for employees of industry institutes and primary vocational education institutions. The author analyzes the salaries of employees of the scientific sphere of two periods: the former USSR and the period of independence of the Republic, in connection with which he emphasizes the need for reform in this system. One of the main reasons for the departure of researchers and teachers, including young scientists, is the low salary of employees of scientific research institutes and primary vocational education institutions. To solve this problem and eliminate the imbalance in the payment of wages, it is necessary to use the Unified tariff scale.*

***Keywords:*** *primary vocational education institutions, industry institutes, Unified tariff scale, qualification, specialty, salary, official salary*

УДК: 336.1

## БАЛАНД БАРДОШТАНИ САРМОЯГУЗОРИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

**ҚУДРАТОВА ФАРЗОНА РУСТАМОВНА,**
апиранти Институти иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишовазии Ҷумҳурии Тоҷикистон
734020, Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳаёти Нав 306,
тел.: 907-02-20-00; e-mail: farzona070489@.ru

*Дар мақола самтҳои асосии баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ баррасӣ шудаанд. Равандҳои сармоягузорӣ бо дар назардошти хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ таҳлил шудаанд. Тағйирёбии уҳдадориҳои муҳлатгузаштаи корхонаҳо, ба зиёдшавии қарзҳо афзоиши даромаднокии соҳаҳо ва ҳам миқдори корхонаҳои даромаднок таъсир мерасонад ва ҳам ба ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Дар натиҷаи таҳлил, зарурати сармоягузорӣ ва имкони ҷудокунии онҳо ба корхонаҳои мушаххаси кишоварзӣ, соҳа, минтақа, инчунин ҳаҷми сармоягузории лозимаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кардан мумкин аст. Ҳамчун нишондиҳандае, ки хавфи иқтисодиро муайян мекунад, мо фарсоиши воситаҳои асосии истеҳсолиро интихоб кардем.*

***Калидвожаҳо:*** *сармогузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, рейтинги сармоягузорӣ, ҷолибияти молиявӣ, қарз ва молҳои сармоягузорӣ.*

Вазъи иқтисодиву сиёсии кишвар ба фаъолияти устувори соҳаи кишоварзӣ вобаста аст ва ин аҳамияти сатратегӣ доштани онро собит мекунад. Имруз барои касе пушида нест, ки рушди устувори соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии иқтисод ба сармоягузорӣ эҳтиёҷ дорад. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти рақобатпазири кишоварзӣ бе рушди дахлдори пойгоҳи моддию техникӣ, густариши иқтидори истеҳсолӣ ва афзудани ҳаҷми фондҳои асосии кишоварзӣ, ки аз ҳисоби маблағгузории иловагии воситаҳои пулӣ ва моддӣ, яъне сармоягузорӣ амалӣ мешаванд, имконнопазир мебошад [1].

Бинобар ин ҷонноксозии фаъолияти сармоягузорӣ омили муайянкунадаи рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад. Барои ин на танҳо ислоҳоти ниҳодӣ, ҷалби воситаҳои азими моддӣ ва пулӣ ба соҳаи кишоварзӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятнок, балки истифодаи

самараноки сармоягузорӣ лозим мебошад. Ҳамаи соҳаҳои кишоварзӣ, чӣ пахтакорӣ, боғдорӣ ва токпарварӣ ва чӣ рушди иҷтимоии деҳот, ба сармоягузорӣ ниёз доранд. Бинобар ин фароҳам сохтани шароит баҳри ҷалби сармоя ба соҳаикишоварзӣ самти муҳими сиёсати кишовари давлат ба шумор меравад.

Равандҳои сармоягузорӣ дар кишоварзӣ тобеи қонунҳои умумии иқтисодӣ мебошанд, вале бо назардошти хусусиятҳои бизнеси кишоварзӣ зоҳир мешаванд. Хусусиятҳои соҳаи кишоварзӣ ба фарқ аз соҳаҳои саноат таҳлили баҳисобгирии ҳамаҷонибаро ҳангоми ташаккули пойгоҳи моддию техникӣ ва сиёсати сармоягузории соҳа металабанд. Тақозои соҳаи кишоварзӣ ба сармоягузорӣ, норасоии он зарурати истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои сармоягузориро ба миён меоранд [2].

Таҳлили маълумоти омори кишоварзии Тоҷикистон вобастагии зичи суръати рушди истеҳсоли маҷмӯи маҳсулот бо ҳаҷми сармоягузориро нишон медиҳад. Масалан, солҳои 2010-2017 маҷмӯи маҳсулот ба 3,6%, сармоягузорӣ ба 7% зиёд шуд. Аз ин хулоса метавон кард, ки бе афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ соҳаи кишоварзиро аз буҳрон раҳо кардан мумкин нест.

Ба сармоягузорони имконпазири берунӣ соҳибони сармояи хусусии соҳибкории саноатӣ ва молӣ, фондҳои давлатии сармоягузории сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро мансуб донистан мумкин аст. Яке аз ифодагарони асосии сармоягузорон дар ин ҳамкориҳо аҳолии минтақаҳост, ки маҳсулоти кишоварзиро истеҳсолу истеъмол мекунад [3].

Сармоягузорӣ аз рӯйи навъҳои фаъолият соли 2017 дар ҷадвал оварда шуданд. Маълумоти ҷадвал нобаробарии тақсими сармоягузоиро дар минтақаҳо нишон медиҳанд, ки алалхусус, дар сармоягузорӣ ба зерсохтору хоҷагии пойтахт равшантар намоён аст. Аз вилоятҳо аз ҷиҳати истифодаи сармоягузорӣ вилояти Суғд пешрафт аст, ки ин бештар бо оғози фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҳудуди ин вилоят вобастагӣ дорад.

Ҷадвали 1.

**Маълумот дар бораи сармоягузорӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017**

| Минтақаҳо | Ҷамъ дар оғози с. 2017 | | | Сармоягузошташуд дар с. 2017 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сармоягузориимустақим | Сармоягузориичузъдонӣ | Сармоягузории-дигар | Сармоягузориимустақим | Сармоягузориичузъдонӣ | Сармоягузории-дигар |
| **Ҳамагӣ:** | 354495,2 | 500000,0 | 245940,9 | 3583710,8 | 576141,9 | 2048409,0 |
| ВМКБ | 15827,3 | - | - | 114810,0 | - | 26910,4 |
| Вилояти Суғд | 198935,8 | - | 73830,2 | 813664,4 | 879,6 | 211781,1 |
| Вилояти Хатлон | 29358,7 | - | 30082,0 | 1425530,0 | - | 167240,8 |
| ш.Душанбе | 93569,5 | 500000,0 | 142028,7 | 764800,6 | 575262,3 | 1630486,2 |
| НТҶ | 16803,9 | - | - | 464905,8 | - | 11990,5 |

Манбаъ: ҳисоби муаллиф аз рӯйи Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии ҶумҳурииТоҷикистон. Маҷмӯаи омор, соли 2018. саҳ.258.

Ҳамин тариқ, аз маълумоти пешакии Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми ками сармоягузорӣ ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ асосан аз ширкатҳои тиҷоратӣ ва калони саноатӣ гирифташуда, бештар ба сохтмон ё густариши корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ равон шудаанд.

Самти дигари шоистаи таваҷҷуҳи ҷалби сармоягузорӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ имконияти ташкили қарздиҳӣ бо гарави фондҳои асосӣ ва ҳосил аст, ки чун қоида, арзишашон аз нархи бозории замин баландтар мебошад. Баҳодиҳии самаранокӣ ва мувофиқати ин самт барои пешгирӣ кардани эҳтмолияти муфлисшавии корхонаҳои кишоварзӣ ва афзоиши фоидаи он дар сурати истифода қарз имкон медиҳад. Ҳамчунин андозаи муносиби воситаҳои ҷалбшаванда барои гуруҳҳои корхонаҳои кишоварзӣ бо шароити муайяни табиию иқлимии хоҷагидорӣ бо таҳияи пешакии механизми муносибсозӣ муайян карда мешавад.

Ҷадвали 2.

**Ҳаҷми сармоягузорӣ ба самтҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соли 2017**

| **Соҳаҳо** | **Ҷамъ дар оғози с. 2017** | | | **Сармоягузошташуд дар с. 2017** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Сармоягузории мустақим** | **Сармоягузории ҷузъдонӣ** | **Сармоягузории мустақим** | **Сармоягузории ҷузъдонӣ** | **Сармоягузории мустақим** | **Сармоягузории ҷузъдонӣ** |
| Истеҳсолимаҳсулотих уроквории | - | - | - | 1060,6 | - | - |
| Коркард ва консервакунонӣ мева ва сабзавот | 270,2 | - | - | 5123,8 | - | - |
| Истеҳсоли орд | - | - | - | 12152,0 | - | - |
| Истеҳсоли нушокиҳои беспирт, оби маъдан | 3250,0 | - | 3124,9 | 47073,1 | - | 63040,2 |
| Истеҳсоли семент | 16735,5 | - | - | 189183,2 | - | - |
| Истеҳсоли масолеҳи дигари сохтмонӣ. | 3718,5 | - | - | 13652,7 | - | - |
| Истеҳсоли хишти сохтмонӣ ва сафоли бомпушӣ | 5811,5 | - | - | 190552,9 | - | - |
| Истеҳсоли алюминий ва гилхок | 913,6 | - | - | 45869,7 | - | - |
| Истеҳсоли неруи барқ дар НОБ | - | - | - | 923827,5 | - | 8572,0 |
| Сохтмон | - | - | 78,8 | 5139,8 | - | 8261,7 |
| Сохтмони иншооти об | 16,6 | - | - | 16,6 | - | - |
| Алоқа | 64473,8 | - | 11800,0 | 121328,3 | - | 105474,8 |
| **Ҳамагӣ** | | | | | | |

***Манбаъ: ҳисоби муаллиф аз рӯйи:** Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 2018. саҳ. 232-254.

Дар мақола дар рафти омузиши ин муаммо сабабу заминаҳои объективӣ ва омилҳои асосие, ки барои ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзии Тоҷикистон монеъа эҷод мекунанд, муайян гардиданд. Ба сабабҳои асосии, ки фаъолияти сармоягузориро маҳдуд мекунанд, бесуботии рушди иқтисодӣ, оқибатҳои бухрони молиявии ҷаҳон, таваррум, сатҳи пасти сохтори органики сармояи соҳа дохил мешаванд.

Рушди иқтисодӣ дар кишвар бо рушди шумораи маҳдуди соҳаҳои мутаваҷҷеҳи бозори берунӣ, ки бесубот мебошад, алоқаманд аст. Ба ин васила ҷоннокшавии фаъолияти сармоягузорӣ танҳо дар соҳаҳои алоҳида мушоҳида карда мешавад, дар ҳоле ки соҳаҳои дигар роҳҳои пойдор монданро меҷӯянд.

Сармоягузории хориҷӣ ба дороии асосӣ, бо вуҷуди афзоиши ҳарсола, ҳаҷман хурд мебошанд. Мақсади сармоягузорони хориҷӣ ба даст овардани даромади тиҷоратӣ ва назорат кардани бозори ватании маҳсулотҳои алоҳида мебошад, бинобар ин, ҳиссаи онҳо дар савдо, хариду фурӯши ашёи хом, вақтҳои охир дар бахши бонкдорӣ баландтар аст.

Дар бораи аҳволи иқтисодиёти кишоварзӣ аз рӯйи хосияти равандҳои соҳаи сармоягузорӣ бо боварии комил қазоват кардан мумкин аст. Он индикаторест, ки аҳволи умумии дохили соҳа, саҳми он дар иқтисоди миллӣ, ҷолибияти он барои сармоягузорӣ– маблағгузории молиявӣ ва моддиро нишон медиҳад [4].

Имрӯз сармоягузориҳои молиявӣ, қарзӣ, молӣ ва лизингиро ба ҷое равон бояд кард, ки самараи зудтару бештар аз онҳо ба даст ояд. Албатта, дар шароити рақобати шадид дар бозори сармоягузорӣ дар миёни минтақа ва соҳаҳо ғолиб он мешавад, ки ҳаҷми кофии сармояро бо самараи бештарини истифодабарӣ ҷалб карда тавонад. Вазифаҳои мақомоти маҳалли минтақавии ҳокимият, мақомоти хоҷагидорӣ дуруст муайян кардани самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ, ба самтҳои инноватсионию технологӣ равон кардани онҳо ва зимнан моҳирона истифода бурдани фишангҳои иқтисодӣ ва андозӣ мебошад. Ҷустуҷӯи сармоягузорӣ кори душвораст, вале таъмини истифодаи самараноки он аз ин душвортар аст. Саҳми соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар ҷалби захираҳои сармоягузории хориҷӣ ҳамагӣ 0,06% аст. Сохтори захираҳои ба соҳа ҷалбшавандаҳам беҳбудро металабад.

Ҷадвали 3.

**Маълумот дар бораи сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*(миллион доллари амрикоӣ)*

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Сармоягузорӣ ҳамагӣ** Ҷамъ дар оғози соли ҳисоботӣ, млн. доллар | 2 637,1 | 3 385,4 | 4 11,7 | 4 715,8 | 5 056,3 | 5 063,8 | 5 665,4 |
| Дар як сол воридшуд, млн. доллар Аз ҷумла | 325,5 | 746,4 | 1011,9 | 909,3 | 977,8 | 842,7 | 1100,4 |
| Ҷамъи сармоягузории мустақим дар оғози соли ҳисоботӣ, млн. доллар | 1566,7 | 1755,2 | 2291,4 | 2580,2 | 2785,5 | 3245,7 | 3584,8 |
| Дар як сол воридшуд, млн доллар | 161,4 | 391,4 | 341,1 | 377,4 | 470,9 | 434,2 | 354,5 |
| Пардохтҳо ба сармояи оинномавӣ ҷамъ дар оғози соли ҳисоботӣ, млн. доллар | 1374,5 | 1458,2 | 1585,1 | 1792,1 | 1878,0 | 2222,3 | 2156,7 |
| Дар як сол воридшуд, млн доллар | 77,0 | 112,7 | 159,3 | 195,8 | 257,2 | 279,2 | 46,0 |

Манбаъ: ҳисоби муаллиф аз рӯйи "Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2018, саҳ. 230.

Чӣ тавре аз ҷадвал дида мешавад, солҳои 2011–2017 ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ беш аз 2,1 маротиба афзуда,

соли 2017-ум ба 5665,4 млн доллари ИМА расид, вале соли 2009 дар натиҷаи таъсири оқибатҳои буҳрони молиявии ҷаҳон воридоти сармоягузории мустақими хориҷӣ кам шуда, 160,0 млн. доллари амрикоиро ташкил дод.

Дар ҳамин ҳол дар сохтори активҳои корхонаҳои кишоварзӣ чун пештар беш аз 60% ба сармояи худӣ рост меояд. Вале ҳиссаи он дар солҳои 2010-2017 батадриҷ коҳиш меёбад. Сатҳи мустақилии молиявии корхонаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 70% то ба 60% паст шуда, зимнан агар камшавии ҳиссаи сармояи худӣ дар иқтисод ба 65,0% аз ҳисоби воридоти қарзҳо ва ба 32,0% аз ҳисоби афзоиши қарзи кредиторӣ ҷуброншуда бошад, дар кишоварзӣ 65%-и афзоиши сармояи қарзӣ бо қарзҳои муҳлатгузашта ва танҳо 35% бо кредитҳо алоқаманд аст.

Ба ғайр аз ин, сифати қарздории кредиторӣ аҳамияти калон дорад. Дар иқтисодиёт ҳиссаи қарзи кредитории муҳлатгузашта дар активҳо дар давраи мазкур аз 15,0% то ба 90% коҳиш ёфт, яъне афзоиши воқеии қарзи кредиторӣ дар активҳо 2,1 фоизро бо дар назардошти беҳшавии сохтори он ташкил дод. Дар соҳаи кишоварзӣ вазни хоси қарзи муҳлатгузашта дар активҳо аз 18% то 24% афзоишёфт.

Ба ибораи дигар, зиёда аз нисфи ӯҳдадории корхонаҳои кишоварзиро ба маблағгузории нав, балки ӯҳдадориҳои қаблан қабул карда ташкил доданд. Ҳиссаи ками қарзҳои муҳлатгузашта дар активҳо ва музди дучанд зиёди меҳнат дар соҳа, новобаста ба даромаднокии паст, ба он имкон медиҳанд, ки дар раддабандии сармоягузорӣ ҷои баландтар аз кишоварзиро ишғол кунад.

Солҳои 2007-2017 вазъият тағйир ёфта, ин дар афзоиши нишондиҳандаи интегралии ҷолибияти сармоягузории кишоварзӣ зоҳир мегардад. Дар натиҷаи афзудани даромаднокии сармоя ва татбиқи барномаҳои солимсозии молиявӣ ҳиссаи қарзи муҳлатгузаштаи кредиторӣ дар активҳои корхонаҳои кишоварзӣ рӯ ба коҳишёбӣ ниҳод. Афзоиши мустақилияти молиявии корхонаҳо ба 1%, боиси ба 0,34% кам шудани ҳиссаи кредитҳо мегардад.

Ҷадвали 4.

**Ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои асосии фаъолияти иқтисодии ҶумҳурииТоҷикистон дар соли 2007–2017**

| | Навъҳои фаъолият | Нишондиҳандаи интегралӣ | | Рейтинг | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2007 | 2017 | 2007 | 2017 |
| 1 | Истихроҷи канданиҳои фоиданок | 5,0 | 5,5 | 2 | 2 |
| 2 | Саноати коркард | 0,5 | 0,0 | 9 | 9 |
| 3 | Истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ | 2,4 | 2,8 | 5 | 5 |
| 4 | Кишоварзӣ | 0,5 | 0,3 | 8 | 8 |
| 5 | Сохтмон | 5,5 | 5,9 | 1 | 1 |
| 6 | Савдои яклухт ва чакана | 2,2 | 2,5 | 6 | 6 |
| 7 | Нақлиёт ва алоқа | 1,0 | 1,3 | 7 | 7 |
| 8 | Алоқа | 5,5 | 4,5 | 3 | 4 |
| 9 | Фаъолияти молиявӣ | 4,0 | 5,3 | 4 | 3 |

**Манбаъ:** ҳисоби муаллиф бо дарназардошти шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2017 он 11,7%, ё 60%-и сатҳи соли 2003-юмро ташкил дод, аммо дар тамоми иқтисодиёт суръати пардохтани қарзҳо баландтар аст. Камшавии қарзҳои ҷории пардохткарда бо авзоиши қарздиҳӣ ҷуброн карда шуд. Натиҷаҳои ҳисоб вобастагии баръакси ҳиссаи кредитҳоро дар маҷмӯи қарз бо тағйири вазни хоси сармояи худӣ дар сохтори сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ нишон медиҳанд.

Дар баробари ин, таҳлили сохтори амволу уҳдадории корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар солҳои 2010–2017 нишон медиҳад, ки бино бар норасоии қарзҳои дарозмуддат активҳои ғайригардон асосан аз ҳисоби воситаҳои худӣ маблағгузорӣ мешаванд. Аз ин рӯ, ҳиссаи сармояи худӣ дар сохтори сарчашмаҳои муассисот тақрибан баробари ҳиссаи активҳои ғайригардон мебошад.

Дар қатори тағйирёбии уҳдадориҳои муҳлатгузаштаи корхонаҳо, ба зиёдшавии қарзҳо афзоиши даромаднокии соҳаҳо ва ҳам миқдори корхонаҳои даромаднок таъсир мерасонад. Дар маҷмӯъ ин ду омил дар шароити баробар ҳиссаи қарзҳоро ба 0,6% зиёд карда метавонанд. Ба ғайр аз ин, таҳлил нишон дод, ки қарзҳои муҳлатгузашта инчунин аз ҳисоби воситаҳои худӣ дар натиҷаи пешбурди хоҷагидории даромаднок пардохта

мешаванд, зеро қарзи напардохтаи давраҳои пешин зиён аст, ки пардохтани он аз ҳисоби кредит дар шароити даромаднокии паст ё зиён маънӣ надорад.

Ба ин васила, даромаднокии сармоя омили муҳими афзоиши сармоягузории худӣ ва қарзӣ мебошад. Сатҳи баланди даромаднокӣ ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки ҳаҷми лозимаи сармояро новобаста ба арзиши бозории он ҷалб намоянд.

Ҳамин тариқ, дар хулосаи мақола қайд кардан лозим аст, ки самтҳои афзалиятноки ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ бояд бо самтҳои сиёсати сохторӣ, сармоягузорӣ ва иқтисодии берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии узвӣ дошта бошанд. Ин самтҳо:–ташкил кардани истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои муштараки мудофиа; ҷорӣ кардани технологияҳои нави пурсамар дар кишоварзӣ ва соҳаҳои дигари КАС; рушди зерсохтори соҳибкорӣ, аз ҷумла зерсохтори содироти маҳсулоти коркардшуда; истифодаи саноатии таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ ва коркардҳои озмоишию созандагии олимони кишвар, дар комплекси агросаноатӣ.

## АДАБИЁТ


1. Кандиёрова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология практика: монография //Д,ОКандиёрова – Душанбе, 2006- 179 с.
2. Кудратов Р.Р Инвестиция – основа повышения эффективности сельскохозяйственного производства. // Р.Р Кудратов Душанбе, Статус, 2005. –С-138.
3. Мадаминов А.А и др. Микрофинансирование сельских товаропроизво-дителей основа устойчивого развития аграрного сектора// А.А МадаминовКишоварз, ТАУ, 2004, № 4. 71с.
4. Маркс К., Сборник. Соч. – 2-ое изд. // К. Маркс, Энгельс Ф. Капитал. - М.: Политическая литература, 1978. Т. 24. 556 с.
5. Пиризода Дж. С. Совершенствование размещения сельскохозяйственного производства в новых условиях хозяйствования // Дж. С. Пиризода Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. Душанбе, 2002, №5-6. – С.137.
6. Сергеев И.В., Организация и финансирование инвестиций: И.В. Сергеев Учеб. Пособие. // И.В., Сергеев И.И., Веретенникова, –М.: Финансы и статистика, 2000.– 172 с.

# УВЕЛИЧЕНИЕ ИНВЕСТИЦИЙ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЕ ПРОИЗВОДСТВО

**КУДРАТОВА ФАРЗОНА РУСТАМОВНА,**
аспирантка Института экономики сельского хозяйства АСХН Республики Таджикистан,
734020, Таджикистан, Душанбе, ул. Хаёти Нав 306,
тел.: 907-02-20-00; e-mail: farzona070489@.ru

*В статье рассмотрены основные направления инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве республики. Исследованы современные тенденции инвестиционной деятельности в сельском хозяйстве переходного периода. Дан подробный анализ привлечения иностранных инвестиций в сельское хозяйство республики. В зависимости от уровня инвестиционного потенциала все предприятия отрасли можно разделить на группы, исходя из суммы баллов, т.е. суммарной оценки их инвестиционного потенциала, со средним уровнем, умеренным и с низким уровнем инвестиционного потенциала. Второй составляющей инвестиционной привлекательности предприятия является уровень его инвестиционного риска, который состоит из двух частных рисков – экономического и финансового. В качестве показателя, определяющего экономический риск, мы выбрали износ основных производительных фондов.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, инвестиционная деятельность, инвестиционная привлекательность, рейтинг инвестиционной привлекательности, финансовые, кредитные и товарные инвестиции.*

# INCREASE OF INVESTMENTS IN AGRICULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**KUDRATOVA FARZONA RUSTAMOVNA,**
post graduate student of the Institute of Economics of Agriculture, TAAS,
734020, Tajikistan, Dushanbe, 306 Khayoti Nav Str.,
tel: 907022000, e-mail: farzona070489@.ru

*In this article the theoretical aspects of investment and investment activity in the agrarian sector of the Republic of Tajikistan are considered. A detailed analysis of the process of attracting foreign investment in agriculture of the republic is given. Depending on the level of investment potential, all enterprises in the industry can be divided into groups based on the sum of points, i.e. the total assessment of their investment potential, with an average level, moderate and low level of investment potential. The second component of the investment attractiveness of the enterprise is the level of its investment risk, which consists of two private risks - economic and financial. As an indicator of economic risk, we chose depreciation of fixed assets.*

***Key words:*** *investments, investment activity, investment attractiveness, investment attractiveness rating, financial, credit and commodity investments.*

**УДК: 37.011+001.4**

# МАОРИФ ҲАМЧУН АРЗИШ: МАФҲУМ, ВАЗИФАҲО ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ОН

**НАЗИРОВА МАРҲАМАТ НАЗАРОВНА,**
сармутахассиси Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел.: (+992 37) 2-27-59-80; (+992) 918-42-91-84,
e-mail: nmarxamat@mail.ru

*Дар мақола арзишҳои гуногуни маориф мавриди омӯзиш қарор гирифта, мафҳумҳои асосӣ, мазмун, моҳият ва робитаи онҳо ба соҳаҳои дигари илм нишон дода шудааст. Ҳамзамон, вазифаҳо ва принсипҳои асосии маориф ҳамчун арзиш баррасӣ гардида, арзишҳои гуногуни моддию маънавӣ, аз ҷумла, донишу таҷриба, таълиму тарбия, фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои ниёгон таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Дар асоси тафсирҳои гуногуни маориф собит гардидааст, ки ҳамаи ин мафҳумҳо маорифро ҳамчун як ниҳод ё раванди мутамаркази таълимию тарбиявӣ муаррифӣ намуда, дар ҷомеа барои рушди маънавии шахс шароити мусоид фароҳам месозанд.*

***Калидвожаҳо****: маориф, арзишҳои маориф, вазифаҳои маориф, иҷтимоӣ–фарҳангӣ, иҷтимоӣ–иқтисодӣ, иҷтимоӣ–сиёсӣ, таълиму тарбия, иҷтимоигардии шахс, ҷомеа.*

Дар замони муосир маориф ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ дар раванди фаъолияти соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо нақши ниҳоят муҳим мебозад. Низоми маориф дар ҳар давру замон ва марҳалаҳои гуногуни таърихӣ раванди иҷтимоишавии ҳар шахс ва маълумотнокии аҳолиро таъмин намуда, онҳоро барои фаъолияти мустақилона ва ҷамъиятӣ тайёр менамояд. Маориф яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ки аз фаъолияти он ҳолатҳои зеҳнӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа вобаста аст.

Вақте дар бораи арзишҳои маориф сухан меравад, пеш аз ҳама, зинаҳои онро муайян намудан лозим меояд. Он аз се зина иборат мебошад: якум, арзишҳои маориф ҳамчун арзишҳои давлатӣ, дуюм, ҳамчун арзишҳои ҷамъиятӣ ва ниҳоят, сеюм ҳамчун арзишҳои шахсӣ. Солҳои пеш аслан ду арзиши аввал, ки аҳамияти дастаҷамъиву гурӯҳӣ дошта, падидаҳои гуногуни фарҳангиро инъикос менамуданд, ба эътибор гирифта мешуданд. Ҳоло бошад, афзалият ба арзишҳои маориф ҳамчун арзишҳои шахсӣ дода мешавад, ки он муносибати инфиродӣ ва мавқеи ҳар шахсро доир ба сатҳу сифати таълим муайян менамояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки байни арзишҳои маориф ва арзишҳои шахсӣ муносибати зич мавҷуд буда, инсон дар давоми ҳаёт ба таҳсилоти бефосила фаро гирифта мешавад ва дар ин замина арзишҳои гуногуни ҷомеаро ҳифз менамояд.

Дар марҳалаи кунунӣ рушди пайвастаи ҷомеа бидуни азхуд намудани арзишҳои гуногуни моддию маънавӣ, аз ҷумла, донишу таҷриба, таълиму тарбия, фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои мероси ниёгон ғайриимкон мебошад. Ҳамаи ин бошад, бевосита аз маориф сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, кишварҳои пешқадам бевосита ба рушди маориф ва маълумотнокии аҳолӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, бо ин васила рушди дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро таъмин менамояд. Чунончи, кишвари Ҷопон, ки имрӯз яке аз пешсафони иқтисоди ҷаҳонӣ ба шумор меравад, аз рӯйи захираҳои табиӣ дар минтақаҳои камбағалтарини рӯйи замин қарор дошта, даромади миллии онро асосан потенсиали ақлонӣ ташкил медиҳад. Кишварҳои дигар, аз қабили Сингапур ва Малайзия, ки 20–30 сол пеш дар қатори давлатҳои ақибмондаи дунё қарор доштанд, маҳз тавассути баланд бардоштани маълумот ва рӯ овардан ба илму технологияи нав, яъне тавассути потенсиали ақлонӣ ба зинаи баланди тараққиёт ноил гардиданд. [6, с.7]

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” омадааст, ки маориф – раванди таълиму тарбия ба манфиати шахс, ҷамъият ва давлат аст, ки соҳиби дараҷаи муайяни таҳсилот гардидани таълимгирандагонро таъмин мекунад.[5] Дар Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон маориф системаи иҷтимоие ҳисобида шудааст, ки раванди идораи таълим, тарбия, маълумот ва умуман маърифати ҷомеаро ба низом медарорад.

Мафҳуми маориф ва арзишҳои онро илмҳои гуногун аз нуқтаи назари худ баррасӣ ва таҳқиқ менамоянд. Дар фалсафа мафҳуми маориф ҳамчун раванди рӯҳан ташаккул ёфтани инсонро ифода мекунад. Илми равоншиносӣ масъалаи таъсири маориф ба ташаккулёбии шахс ва психикаи ӯро баррасӣ менамояд. Дар педагогика бошад, зери мафҳуми маориф раванди таълиму тарбия, натиҷаи азхуд кардани донишҳои илмию маърифатӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, сифатҳои маънавии шахс ва қобилияти эҷодии ӯ фаҳмида мешавад.

Дар илмҳои дигари гуманитарӣ, аз ҷумла, дар ҷомеашиносӣ ва сотсиологияи маориф низ ин мафҳум омӯхта мешавад. Мавзӯъҳое, ки бевосита мавриди омӯзиши сотсиологияи маориф қарор гирифтааст ва таҳлил карда мешаванд, ба паҳлуҳои иҷтимоии маориф равона гардида, дар он қайд мегардад, ки тавассути маориф ҳар шахс метавонад ба ин ё он гурӯҳҳои иҷтимоӣ ворид гардад ва дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мавқеи муайяни худро пайдо карда, дар он нақшҳои гуногунро иҷро намояд.

Ҳамчунин, дар илми ҷомеашиносӣ маориф, пеш аз ҳама, ҳамкории сохторҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеаро, аз ҷумла таҳлили сар задани нобаробарии иҷтимоӣ дар соҳаи маориф, таъсири низоми маориф ба ҷойивазкунии иҷтимоии шахсро баррасӣ менамояд. Дуюм, дар ин илм низоми маориф ҳамчун муассисаи иҷтимоӣ бо сохтори хос, мавқеъ ва нақши худ, ки тавассути он навъҳои гуногуни фаъолият ба роҳ монда мешаванд, таҳлил карда мешавад. Сеюм, маориф ба ҳайси яке аз

муҳимтарин ниҳоди таҷдидкунанда, устуворкунанда ва рушдёбандаи ниҳодҳои ҷамъиятӣ баррасӣ карда мешавад. [11, с.284]

Инчунин, илми назарияи арзишҳои маориф (аксиология) вуҷуд дорад, ки маҳз он ба ҷамъбасткунии дониш дар бораи арзишҳои маориф машғул буда, маорифро аз нигоҳи арзишмандӣ таҳлил менамояд ва проблемаҳои аксиологиро аз нуқтаи назари асосҳои назариявии арзишҳои муосири фалсафӣ меомӯзад.

Ҳарчанд, ки мафҳуми маориф дар асрҳои миёна ва баъди он истифода намешуд, аммо ҳамаи он таълиму тарбия ва донишандӯзие, ки дар он давраҳо бо усулҳои гуногун ба роҳ монда шуда буд, мафҳуми мазкурро ифода мекард. Баъдан, дар соли 1780–уми асри XIX мафҳуми маорифро педагоги швейтсариягӣ И.Г.Песталотси (1746–1827) ҳамчун мафҳуми педагогӣ ба илм ворид намудааст. Дар он вақт мафҳуми маориф ба маънои васеъ, ҳамчун натиҷаи таъсири педагогӣ ба инсон фаҳмида мешуд. Дар илми педагогикаи муосир маориф дар чор самт, яъне ҳамчун система, арзишҳо, раванд ва натиҷаи он таҳлил ва баррасӣ карда мешавад.

Дар фалсафаи маориф мафҳуми маорифро дар се маънои асосӣ фаҳмидан мумкин аст: маориф–чун сарвати шахсият; маориф–чун раванди ба даст овардани ин сарват аз тарафи шахсият; низоми маориф – чун ниҳоди иҷтимоӣ, ки ҷиҳати кумак расонидан ба тамоми шаҳрвандон бо мақсади ба даст овардани чунин сарват вуҷуд дорад. [3, с.96-97]

Маориф аз рӯйи моҳияти худ маънии равандро ифода мекунад, яъне раванди ҳаракат аз ҳадафҳо ба сӯйи натиҷа, раванди боҳамалоқамандии субъект – объект ва субъект – субъекти омӯзгор ва хонанда. Маориф чун раванд низоми гуногунсоҳа ва гуногунсатҳи ташаккули муносибати байни инсон ва муҳити атроф, байни ҷомеа ва табиат, байни инсон ва ҷомеа фаҳмида мешавад. Он аз рӯйи тавсифи сифатии худ на танҳо арзиш, низом ва раванд, балки натиҷаи ба давлат, ҷомеа ва ба шахсият бахшидани он арзишҳое низ мебошад, ки барои вазъи иқтисодӣ, ахлоқӣ ва зеҳнии “истеъмолкунандагони маҳсулот”-и соҳаи маориф заруранд. Ғайр аз ин, маориф чун сарвати ҷамъиятӣ натиҷаи азхуд кардани дониши ба низом даровардашудаи ифодакунандаи қобилият ба меҳнат буда, шарти муҳимми пешрафти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ба шумор меравад.[7, с.12-13]

Вақте мафҳуми маорифро ҳамчун як ниҳоди иҷтимоӣ баррасӣ менамоем, маълум мегардад, ки он яке аз зерсохторҳои иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ аз зерсохторҳои гуногуни худ иборат аст, ки ҳамаи онҳо аз ҳамдигар вобаста мебошанд. Аз ҷумла, низоми идоракунии соҳаи маориф (мақомоти идоракунии маориф, стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаҳои таълимӣ), муассисаҳои таълимӣ (муассисаҳои томактабӣ, мактабҳо, коллеҷҳо, донишкадаю донишгоҳҳо), шаклҳои таълим (умумӣ, миёна, миёнаи касбӣ, олӣ ва баъдидипломӣ, иловагӣ), раванди таълим (раванди омӯзиш, азхуд кардани донишу малака, арзишҳои гуногун) ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё ин ки

субъектҳои маориф (омӯзгорон, хонандагон, донишҷӯён) ҳамчун зерсохторҳои соҳаи маориф баромад мекунанд.

Дар умум метавон гуфт, ки маориф раванд ва натиҷае мебошад, ки ҳар шахс бо азхуд намудани таҷриба, донишу малака ва арзишҳои наслҳои гузашта дар бораи олами ҳастӣ ва дигар мавҷудоту зуҳурот тасаввурот пайдо менамояд. Дар ин раванд коршиносон маорифро ба се ҷанбаи асосӣ ҷудо намудаанд: якум, маориф низоми ягонаи дониши инсон дар бораи олам мебошад, ки ба соҳаҳои гуногуни фаъолият равона гардидааст; дуюм, низоми омӯзиши мақсадноки ҳар шахс ва ташаккули донишу малакаи ӯ; сеюм, низоми муассисаҳои иҷтимоӣ, ки таълими пеш аз касбӣ ва касбиро таъмин менамояд.

Дар мавриде, ки мафҳуми маориф ҳамчун таълим фаҳмида мешавад, пас он метавонад хусусиятҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ дошта бошад. Дар ин ҳолат натиҷаҳои маориф гуногун буда, аз рӯйи таълим саводнокӣ, маълумотнокӣ, тафаккур ва босалоҳият будани ҳар шахс муайян мегардад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” омадааст, ки таълим фаъолияти муштараки падару модар (ё шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ мебошад.[5]

Мафҳуми маориф ҳамчун таълим инчунин дар ҳолате истифода карда мешавад, ки ҷузъҳои он, яъне донишу маҳорат ва малака дар алоҳидагӣ маънои худро доранд. Масалан, дониш иттилооте мебошад, ки дар хотира нигоҳ дошта шуда, дар натиҷаи қобилияти такрористеҳсоли донишҳои назариявӣ ва илман асосноккардашуда ба вуҷуд меоянд. Ҳамчунин, дониш қисми муҳим ва ҷудонашавандаи сармояи зеҳнии инсон ба ҳисоб меравад. Маҳорату малака бошад, қобилияти истифода бурдани донише аст, ки дар натиҷаи таълим ба даст оварда мешавад. Дониш, маҳорат ва малака қисмҳои ҷудонашавандаи таълим буда, ҳамдигарро пурра менамоянд.

Чӣ тавре ки дар боло зикр  гардид, мафҳуми маорифро олимону коршиносони илмҳои гуногун аз рӯи мазмун ва моҳияташ вобаста ба ин ё он илм тафсир намудаанд. Бо вуҷуди ин, истифодаи тафсирҳои гуногуни мафҳуми маориф ба ҳамдигар зиддият нишон намедиҳанд, балки ин мафҳумҳо ҳамдигарро комил мегардонанд.

Ҳамаи ин тафсирҳо хусусиятҳои умумӣ дошта, мақсади асосии онҳо инкишофи шахси бомаърифат мебошад. Аз ин рӯ, пеш аз мафҳуми маорифро ҳамчун инкишофи шахси бомаърифат муаррифӣ намудан, ба мафҳуми худи шахс таваҷҷуҳ кардан лозим меояд.

Дар муошират ҳаррӯзаи мо мафҳуми шахс дар якҷоягӣ бо дигар мафҳумҳои бо ҳам алоқаманд, яъне фард, инсон, одам истифода мегардад. Аз нуқтаи назари ҷомеашиносӣ инсон ҳамчун шахс ба дунё намеояд, балки дар раванди иҷтимоишавӣ (сотсиализатсия) фардият ба шахс ё шахсият

табдил меёбад. Мафҳуми инсон дорои хусусияти умумиятҳои таърихан ташаккулёфта буда, нисбати ҳамаи аъзои ҷомеа истифода мешавад.

Шахс моҳияти иҷтимоию психологии инсон буда, дар натиҷаи аз тарафи фард азхуд кардани шаклҳои ҷамъиятии шуур ва рафтор, таҷрибаи ҷамъиятӣ – таърихии инсоният (яъне инсон дар зери таъсири ҳаёти ҷамъиятӣ, тарбия, омӯзиш, муошират ва таъсири тарафайн ба шахс табдил мегардад) ташаккул меёбад. [10] Ба ақидаи В.А.Ядов, шахс хусусиятҳои ягонаву томи иҷтимоии инсон, маҳсули инкишофи ҷомеа ва ворид шудан ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ тавассути фаъолияти босамар ва муошират мебошад. [12]

Рушди шахс ва раванди иҷтимоишавии ӯ аз рӯзҳои аввали ҳаёт сар шуда, раванди дуру дарози ташаккули шахсиятро ифода менамояд. Раванди иҷтимоигардии ҳар шахс аз таълиму тарбия, саводнокӣ ва фарҳангу тафаккур оғоз меёбад. Омилҳои асосие, ки ба инкишофи шахс, яъне раванди тӯлонии ташаккули ӯ боис мегарданд, пеш аз ҳама, аз кӯшишу ҳаракат ва фаъолияти ҳар шахс вобаста мебошанд. Дар баробари ин, муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ низ ба ташаккулёбии шахс таъсир расонида метавонад. Дар раванди иҷтимоишавӣ таълиму тарбия дар дигаргун гардидани сифатҳои ҳар шахс, аз ҷумла раванди азхудкунии таҷрибаҳои иҷтимоию таърихӣ, ташаккули рафтору кирдорҳои бошуурона, азхуд намудани арзишҳои гуногун ва дар ин замина ба ҷомеа ворид гардидани ӯро таъмин менамояд, ки ин низ як ҷузъи раванди таълим ба ҳисоб меравад. Дар ин самт маорифро ҳамчун як ниҳоди расмӣ шинохтан мумкин аст, ки тавассути он дар ҷомеа арзишҳо ва донишу малакаи гуногуни як шахс ба шахси дигар мегузарад.

Маориф ба монанди дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа вазифаҳои муайяни худро иҷро менамояд ва вобаста ба фаъолияти соҳаҳои гуногуни ҷомеа равона карда мешаванд. Пеш аз он ки вазифаҳои маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ баррасӣ карда шаванд, зарурати шарҳи худи мафҳуми вазифа ба миён меояд.

Вазифа муродифи калимаи лотинии functio (функсия), яъне иҷро ё татбиқ намудан мебошад, ки фаъолияту уҳдадориҳои ягон ашё, субъектҳо ва низоми муайяни муносибатҳоро мефаҳмонад ва соҳаҳои гуногуни ҷомеа вобаста ба самти фаъолияти худ онро иҷро менамояд. Дар ҷомеашиносӣ вазифа ҳамчун нақшест, ки ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ дар робита бо кулл, вобаста ба самти худ, масалан, вазифаи давлат, оила ва ғайра дар ҷомеаро муайян менамояд. Ҳамин тавр, соҳаҳои гуногуни ҷомеа вазифаҳои мушаххаси худро доранд.

Вазифаҳои маорифро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ метавон ба ду қисм, яъне асосӣ ва ёрирасон ҷудо намуд. Вазифаҳои асосии он–аввалан, омӯзонидан ё таълим мебошад, ки тавассути муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёна, миёнаи махсус ва олии касбӣ ба роҳ монда шуда, мутахассисони касбҳои гуногун тайёр карда мешаванд. Вазифаи дуюм он иҷтимоигардонии шахс (сотсиализатсия) мебошад, ки дар боло ишора гардида буд. Вазифаи дигар назорати иҷтимоӣ мебошад. Яъне дар ин ҷо вази-

фаи маориф аз он иборат аст, ки таълиму тарбия ва рафтори насли наврасро назорат намояд, зеро сатҳи савод ё маърифатнокӣ ва рафтори онҳо на фақат дар истеҳсолот, балки дар ҳаёти ҳаррӯза хеле муҳим мебошад. Аз ин рӯ, маорифро ягона зерсохтори махсусгардонидашудаи ҷомеа меноманд, ки вазифаҳои он бо ҳадафҳои ҷомеа мувофиқат мекунанд ва бо ин васила тартиботи иҷтимоии ҷомеаро назорат таъмин менамояд. Агар соҳаҳои дигари иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳаёти моддию маънавӣ ва хизматрасонии ҳар шахс равона гардида бошад, пас соҳаи маориф худи шахсро дар ин ҷомеа ва барои ҷомеа, тавассути қобилияти зеҳнӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии ӯ тайёр карда, бо ин роҳ тартиботи ҷамъиятиро таъмин менамояд.

Вазифаҳои ёрирасони соҳаи маориф, ки онҳо ҳам аслан, вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- вазифаҳои иҷтимоӣ;
- вазифаҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ;
- вазифаҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ;
- вазифаҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ.

Вазифаҳои иҷтимоии маорифро, пеш аз ҳама, таҷдид ва рушди сохтори иҷтимоии ҷомеа ташкил медиҳад. Дар ин ҷо, ҳар шахс танҳо тавассути ниҳоди маориф, ё худ муассисаҳои таълимии он метавонад соҳиби ин ё он касб гардад. Ҳамзамон, маориф ҳамчун воситаи зудҳаракатии иҷтимоӣ (социальная мобильность) баромад намуда, ҷобаҷогузории қишрҳои гуногуни ҷомеаро таъмин менамояд.

Вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии маориф аз ҳамдигар вобаста буда, бо рушди сармояи инсонӣ алоқаманд мебошанд. Он, аз ҷумла ташаккули сохтори иҷтимоию касбии захираҳои меҳнатиро муайян намуда, баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва касбияти мутахассисонро, ки ба талаботи бозори меҳнат заруранд, таъмин менамояд. Ҳамчунин, ташаккул ва рушди неруи зеҳнӣ, илмию техникӣ ва кадрии ҷомеа аз маориф вобаста мебошад. Ба ибораи дигар, метавон гуфт, ки вазифаи иҷтимоию иқтисодии маориф дар самтҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои дигар тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси гуногункасб мебошад, ки ҷалбу тақсимоти онҳо тибқи самтҳои рушди соҳаи маориф ба роҳ монда мешавад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини иҷтимоию иқтисодии маориф ин ташаккули неруи зеҳнӣ ва кадрии ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои иҷтимоию сиёсӣ бошад, барои таъмини амнияти иҷтимоии ҷомеа дар самти маориф нигаронида шуда, рушди устувори ҷомеаро таҳти назорат қарор медиҳанд. Ба ҳар шахс имкон дода мешавад, ки арзишҳо ва меъёрҳои рафтори сиёсиро омӯзад ва бо ин восита муносибатҳои гуногуни он таҳти назорат қарор мегирад. Таъмини ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахс тибқи қонунгузории соҳаи маориф дар омӯхтани илму дониш ва ба таҳсил фаро гирифтан низ аз ҷумлаи чунин вазифаҳо мебошад. Дар ин самт низоми маориф объекти амнияти иҷтимоӣ ба шумор рафта, ба раванд ва низоми таълим, пеш аз ҳама, ба дастрасии маводи дарсӣ барои тамоми хонандагон дахл дорад. Бояд таъкид намуд, ки дар баъзе мавридҳо

раванди таълим ба саломатии хонандагон ва донишҷӯён таъсири манфӣ мерасонад, зеро сарбории таълимии онҳо баъзан бо имкониятҳои синну солиашон мувофиқат намекунад. Бо вуҷуди ин, солҳои охир дар низоми мао-риф раванди тағйири парадигмаи таълимӣ ҷараён дорад, ки он ба ҳифз ва таҳкими саломатии хонандагон аҳамияти асосӣ медиҳад. Ҳамзамон, ба созмондиҳӣ ва фаъолияти низоми маориф чун ниҳоди иҷтимоӣ таҳдид ба табиат, манбаъ ва шаклҳои гуногуни он дахл дорад. Ҳамаи ин аз омилҳои зерин вобаста мебошанд: буҳрон дар соҳаи маънавиёт; коҳиши нуфузу эътибори таҳсилот; кӯшиши шикасти пурраи низоми пешинаи маориф ва бо намунаи Ғарб сохтани он; кифоя набудани маблағгузорӣ; тиҷоратикунонии таълим; сатҳи баланди фасод дар муассисаҳои таълимии кишвар. Ҳар яке аз ин омилҳо зарурати ислоҳоти амиқи тамоми низоми маориф ва стратегияи нави таълимӣ, ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи тарбияи маънавӣ ва ахлоқии аҳолиро талаб менамояд. [6, с.228]

Вазифаҳои иҷтимоию фарҳангии соҳаи маориф аз он иборат мебошанд, ки, пеш аз ҳама, ҳар шахсро ҳамчун инсони комил тарбия намоянд, таъриху фарҳанги ҳар як қавму миллатро ҳифз намуда, аз насл ба насл гузаштани тамаддуни башариятро таъмин созанд. Дар ташаккули шахсият ва рушди фаъолияти эҷодии ӯ, донишу меъёрҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои маънавӣ нақши муҳим дошта, ҳар як насли ҷавонро ба ҳаёти мустақилона омода месозанд.

Дар ин самт маориф имкон медиҳад, ки раванди такрористеҳсолкунӣ ва аз насл ба насл гузаштани таҷрибаҳои иҷтимоию таърихӣ нигоҳ дошта шуда, дар мафкураи наслҳо ҳодисаҳои наву гуногуни иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ сабт гарданд. Дар шароити тағйирёбии ақидаҳои гуногуни идеологӣ маориф нақши устуворкунандаро дорад, ки ҳар шахсро дар шароити нав, барои бо он мутобиқ гардидан тайёр менамояд. Аз ин рӯ, бояд дар ин лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ идомаи анъанаҳои фарҳангӣ, рӯҳияи меҳанпарастӣ ва ҳифзи ҳуввияти миллӣ таъмин карда шаванд. Зеро инсон дар фазои анъанаҳои иҷтимоӣ–фарҳангӣ зиндагӣ менамояд, ки он бевосита ба ташаккули рӯҳияи ӯ таъсири назаррас гузошта, худи арзиши иҷтимоии маориф низ маҳз тавассути шахси бомаърифат муайян карда мешавад.

Дар умум, ҷомеашиносон вазифаҳои соҳаи маорифро омӯхта, онро ба ҷанбаҳои алоҳида ҷудо менамоянд. Аз ҷумла, маориф аз ҷанбаҳои тарбиявӣ, яъне инкишофи арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ, таълимӣ – омода намудани мутахассисони соҳибкасб ва иҷтимоигардии ҳар шахс иборат мебошад.

Тибқи қонунгузорӣ соҳаи маориф аз рӯйи принсипҳои зерин фаъолият менамояд: баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат, ҳатмӣ будани таҳсилоти умумии асосӣ, дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун, рушди озодонаи шахс, мустақилияти муассисаҳои таълимӣ, рушди соҳаи маориф бо дарназардошти стандартҳои байналмилалии сифати таълим ва меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, ҳамгироии таҳсилот, илм ва

истеҳсолот ва ғайра. Аз рӯйи ин усулҳо сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти маориф бо фароҳам овардани шароит баҳри татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсилоти босифат, баробарии гендерӣ дар фазои таълим, ташкили фазои мусоиди босифат дар таълим ва ҳамгироии он дар муҳити таҳсилоти ҷаҳонӣ равона гардидааст.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи тафсирҳои гуногуни мафҳуми маориф, ки дар боло нишон додем, хулоса баровардан мумкин аст, ки ин мафҳумҳо бо ҳамдигар муқобил набуда, балки якдигарро пурратар месозанд. Ҳамаи ин мафҳумҳо маорифро ҳамчун як ниҳод ё раванди мутамаркази таълимию тарбиявӣ муаррифӣ менамоянд, ки он барои рушди ҳар шахс мусоидат мекунад. Маориф дар замони муосир маҳз тавассути вазифаҳо ва принсипҳои худ дар ташаккули ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа ва ташаккули мутақобилаи ҳар шахс нақши муҳим дорад. Он ягона муассисаи иҷтимоӣ мебошад, ки муносибатҳои гуногуни ҷомеаро таъмин намуда, омили асосии фаъолияти қишрҳои гуногуни ҷомеа маҳсуб меёбад ва маҳз бо воситаи маориф дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа табодули донишу иттилоот амалӣ мегардад.

## АДАБИЁТ

1. Вишнякова С.М. Профессиональное образование: Словарь. Ключевые понятия, термины, актуальная лексика. -М.: НМЦ СПО, 1999. 538 с.

2. Вороненко А.И., Касьяненко А.П., Тишкевич М.Я. Социология образования. Электронный учебно-методический комплекс. 2017 г.

3. Гусинский Н.Э, Турчанинова Ю.И. Введение в философию образования. – М.: Логос, 2003.– С. 96-97.

4. Зимняя И.А. Педагогическая психология: Учебник для вузов. -М.: Логос, 2001. 384 с.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» Душанбе, 2013 с.

6. Қурбонов А.Ш. Илм ва маориф: тамоюлот, мушкилот, дурнамо. Душанбе: Ирфон, 2019. -406 с.

7. Қурбонов А.Ш. Таҳаввули низоми маориф дар Тоҷикистон (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ). – Душанбе: Ирфон, 2019. - С.12-13.

8. Психологический словарь / под ред. В.П. Зинченко, Б.Г. Мещерякова. - М.: Педагогика-Пресс, 1996.

9. Словарь-справочник по педагогике / авт.-сост. В.А. Мижериков; под общ. ред. П.И. Пидкасистого. -М.: ТЦ Сфера, 2004.– 448 с.

10. Социальная работа. Краткий таджикско-русский энциклопедический словарь. –Душанбе, 2009. - С. 511.

11. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений. – Душанбе: Ирфон, 2006.– С. 284

12. Ядов В.А. Личность как объект и субъект социалных отношений. –М., 1974.

## ОБРАЗОВАНИЕ КАК ЦЕННОСТЬ: ПОНЯТИЕ, ФУНКЦИИ И ЕГО ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ

**НАЗИРОВА МАРХАМАТ НАЗАРОВНА,**
главный специалист Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 40,
тел (+992 37) 2-27-59-80; (+992) 918-42-91-84,
e-mail: nmarxamat@mail.ru

*В статье рассматриваются различные ценности образования и излагаются основные понятия, их содержание, сущность и отношение к другим областям науки. В то же время основные цели и принципы образования рассматриваются как ценности; исследуются различные материальные и духовные ценности, включая знания, опыт, воспитание, образование, национальную культуру и традиции предков. На основе интерпретаций образования доказывается, что все эти понятия представляют образование как институт или централизованный образовательно-воспитательный процесс, который создает благоприятные условия для духовного развития человека.*

***Ключевые слова***: *образование, ценности образования, образовательные цели, социокультурные цели, социально-экономические цели, социально-политические цели, воспитание, социализация личности, общество.*

## EDUCATION AS A VALUE: CONCEPT, FUNCTIONS AND ITS BASIC PRINCIPLES

**NAZIROVA MARKHAMAT NAZAROVNA,**
Chief specialist of the Department of analysis of social problems of the Center for Strategic Researches under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave 40,
tel: (+992 37) 2-27-59-80, (+992 ) 918-42-91-84
e-mail: nmarxamat@mail.ru

*The article discusses the various values of education and sets out the basic concepts, content, essence and attitude to other areas of science. At the same time, the main goals and principles of education are considered as values, and*

*various material and spiritual values are examined, including knowledge, experience, upbringing, education, national culture and traditions of their ancestors. Various interpretations prove that all these concepts represent education as an institution or a centralized educational process that creates favorable conditions for the spiritual development of a person.*

***Key words**: education, educational values, educational goals, sociocultural, socio-economic, socio-political, education, socialization of a person, society*

УДК:316(575.3)

# ОМИЛҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ПАҲНШАВИИ КОРРУПСИЯ ДАР ҶОМЕА

**БАҲРОМБЕКОВ ВАФОБЕК АМАДБЕКОВИЧ**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734000, Тоҷикистон, ш.Душанбе. к.Рӯдаки 17.
тел.: (+992) 93-549-38-18; e-mail: daler04@mail.ru

**МИРОВ ФИРӮЗ САФАРАЛИЕВИЧ**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734000, Тоҷикистон, ш.Душанбе. к.Рӯдаки 17.
тел.: (+992) 93-733-33-11; e-mail: mirov2010@mail.ru

*Дар мақола яке аз масъалаи нигаронкунандаи ҷомеаи муосири Тоҷикистон – коррупсия, омилҳои паҳншавӣ ва оқибатҳои иҷтимоии он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Коррупсия ҳамчун монеаи пешрафти иқтисодиёт ва демократия, заифсозандаи бунёди ҷомеаи демократӣ ва омили нодуруст ба роҳ монда шудани сиёсати кадрии давлат баррасӣ гардидааст. Муаллифон дар асоси таҳлили маводи илмӣ, мушоҳидаҳо ва натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологии гузаронидашуда ин падидаи манфии ҷомеаро ҳамҷониба омӯхта шуда, роҳҳои пешгирӣ ва паст намудани сатҳи коррупсияро нишон додаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *коррупсия, ҷиноят, қаллобӣ, тамаъҷӯӣ, маҳалгароӣ, хешутаборбозӣ, муқовимат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, шуури ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, тадқиқоти сотсиологӣ.*

Инсоният имрӯз ба хатарҳои нави глобалӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва дигар хатарҳои нав ба нав рӯбарӯст. Айни замон ба ин хатарҳо боз коррупсия зам шудааст. Коррупсия, аз ҷумла гирифтани пора (моддаи 319-и КҶ), додани пора (моддаи 320-и КҶ), гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ (моддаи 324-и КҶ) ва додани мукофот ба хизматчӣ (моддаи 325-и КҶ) дар ҷомеа реша давондааст, ки зарари он нисбат ба хатарҳои зикршуда камтар нест ва ба онҳо алоқамандии зич дорад.

Коррупсия воқеан яке аз ҷиноятҳои хафноке ба ҳисоб меравад, ки он барои амалӣ гардидани барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон монеа шуда, роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварамонро мебандад, нобоварии шаҳрвандонро нисбат ба давлату ҳукумат ва сиёсати пешгирифтаи сарвари давлат ба вуҷуд меорад ва минбаъд барои ҷинояткорӣ ва ба сари мақомотҳои қудратӣ омадани шахсони тасодуфӣ заминагузорӣ менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оқибатҳои иҷтимоии ин падидаи номатлуб чунин гуфта буданд: "Коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия таъсири манфӣ мегузорад. Гузашта аз ин, коррупсия дар ҷомеа ба риоя нашудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва ба пояи ахлоқ зарба мезанад. Аз ин рӯ, пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро мо яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқии давлат ҳисобида, дар чанд соли охир корро дар ин самт хеле тақвият бахшидем" [4]. Ё "Коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро суст карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад. Мубориза бар зидди ин падидаи нангин ва паст кардани он ба самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст" [5].

Тибқи ахбори масъулони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2019 дар маҷмӯъ, 1370 ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд ошкор карда шуд, ки 375 адади он ба гурӯҳи ҷинояти вазнин шомиланд. Ҷиноятҳои коррупсионӣ дар соҳаҳои маориф ва илм 85, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 83, нақлиёт 12, кишоварзӣ 24, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ 53, саноат ва технологияҳои нав 7, молия 3, инчунин дар сохторҳои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ 53, Кумитаи меъморӣ ва сохтмон 15, ШСХК "Барқи Тоҷик" 15, соҳаи бонкӣ 139, субъектони хоҷагидори ғайридавлатӣ 257, соҳибкорони инфиродӣ 265, дар дигар вазорату идора ва корхонаҳо 187 адад ба қайд гирифта шудааст [12].

Барои муайян намудани назари ҷавонон ба коррупсия, сабабҳо ва роҳҳои муқовимат ба он дар солҳои 2016–2017 Институти "Ҷомеаи кушода"-и Бунёди мадад дар Тоҷикистон дар байни 1000 нафар донишҷӯёни мактабҳои олии шаҳри Душанбе таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронид [3]. Дар таҳқиқот нахуст фикру ақидаи донишҷӯён доир ба дарки мафҳум, мазмун, моҳият ва шаклҳои зуҳуроти ин падидаи номатлуб

пурсида шудааст. Таҳлили натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳад, ки аксари кулли мусоҳибон (82 %) зери мафҳуми “коррупсия” додан ва гирифтани пора (пул)-ро мефаҳманд, ҳол он ки коррупсия танҳо додан ва гирифтани пора нест ва дигар шаклҳои зуҳурот низ дорад. Ин гуна фаҳмиш боис мегардад, ки шаҳрвандон дигар зуҳуротҳои ба коррупсия алоқамандро як ҳодисаи маъмулию рӯзмарра ва қонунӣ мешуморанд.

Зиёда аз се як ҳиссаи мусоҳибон (36,1%) суйистифода аз мансабро амали коррупсионӣ шумурдаанд, яъне аксарият ё 63,9% суйистифода аз мансабро як падидаи қобили қабул медонанд. Ё ин ки зери мафҳуми “коррупсия” 15,6%-и пурсишшавандагон тамаъҷӯйӣ, 14,1% хешутаборбозӣ, 6,4% маҳалгароӣ, 4,3% додан ва гирифтани тӯҳфаро фаҳмидаанд, дар ҳолате, ки ин зуҳуротҳои ногуворӣ номбаршуда шаклҳои хафноки коррупсия мебошанд. Ҳатто ҳастанд донишҷӯёне, ки зери мафҳуми “коррупсия” номи мақомоти давлатии мубориза бо коррупсия ё кори мақомоти назоратӣ ва тафтишнамоиро мефаҳманд, ки ин худ аз дониши пасти ҳуқуқӣ ва сиёсиашон гувоҳӣ медиҳад *(нигаред ба диаграммаи 1).*

*Диаграммаи 1.*

*Шумо коррупсия гуфта чиро мефаҳмед? (N=1000, %)*




Аз таҳлилҳои болоӣ бармеоянд, ки назари донишҷӯён нисбати амалҳои коррупсионӣ мухталиф ва зиддиятноканд, онҳо пурра ба мазмуну моҳияти мафҳуми “коррупсия” сарфаҳм намераванд ва оид ба тамоми шаклҳои зуҳуроти амалҳои коррупсионӣ маълумоти зарурӣ надоранд. Аз ин рӯ, барои самаранок гардонидани муқовимати шаҳрвандон ба муқобили коррупсия нахуст дониш ва фаҳмиши онҳоро нисбати шаклҳои гуногуни зуҳуроти коррупсия баланд бардоштан лозим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабҳои гуногун ва зиёди коррупсия мавҷуданд, ки омилҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ доранд. Кӯшиши ба таври осон хубтару беҳтар зиндагӣ кардан аз дигарон, бо роҳи нисбатан сабуктар ҷамъ кардани моликияти хусусӣ, боварӣ надоштан ба дигарон ва ташкили гурӯҳи "худӣ", маҳалгароӣ ва хешутаборбозӣ сабабҳои асосии рушди сартосарии коррупсия ба ҳисоб мераванд. Дар ҷомеаи гузариш маҳз коррупсия боиси соҳиби сарвати беҳисоб гаштани баъзе аз афроди нолоиқи ҷомеа мегардад. Агар як сабаби ба коррупсия рӯ овардани мансабдорону шахсони масъул маоши кам ва муҳтоҷӣ бошад, сабаби дигар ба одат табдил ёфтани ин намуди аъмол мебошад. Зеро имрӯз ба шахсоне вохӯрдан мумкин аст, ки зиндагии хубу даромади кофӣ доранд, аммо боз даст ба фасод мезананд, ба ин гуна даромади муфту ҳангуфт одат кардаанд. Мувофиқи натиҷаҳои тадқиқоти Маркази таҳқиқоти зиддикоррупсионӣ (Anti-corruption Resource Center)-и 70 дар сади афроди пурсидашуда дар Тоҷикистон гуфтанд, ки ҳадди аққал як бор ришва додаанд ё дар ҳолати ришвадиҳӣ буданд.

Дар тадқиқоти сотсиологӣ номбаршуда ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода шудааст ва ақидаи донишҷӯён нисбати он муайян гардидааст. Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ ба ақидаи донишҷӯён сабабҳои асосии боло рафтани сатҳи коррупсия дар кишварамон хоҳиши ҳар чи зудтар иҷро кардани масъалаи худ (52,1%), сатҳи пасти дониши ҳуқуқии шаҳрвандон (47,6%), аз ноилоҷӣ ва ночор мондан (34,0%), маоши ками кормандони соҳаи буҷавӣ (28,9%) ва дигар омилҳо будааст *(нигаред ба диаграммаи 2)*. Вобаста ба ин масъала ақидаи коршиносон ва маводи ВАО низ таҳлил гардид, ки сабабҳои паҳншавии коррупсия падидаҳои хешутаборбозӣ, хотирбинӣ, маоши паст, сатҳи пасти дониши ҳуқуқи кормандон, тарс аз қонун надоштан ва боварӣ ба имкони аз ҷавобгарӣ раҳо шудан низ буда метавонанд. Ҳангоми мубориза ва муқовимат ба коррупсия маҳз ин сабабҳоро ба инобат гирифта, барои бартараф намудани онҳо тамоми кушишҳоро ба харҷ додан лозим аст.

*Диаграммаи 2.*

*Сабабҳои асосии ба амалҳои коррупсионӣ даст задани шаҳрвандонро дар чӣ мебинед? (N=1000, %)*




Ба андешаи мо коррупсия чунин оқибатҳои номатлуби иҷтимоиро ба вуҷуд меорад:

- Васеъ гаштани доираи иқтисоди пинҳонӣ, ки ба кам шудани андоз ва заиф гардидани буҷаи давлатӣ боис мегардад;
- Хароб гаштани рақобати солим дар бозор;
- Ѓайрисамаранок истифода гардидани буҷаи давлатӣ;
- Фазои сармоягузорӣ хароб мегардад;
- Намояндагони фасодзадаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мустаҳкамшавии гурӯҳҳои ҷиноӣ мусоидат мекунанд;
- Ҳуқуқ ҳамчун воситаи зӯроварӣ истифода мешавад;
- Шиддати иҷтимоӣ боло меравад ва ба устувории иҷтимоӣ ва сиёсӣ хатарҳо эҷод менамояд;
- Мансабдорон ва дигар мақомоти давлатӣ на ба манфиати шаҳрвандон, балки барои таъмини ҳокимияти гурӯҳи ҳукумрон хизмат мекунанд;
- Боварӣ ба ҳокимият ва мансабдорони давлатӣ поён меравад, аҳолӣ аз ҳокимият бегона мегарданд;
- Обрӯи давлат дар арсаи байналмиллалӣ поён меравад;
- Нигилизми ҳуқуқӣ меафзояд, арзишҳои демократӣ моҳияти худро дар чашми аҳолӣ гум мекунанд.

Муқовимат бо коррупсия ҷузъи муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва амалӣ намудани он иродаи қавии сиёсӣ, ташаккули заминаҳои боэътимоди ҳуқуқию ниҳодӣ, ва ҷалб намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро талаб менамояд. Чӣ тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд “Мубориза ба

муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад. Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем сатҳи коррупсияро дар мамлакат коҳиш диҳем".

Яке аз муҳимтарин самтҳои аксуламал бо коррупсия ба миён овардан ва такмили заминаҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ба ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари мо барои мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб ҳамаи ин заминаҳо фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, дар ин самт қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ қабул шуда, ниҳоди махсусгардонидашудаи давлатӣ –Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва ниҳоди умумимиллӣ– Шӯрои миллии муқовимат бо коррупсия таъсис дода шудаанд. Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду маротиба Стратегияи муқовимат ба коррупсия қабул карда шудааст.

Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020 ба зиммаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия гузошта шуда, Агентӣ вазифадор гардидааст, ки аз натиҷаҳои мониторинги маҷмӯии ҳолати иҷрои он ҳар сол ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор пешниҳод намояд. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №465 ҷиҳати иҷрои самараноки банди 45 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия "Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ" қабул карда шуда, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия вазифадор гардидааст, ки аз натиҷаи иҷрои методологияи номбурда дар ҷамъбасти сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор пешниҳод намояд.

Мубориза ба муқобили коррупсия кори саҳл нест, зеро коррупсионерҳоро ёфтан, таҳқиқ кардан ва ба ҷавобгарӣ кашидан, хеле мушкил мебошад. Баъдан рӯҳияи нигилистизми ҳуқуқии аҳолӣ боиси боз ҳам густариш ва мустаҳкамшавии коррупсия мегардад. Аммо бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта сиёсати зиддикоррупсионӣ танҳо ба воситаи баланд кардани даромади расмии хизматчиёни давлатӣ ва доштани якчанд коррупсиясионерҳо тадбиқ намегардад, "барои мубориза бо коррупсия на сухан, балки амал кардан лозим аст" [6, с. 152–153].

Муҳимтарин стратегияи муқовимат ё мубориза ба муқобили коррупсия дарёфти роҳҳои монеагузорию бартараф намудани сабабу омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мебошад. Таҳлили натиҷаҳои назарпурсии сотсиологии номбаршуда нишон доданд, ки мусоҳибон баланд

бардоштани дониши ҳуқуқии шаҳрвандон (67,4%), боз ҳам ҷиддӣ ва сахтар намудани қонунгузориро нисбати коррупсионерҳо (49,6%), баланд бардоштани маоши кормандони буҷавӣ (44,8%) ва ҷиддӣ намудани назорат аз болои даромаду харoҷoти мансабдорон (32,6%)-ро роҳҳои асосии муқовимат ва мубориза ба муқобили коррупсия мепиндоранд. Аз ин шумора 2,8% барои ҷавоб додан ба ин савол мушкилӣ кашидаанд *(нигаред ба диаграммаи 3)*

*Диаграммаи 3.*

*Ба ақидаи Шумо бо кадом роҳҳо сатҳи коррупсияро дар Тоҷикистон паст намудан мумкин аст? (N=1000, %)*




Умуман, барои паст намудани сатҳи коррупсия дар кишвар татбиқи тадбирҳои зерин мусоидат менамоянд:

- Ислоҳи принсипҳои идораи давлатӣ, ташаккули механизмҳои шаффофи ҷойивазкунии хизматчиёни давлатӣ, ташаккули низоми ҳатмии робитаи мутақобилаи ҳокимият бо шаҳрвандон.

- Ба сафи мақомоти махсуси давлатӣ барои мубориза ба муқобили коррупсия ҷалб кардани кормандони босаводу кордон ва бовиҷдон, имчунин ба онҳо таъин намудани маоши баланд ва додани ваколатҳои васеъ.
- То ҳадди имкон кам намудани мансабҳои роҳбарикунанда, ки кори якдигарро такрор иҷро мекунанд. Ба мансабҳо шахсонеро гузоштан лозим аст, ки мутахассиси ҳамон соҳа бошад ва бо дасти поку аз таҳти дил барои ба шаҳрвандон хизмат намудан омода бошад. Ҳамаи дари муассисаҳои давлатиеро, ки хизмати давлатӣ мерасонанд, ба руи шаҳрвандон кушодан лозим, то онҳо бемонеа бо мансабдорон суҳбат кунанд ва мушкилоти ҳаётии худро ҳал намоянд. Ҳар як мансабдор бояд дар рӯзи корӣ дар ҷойи кораш бошад, дар мавриди набудани ӯ бояд ягон нафар комилан вайро иваз карда тавонад.
- Ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои мубориза бо коррупсия. То агар давлат барои муборизаи самаранок бо коррупсия бо шаҳрвандон ҳамкорӣ накунад, ба ягон мақсад намерасад, зеро дар раванди коррупсия шаҳрвандон низ иштирок мекунанд ва ахбордиҳандаи асосӣ онҳоянд. Давлат тавассути ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон мақоми иҷтимоии худро боло мебарад, боварии аҳолӣ ба давлат зиёд мешавад. Шаҳрвандоне, ки дар ин раванди мубориза кӯмак мерасонад, бояд ҳавасманд гардонида шуда, бехатарии онҳо кафолат дода шавад.
